**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**
**МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ НОҲИЯИ**
**МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ**

# ҚАРОР

№ 42 аз 28 сентябри соли 2015 шаҳраки Москва

Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ барои солҳои 2016-2020

Мутобиқи моддаҳои 8, 9, 20- и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» иҷлосияи сеюми Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, даъвати панҷум

ҚАРОР МЕКУНАД:

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ барои солҳои 2016-2020 тасдиқ карда шавад.

Раиси Маҷлиси
вакилони халқи ноҳияи
Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ А. Вализода

**МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ**
**ДАВЛАТИИ НОҲИЯИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ**

# БАРНОМАИ РУШДИ
# ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ
# НОҲИЯИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ
## барои солҳои 2016-2020

**ДУШАНБЕ-2015**

# МУНДАРИҶА

**Рӯйхати ихтисорот** ........ **5**
**Пешгуфтор** ........ **6**

**БОБИ 1. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ УМУМИИ НОҲИЯИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ** ........ **8**

**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ** ........ **12**
2.1. Соҳаи кишоварзӣ ........ 12
2.2. Саноат ........ 22
2.3. Соҳибкории хурду миёна ........ 24

**БОБИ 3. СОҲАҲОИ ИҶТИМОӢ** ........ **30**
3.1. Маориф ........ 30
3.2. Тандурустӣ ........ 36
3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ........ 39
3.4. Фарҳанг ва варзиш ........ 41

**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР** ........ **44**
4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ........ 44
4.2. Хоҷагии манзилию коммуналӣ ........ 46
4.3. Баркрасонӣ ........ 48
4.4. Соҳаи нақлиёт ва роҳсозӣ ........ 50
4.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ ........ 51

**БОБИ 5. ОМОДАГӢ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА, ПЕШГИРӢ ВА КАМ КАРДАНИ ҲОЛАТИ ХАТАРИ ОНҲО** ........ **52**

**БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ** ........ **56**

**БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ** ........ **59**

**Замимаҳо оид ба стратегияи рушди ноҳия аз рӯи соҳаҳо** ........ **60**

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| АИО | Асотсиатсияи истифодабарандагони об |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| СВОТ | Паҳлӯҳои қавӣ, заиф, имкониятҳо, хатарҳо |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| МИҲД | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| СБСНМТ | "Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015" |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| Х/Д | Хоҷагии деҳқонӣ |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ФАО | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |

# ПЕШГУФТОР

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ барои солҳои 2016-2020 (минбаъд барномаи рушди ноҳия) дар асоси “Дастурамали методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” (аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шудааст) таҳия шудааст.

Дар раванди тарҳрезии Барномаи мазкур талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ”, ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ (“Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола”, “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015”, “Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015”) ва барномаҳои соҳавию минтақавӣ ба инобат гирифта шудааст.

Барномаи мазкур аз ҷониби Гурӯҳи кории ноҳия, ки бо қарори Раиси ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ №34 аз 2 марти соли 2015 (оид ба таҳияи барномаи рушди ноҳия) тасдиқ гардидааст, бо кӯмаки машваратии мутахассисони Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ёрии техникии Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид, таҳия шудааст. Дар раванди таҳияи он намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахшҳои ҷамъиятиву хусусӣ ва мутахассисони соҳавии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии (МИҲД) ноҳия ҷалб гардидаанд.

Ҳадафи асосии Барномаи тарҳрезигардида, таъмин намудани рушди устувори соҳаҳои воқеъии иқтисодиёт, дар асоси коркарди саноатӣ ва истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ, беҳтар намудани хизматрасонии заминавии иҷтимоӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии мардуми ноҳия мебошад. Барномаи зикргардида ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ самтҳои афзалиятнок ва сиёсати ояндаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияро барои давраи миёнамуҳлат муайян менамояд.

Барномаи мазкур аз қисматҳои тавсифи мухтасар ва таҳлили ҳолати умумии ноҳия, аз ҷумла тамоилҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар се соли охир, таҳлили ҳолати ҷории ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (минбаъд ноҳияи Ҳамадонӣ), бо назардошти соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, инфрасохтор, муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулодда, инчунин стратегияи рушди соҳаҳои мазкур дар 5 соли оянда ва таҳлили захираҳои мавҷуда барои иҷрои онҳо, низоми татбиқ, мониторинг ва баҳодиҳии барномаи рушди ноҳия, иборат мебошад.

*Сарчашмаҳои маблаггузории Барномаи рушди*
*ноҳияи Мир Саид Алии Хамадонӣ*




Ба Барномаи рушди ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 177 лоиҳа ба маблағи умумии 206,29 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки аз ин 47 лоиҳа ба маблағи 55,3 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 68 лоиҳа ба маблағи 56,5 млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 38 лоиҳа ба маблағи 71,6 млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 15 лоиҳа ба маблағи 17,6

млн. сомонӣ бахши ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулодда ва 9 лоиҳа ба маблағи 5,18 млн. сомонӣ ба бахши таъминоти захиравӣ рост меояд.

*Тақсимоти маблағҳои “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ барои солҳои 2016-2020” аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ (ҳаз. сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 11140 | 530 | 2100 | 3350 | 3140 | 2020 |
| Соҳибкории хурду миёна ва саноат | 36340 | 1750 | 6750 | 9980 | 9780 | 8080 |
| Сохтмон | 7850 | 450 | 2700 | 2500 | 2100 | 100 |
| Ҳамагӣ, блоки иқтисодӣ | 55330 | 2730 | 11550 | 15830 | 15020 | 10200 |
| Маориф | 31690 | 1150 | 7060 | 8830 | 11470 | 3180 |
| Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 12826 | 2172 | 3622 | 3534 | 2218 | 1280 |
| Фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ | 12030 | 1300 | 830 | 2820 | 3450 | 3630 |
| Ҳамагӣ, блоки иҷтимоӣ | 56546 | 4622 | 11512 | 15184 | 17138 | 8090 |
| Таъминот бо оби нӯшокӣ | 10850 | 800 | 2450 | 3050 | 2300 | 2250 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 10180 | 110 | 252 | 2205 | 3698 | 3915 |
| Барқтаъминкунӣ | 13873 | 500 | 1100 | 1303 | 4770 | 6200 |
| Нақлиёт, роҳ ва алоқа | 36710 | 3060 | 7000 | 9450 | 8000 | 9200 |
| Ҳамагӣ, инфрасохтор | 71613 | 4470 | 10802 | 16008 | 18768 | 21565 |
| Ҳифзи муҳити зист ва пешгирии ҳолатҳои фавқулодда | 17630 | 1660 | 3520 | 3790 | 4400 | 4260 |
| Таъминоти захиравӣ | 5180 | 580 | 920 | 1600 | 1460 | 620 |
| Ҳамагӣ, арзиши БРН | 206299 | 14062 | 38304 | 52412 | 56786 | 44735 |
| Аз ҷумла, буҷети ҷумҳуриявӣ | 46736 | 2112 | 12242 | 13954 | 11408 | 7020 |
| Буҷети вилоятӣ | 4720 | 200 | 200 | 600 | 3050 | 670 |
| Буҷети маҳаллӣ | 12960 | 970 | 1230 | 3550 | 2560 | 4650 |
| Соҳибкорон | 28120 | 1720 | 4760 | 8290 | 8900 | 4450 |
| Маблағҳои худӣ | 9120 | 550 | 1292 | 2655 | 2798 | 1825 |
| Сармояи хориҷӣ | 59650 | 5110 | 9450 | 13290 | 15480 | 16320 |
| Лоиҳаҳои манбаи маблағгузориашон айни ҳол номуайян | 44993 | 3400 | 9130 | 10073 | 12590 | 9800 |

# БОБИ 1. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ УМУМИИ НОҲИЯИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

## 1.1. Сохтори маъмурӣ - ҳудудии ноҳия

Ноҳияи Ҳамадонӣ яке аз навоҳии ҷавонтарини вилояти Хатлон ба шумор меравад. Ин ноҳия дар соҳили рӯди Панҷ ҷойгир буда, аз ҷануб ба масофаи 170 километр бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, аз ҷанубу ғарб ба масофаи 9 километр бо ноҳияи Фархор, аз тарафи шимолу ғарб ба дарозии 42 километр бо ноҳияи Восеъ ва аз тарафи шарқ ба масофаи 150 километр бо ноҳияи Шӯрообод ҳамсарҳад аст. Масоҳати умумии ноҳия 509 километри мураббаъро ташкил медиҳад.

*Харитаи ҳудудҳои маъмурии шаҳрак ва ҷамоатҳои деҳоти ноҳия*




Ҳайати маъмурии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз 8 ҷамоат, аз ҷумла ҷамоати шаҳраки Москва ва 7 ҷамоатҳои деҳоти Қаҳрамон, Меҳнатобод, Даштигуло, Калинин, Турдиев, Панҷоб ва Чубек иборат мебошад

## 1.2. Тавсифи таърихӣ ва фарҳангии ноҳия

Соли 1952 бо қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон дар заминаи деҳаи Чубек, дар ҳайати собиқ вилояти Кӯлоб, ноҳияи нав бо номи Чубек таъсис ёфт. Соли 1952 ин ноҳия ба худ номи Маскавро гирифт ва аз моҳи феврали соли 2004, ба муносибати 650 солагии олиму орифи барҷастаи форсу тоҷик, ба ноҳия номи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ гузошта шуд.

Дар гузаштаи дур дар мавзеи имрӯзаи ноҳия шаҳристоне ба номи Сайёд (дар ҳудуди имрӯзаи хоҷагии Турдиев) қарор доштааст. Шаҳристони Сайёд дар вақти ҷустуҷӯи обҳои зеризаминӣ ошкор гардида, баъдтар аз тарафи бостоншиносон омӯхта шудааст ва яке аз ёдгориҳои бузурги таърихи гузаштагони тоҷик дониста мешавад. Ёдгории Сайёд ба аҳди Сомониён (асрҳои IX-X) дохил буда, бозгӯкунандаи тамаддуни баланди мардуми Хатлон мебошад. Таҳқиқоти бостоншиносон собит намудааст, ки шаҳристони Сайёд дар асрҳои IX-X ба қаламрави ҳокимияти Банҷуриҳои Хатлон дохил

буда, бозёфтҳои археологии аз ин шаҳристон дарёфт гардида, дорои аҳамияти бузурги таърихӣ мебошанд.

Ободшавии ноҳия ба солҳои 50 - уми асри гузашта рост меояд. Он солҳо қисме аз аҳолии минтақаҳои кӯҳии Ховалинг, Сари Хосор, Мӯъминобод, Дашти Ҷумъ, Балҷувон ва Терай, барои табдил додани тӯқайзорон ба заминҳои киштбоб, ба ноҳияи навтаъсиси Чубек муҳоҷир шуданд.

Маҳаллаҳои Чубек, Сайёд ва дигар ҳудудҳои ноҳияи имрӯзаи Ҳамадонӣ, то солҳои 70 – уми асри XIX ба бекигарии Балҷувон таалуқ доштанд ва пас аз истилои Русияи подшоҳӣ, ки дар натиҷаи он тақсимоти маъмурии Аморати Бухоро гузаронида шуд, ин сарзамин ба қаламрави бекигарии Кӯлоб шомил гардид.

## 1.3. Шароитҳои табиӣ, иқлимӣ ва захираҳо

Ноҳияи Ҳамадонӣ дар минтақаи субтропикии хушк қарор дошта, онро аз ҷануб рӯди Панҷ ва аз шимоли ғарб кӯҳи Хоҷа Мӯъмин иҳота менамояд.

Яке аз боигариҳои табиӣ ва ифтихори мардуми ин сарзамин, кӯҳи намаки Хоҷа Мӯъмин мебошад. Ин кӯҳ аз сатҳи баҳр дар баландии 1338 метр қарор гирифтааст. Тамоми кӯҳ аз намаксанги сафеди сабзгун ё бунафштоб иборат аст, ки сатҳи болои онро ҷинсҳои кӯҳии гаҷ ва гаҷмонанд пӯшонидаанд.

Захираи намаки кӯҳи Хоҷа Мӯъмин тахминан 40 – 50 миллиард тоннаро ташкил медиҳад. Гумбази намаки кӯҳи номбурда аз ҷиҳати бузургӣ ва баландии худ яке аз ёдгориҳои барҷастаи геологии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Дар қисми сарҳадии ноҳия, дар назди соҳили рӯдхонаи Панҷ, то мавзеи Фархор, зиёда аз 100 ҳазор гектар туқайзор ва ҷангалҳои анбӯҳи касногузар мавҷуд аст, ки дар он ҷо бузҳои кӯҳӣ, оҳу, хирс, паланг, хӯки ёбоӣ, рӯбоҳ, шағол, гург, паррандаҳои гуногун аз қабили мурғи даштӣ, кабк, мурғобию дигар ҳайвоноти ваҳшӣ ва паррандагони саҳроӣ хеле зиёд аст.

Иқлими ноҳия континенталӣ буда, тобистонаш гарму хушк ва зимистонаш начандон хунук, балки мӯътадил мебошад. Дар тобистон ҳарорати ҳаво аз +40 то +42 дараҷа (баъзан ба + 45 дараҷа) мерасад ва зимистон аз -1 то -5 дараҷа паст мефарояд. Дар ноҳия тағйирёбии пай дар пайи иқлими фаслҳои сол ва ҳатто ҳарорати шабонарӯзӣ ба мушоҳида мерасад. Дар фасли тобистон боришот қариб чашмнорас аст. Ҳамин аст, ки киштукори зироатҳои кишоварзӣ асосан тавассути наҳру каналҳо аз дарёи Панҷ обёрӣ мегардад. Миқдори боришоти солона ба ҳисоби миёна 200 – 350 мм-ро ташкил медиҳад. Моҳҳои июн – сентябр давраи бебориш ва гармои ноҳия мебошад.

## 1.4. Вазъи демографии ноҳия

Шумораи аҳолии ноҳия ба ҳолати 1 январи соли 2015 - 134,7 ҳазор нафар буда, аз ин шумора 65,8 ҳазор нафарро мардҳо ва 68,9 ҳазор нафарро занҳо ташкил менамоянд. Зичии аҳолӣ дар 1 км. мураббаъ 261 нафарро ташкил медиҳад. Ба ҳайати ноҳия 8 ҷамоат дохил мешавад.

| Ҷамоатҳо | Шумораи хонаводаҳо | Шумораи аҳолӣ |
|---|---|---|
| Шаҳраки Москва | 3254 | 22123 |
| Қаҳрамон | 2163 | 18294 |
| Меҳнатобод | 2519 | 21816 |
| Даштигуло | 2142 | 18887 |
| Панҷруд | 1919 | 13368 |
| Турдиев | 1227 | 10435 |
| Панҷоб | 1274 | 10418 |
| Чубек | 2537 | 19179 |
| Ҳамагӣ: | 17035 | 134700 |

Аҳолии ноҳия асосан аз тоҷикон -116,5 ҳазор нафар (86,5%) иборат буда, ӯзбекҳо 17,5 ҳазор нафар (13%), русҳо 0,01% ва дигар миллатҳо 0,04% - ро ташкил медиҳанд. Афзоиши солонаи аҳолӣ 2,47% - ро ташкил медиҳад.

*Ҳайати этникии аҳолии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ*




*Сохтори аҳолии ноҳияи Ҳамадонӣ аз рӯи синну сол ва ҷинсият дар соли 2014*

| Нишондиҳандаҳо | Ҳамагӣ | Аз он ҷумла духтарон/занҳо | % духтарон/ занҳо |
|---|---|---|---|
| Ҷавонони то синни 14 сола | 54788 | 28051 | 51,2 |
| Шахсони синну соли миёна | 70403 | 36046 | 51,2 |
| Шахсони синну соли нафақа (63 мардҳо/58 занҳо) ва калонсолон | 9509 | 4935 | 51,9 |
| Ҷамъ: | 134700 | 68966 | 51,2 |

Дар давоми 3 соли охир аҳолии ноҳияи Ҳамадонӣ дар маҷмӯъ зиёда аз 9791 нафар ва ё 7,4 фоиз афзоиш ёфтааст.

*Нишондиҳандаҳои демографии ноҳияи Ҳамадонӣ*

| Солҳо | Шумораи таваллуд | Шумораи фавт | Шумораи никоҳ | Шумораи талоқ | Шумораи муҳоҷирон | | Афзоиши табиии аҳолӣ (нафар) | Шумораи умумии аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | рафтан | омадан | | |
| 2012 | 4350 | 675 | 1673 | 70 | 1261 | 287 | 3675 | 128584 |
| 2013 | 3506 | 532 | 1620 | 75 | 1437 | 362 | 2974 | 131558 |
| 2014 | 3690 | 548 | 1616 | 80 | 1091 | 282 | 3142 | 134700 |

**1.5. Бинишиояндаи ноҳия**

*Ноҳияи Ҳамадонӣ - маркази муосири коркарди маҳсулоти саноатию кишоварзии ба содирот нигаронидашуда, бо инфрасохтори иҷтимоию фароғатии муосир ва дастрас, дорои фазои мусоиди соҳибкорию сармоягузорӣ, бо табиати зебо ва мардуми меҳнатдӯст, заминҳои ҳосилхезу оби фаровон, аҳолии тандуруст ва меҳнатдӯсти бо ҷои кори доимӣ таъмингардида ва дорои шароити зиндагии шоиста мебошад.*

Бинише, ки дар ин ҷо манзури шумо гардидааст, дар асосӣ таҳлили васеъи тарафҳои қавӣ ва сусти рушди иқтисодиву иҷтимоии ноҳияи Ҳамадонӣ ва бо назардошти истифода аз имкониятҳои беруна ва хатарҳои эҳтимолӣ тартиб дода шудааст.

*СВОТ - таҳлили ноҳияи Ҳамадонӣ*

| | Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои суст |
|---|---|---|
| Омилҳои дохилӣ | Мавҷудияти корхонаҳои саноатии шаробкашӣ, истеҳсоли консерваи меваю сабзавот ва истеҳсоли конструксияҳои оҳану бетонӣ, ҳавзҳои моҳипарварӣ.<br>Мавҷудияти қувваи қобили меҳнати арзон.<br>Мавҷудияти заминҳои ҳосилхез.<br>Иқлими мусоид ва рӯзҳои офтобии фаровон.<br>Мавҷуд будани захираҳои фаровони об.<br>Мардуми меҳнаткаш ва ташаббускор, фермерҳои пуртаҷриба ва корозмуда.<br>Мавҷудияти базаи моддӣ – техникии аввалия.<br>Наздикӣ ба хати роҳи оҳан ва мавҷудияти роҳҳои мошингард.<br>Наздик будан ба сарҳад ва густариши тиҷорати наздисарҳадӣ.<br>Мавҷудияти кони намак бо захираҳои азими намак.<br>Мавҷудияти муассисаҳои тиббӣ ва мактабҳо.<br>Фаъол будани рӯзномаи ноҳиявӣ<br>Мавҷудияти Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия. | Сатҳи пасти даромаднокии хоҷагиҳо ва маоши ночизи кормандон.<br>Баланд гардидани сатҳи обҳои зеризаминӣ.<br>Набудани тухмиҳои босифат ва хоҷагиҳои махсуси тухмипарварӣ.<br>Норасогии қувваи барқ дар фасли зимистон.<br>Камбудӣ дар таъминоти оби нӯшокӣ ва набудани шабакаи ташноб.<br>Набудани мутахассисони варзидаи соҳаи менеҷмент ва маркетинг.<br>Маҳдудияти имкониятҳои буҷети маҳаллӣ.<br>Фоизҳои баланди қарзҳои бонкӣ ва дастрас набудани қарзҳои имтиёзнок.<br>Сифати пасти фаъолияти инфрасохтори иҷтимоӣ (суст будани базаи моддӣ – техникии муассисаҳои маориф, шумораи нокифояи муассисаҳои томактабӣ).<br>Норасогии таҷҳизоти муосири тиббӣ.<br>Норасогии воситаҳои техникии кишоварзӣ, нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо ва технологияи муосир.<br>Баланд будани нархи сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ.<br>Рушди сусти соҳибкории хурду миёна.<br>Фаъолияти сусти корхонаҳои истеҳсолӣ. |
| | **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| Омилҳои берунӣ | Ҷалби бештари сармоягузорони дохиливу хориҷӣ барои рушди иқтисодиёти ноҳия.<br>Истифодаи инноватсияҳо ва ворид намудани технологияҳои нави истеҳсолӣ барои рушди корхонаҳои саноатӣ.<br>Татбиқи амалии Барномаи рушди ноҳия.<br>Паст кардани сатҳи обҳои зеризаминӣ, ба воситаи тоза кардани заҳбуру заҳкашҳо.<br>Зиёд намудани истеҳсоли намаки босифати ошӣ барои содирот ба кишварҳои хориҷӣ.<br>Беҳтар намудани ҳолатҳои мелиоративии заминҳои кишт.<br>Аз таъмири асосӣ баровардани роҳҳои автомобилгард ва пайвастани ноҳия бо хати роҳи оҳан.<br>Ташкил кардани иттиҳодияҳои гуногуни кишоварзону истеҳсолкунандагон.<br>Ташкили бозомӯзии мутахассисони соҳаҳои дахлдор.<br>Баланд бардоштани сатҳи маънавиёти аҳолӣ. | Таъсири буҳрони молиявию иқтисодӣ ба иқтисодиёти ноҳия.<br>Офатҳои табиӣ (обхезӣ, сел, хушксолӣ).<br>Тағйирёбии иқлим.<br>Афзудани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ва бо ин сабаб аз ноҳия рафтани кадрҳои баландихтисос.<br>Паҳн гардидани бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла сил.<br>Паҳн гаштани ҳашароти зараровар ва касалиҳои растаниҳои кишоварзӣ;<br>Баланд шудани нархи маҳсулоти озуқаворӣ.<br>Сатҳи пасти даромаднокии аҳолӣ.<br>Норасогии воситаҳои буҷетӣ.<br>Ҷалби нокифояи сармояи дохилӣ ва хориҷӣ. |

# БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ

## 2.1. Кишоварзӣ

**Таҳлили ҳолати умумии соҳаи кишоварзӣ.** Ноҳияи Ҳамадонӣ яке аз ноҳияҳои аграрии вилояти Хатлон ба ҳисоб рафта, соҳаи кишоварзӣ асоси пешбурди иқтисодиёти он маҳсуб меёбад. Рушди соҳаи кишоварзӣ аҳамияти на танҳо иқтисодӣ, балки иҷтимоӣ низ дорад, зеро дар ин соҳа беш аз 55 %-и аҳолии қобили меҳнат машғул мебошад.

*Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия тӯли солҳои 2012-2014 (млн. сомонӣ)*




Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2014 – 431,3 млн. сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2012 ба 163,9 млн. сомонӣ ва ё 161,2% афзоиш ёфтааст. Яке аз омилҳои асосие, ки бевосита ба баланд гардидани хаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (дар шакли пулӣ) таъсир расонидааст, сол то сол баланд гардидани нархи маҳсулот дар бозор мебошад.

Соҳаи кишоварзии ноҳияи Ҳамадонӣ аслан аз ҳисоби боғдорӣ, ғаллакорӣ, пахтакорӣ, чорводорӣ, ангурпарварӣ ва сабзавоткорӣ рушд меёбад.

**Низоми идоракунии соҳаи кишоварзӣ.** Шумораи умумии хоҷагиҳои хонаводагӣ дар ноҳия 16793 адад, хоҷагиҳои деҳқонӣ 3500 адад, хоҷагиҳои инфиродӣ 1580 адад, хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ 28 адад, хоҷагиҳои кооперативӣ истеҳсолӣ 419 ададро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии роҳбарони хоҷагиҳо 521 нафарашонро занон ташкил медиҳанд. Илова бар ин, дар ноҳия 1 Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонии ба номи «Москва» ба қайд гирифта шудааст, ки дар худ 54 хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои истеҳсолиро муттаҳид намудааст. Майдони умумии заминҳое, ки ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои истеҳсолӣ тааллуқ дорад (ҳамчун аъзои Ассотсиатсия) зиёда аз 5 ҳазор гектарро ташкил медиҳад. Шумораи умумии саҳмдорони Ассотсиатсия беш аз 1300 нафарро ташкил медиҳад. Мушкилоти асосие, ки Ассотсиатсия ба он бештар дучор мегардад, ин дастрасии суст ба нуриҳои минералӣ, сӯзишворӣ, техникаҳои кишоварзӣ ва бозори фурӯши маҳсулот маҳсуб меёбад. Инчунин, айни замон шакли ҳисоботдиҳӣ ва пешниҳоди он барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (дар идораҳои омор, нафақа ва андоз) хеле мураккаб буда, вақт ва маблағи зиёдро талаб мекунад. Ҳамзамон мушкилоти дастрасӣ ба сарчашмаҳои қарзгирӣ (махсусан бонкӣ), аз ҷумла баланд будани фоизи қарзҳо ва кӯтоҳ будани мӯҳлати баргардонидани он ба самаранокии фаъолияти кишоварзон таъсири манфӣ мерасонад.

**Таъминот бо техникаи кишоварзӣ.** Дар ноҳия ҳамагӣ 842 адад техника ва таҷҳизоти кишоварзӣ мавҷуд мебошад, ки аз он 489 адад ё 58% коршоям буда, 353 адад ё 42 фоизи он дар ҳолати корношоям қарор дорад.

*Техникаҳои кишоварзии мавҷуда*

| № | Номгӯи техника | Ҳамагӣ | Омода | % омодагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тракторҳо, – ҳамагӣ, аз ҷумла: | 482 | 282 | 58,5 |
| а) | Трактори тасмачарх | 55 | 11 | 20,0 |
| б) | Трактори чархдор | 427 | 258 | 60,4 |
| 2 | Комбайн | 23 | 13 | 56,5 |
| 3 | Экскватор | 37 | 20 | 54,0 |
| 4 | Ядакҳои тракторӣ | 147 | 54 | 36,7 |
| 5 | Сипорҳои тракторӣ (плуг) | 33 | 30 | 90,9 |
| 6 | Алафдарав | 9 | 5 | 55,5 |
| 7 | Тухмипошак | 52 | 40 | 76,9 |
| 8 | Култиватор | 59 | 45 | 76,2 |
|  | Ҳамагӣ: | 842 | 489 | 58,0 |

Мушкилоти асосие, ки солҳои охир хоҷагиҳои деҳқонӣ ба он рӯ ба рӯ гардида истодаанд, норасогии техникаи кишоварзӣ, воридоти нокифояи техникаи нави кишоварзӣ, кам будани шумораи Марказҳои хизматрасонии техникӣ ва агролизингҳо маҳсуб меёбад.

Сабабҳои асосии норасогии техникаи кишоварзӣ ва ворид нагардидани техникаи нав ба соҳа дар баланд будани нархи он ва паст будани дараҷаи даромаднокии хоҷагиҳо зоҳир мегардад. Бинобар сабаби баланд будани нархи қисмҳои эҳтиётӣ, фарсудашавии воситаҳои асосӣ, истифодаи тӯлонии техникаҳои мавҷуда, омодагии техникаҳои кишоварзӣ пурра ва саривақт ба анҷом расонида намешавад.

**Истифодабарии замин.** Ба ҳолати 1 январи соли 2015 майдони умумии заминҳои ҳудуди ноҳия 50979 гектарро ташкил медиҳад, ки аз ин 32,2 фоизаш обӣ мебошад. Аз майдони умумии заминҳо 34392 гектар ва ё 67,4 фоизашро заминҳои таъиноти кишоварзӣ ташкил медиҳад, ки аз ин 13210 ва ё 38,4 фоизаш обӣ мебошад.

*Сохтори истифодабарии замин дар ноҳияи Ҳамадонӣ*



Ба ғайр аз ин, бинобар сабаби кам будани майдони заминҳо ва набудани имконият ҷиҳати васеъ намудани ҳудуди заминҳои худ, ноҳияи Ҳамадонӣ 19365 га заминро дар ҳудуди ноҳияҳои Шӯрообод ва Фархор барои истифодаи дарозмӯҳлат гирифтааст, ки ба 38 фоизи майдони умумии заминҳои ҳудуди ноҳия баробар аст. Ин заминҳо бештар ҳамчун чарогоҳ (12031 га ва ё 62,1 фоиз) истифода бурда мешаванд.

Умуман дар сатҳи ноҳия 37,1 дарсади заминҳо ҳамчун чарогоҳ истифода бурда мешавад. Дар ноҳия 68 га замин ҳамчун замини партов (боир) ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин 46 га ва ё 67,6 фоизаш заминҳои обӣ мебошад.

Бештари заминҳои майдони кишт асосан барои истеҳсоли ғалладонагиҳо, пахта ва хӯроки чорво истифода бурда мешавад.

*Майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ (га)*




| | Майдони кишт - ҳамагӣ | Ғалладонагиҳо | аз ҷумла, гандум | Зироатҳои техникӣ, | аз ҷумла, пахта | Картошка | Сабзавот | Полезӣ | Хӯроки чорво |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Соли 2012 | 14016 | 6489 | 5663 | 5594 | 5280 | 98 | 649 | 353 | 507 |
| Соли 2013 | 13916 | 6658 | 6121 | 5604 | 5301 | 125 | 660 | 358 | 354 |
| Соли 2014 | 13933 | 6181 | 5632 | 5617 | 5320 | 105 | 705 | 467,5 | 674 |

Новобаста аз он, ки истеҳсол ва фурӯши пахта аз бозори ҷаҳонӣ вобастагии калон дорад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пахта яке аз маҳсулотҳои асосии стратегӣ маҳсуб меёбад. Баланд гардидани нархи пахта дар аввали соли 2014 кишоварзонро ба зиёд намудани майдони кишти пахта водор сохт. Маҳз ҳамин омил таъсир расонид, ки майдони кишти пахта дар соли 2014 нисбат ба соли 2012 ба 165 га ва ё 4,3% зиёд карда шуд.

Ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ ба тасвиб расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2012 №683 «Дар бораи андешидани тадбирҳои иловагӣ оид ба рушди боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 - 2014» мусоидат намуд, ки тибқи он, бунёд намудани 145 га боғу токзори нав дар ҳудуди тамоми ҷамоатҳои ноҳия дар назар дошта шудааст. Дар давоми солҳои 2012-2014 дар ноҳия 57 гектар боғу токзор бунёд гардидааст.

Мушкилоти дигари соҳа, сол то сол зиёд гардидани шумораи ҳашаротҳои зараррасон, касалиҳои боғу токзор, набудани заҳрхимикатҳо ва ё гарон будани нархи онҳо мебошад.

Бо мақсади бартараф намудани мушкилотҳои мавҷуда «Дар бораи тасдиқи Барномаи мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон ва касалиҳои боғу токзори Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардидаст. Тибқи қарори мазкур, гузаронидани назорати доимӣ аз паҳншавии ҳашароту касалиҳо ва таъмини пешгӯии кутоҳмуддати онҳо, ҷорӣ намудани дастовардҳои истеҳсолӣ ва пешниҳоди тавсияҳои илмӣ оид ба муҳофизати боғу токзорҳо аз ҳашароти зараррасон, муайян намудани зарари иқтисодии ҳашароти асосии дарахтони мевадиҳанда ва токзор, назорати доимӣ оид ба сифати заҳрхимикатҳои нави ба ноҳия воридшаванда, ташкил ва гузаронидани курсҳои омӯзишӣ барои мутахассисони соҳаи кишоварзӣ оид ба муҳофизати боғу токзорҳо аз ҳашароти зараррасону касалиҳо ва гузаронидани семинарҳои илмӣ – истеҳсолӣ оид ба муҳофизати боғу токзорҳо аз ҳашароти зараррасон ва касалиҳо дар назар дошта шудааст.

*Майдони умумии боғот ва токзор дар ноҳия тӯли солҳои 2012-2014 (га)*




**Растанипарварӣ.** Соҳаи растанипарварӣ яке аз соҳаи асосии кишоварзӣ маҳсуб ёфта, вазни қиёсии он дар таркиби ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ноҳия 66 фоизро ташкил медиҳад.

*Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар тӯли солҳои 2012-2014 (млн. сомонӣ)*




Соли 2014 дар ноҳия дар ҳаҷми 289,7 млн сомонӣ маҳсулоти растанипарварӣ истеҳсол гардид, ки дар қиёс ба соли 2012 ба 123,3 млн. сомонӣ ва ё 74% зиёд мебошад.

Новобаста аз он, ки солҳои охир ҳосилнокии пахта зиёд гардида истодааст (дар соли 2014 нисбат ба соли 2012 ба 10,7 с/га ва ё 2,1 маротиба), аммо ин нишондиҳандаҳо талаботи имрӯзаро қонеъ гардонида наметавонад. Зеро тибқи мушоҳидаҳои мутахассисони ботаҷриба ва хоҷагиҳои пешқадам, дар ҳолате, ки агар аз як гектар камтар аз 25 с/га пахта истеҳсол карда шавад, дар натиҷа он хароҷотҳое, ки ба ин мақсад равона карда шудааст пӯшонида намешавад. Аз ин нуқтаи назар ба хулосае

омадан мумкин аст, ки ҳоло хоҷагиҳои пахтакори ноҳия на ба фоида, балки бар зарар фаъолият намуда истодаанд.

*Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар шакли натуравӣ ва арзишӣ*

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Дар шакли натуравӣ (тонна) | | | Дар шакли арзишӣ аз рӯи нархҳои ҷорӣ (соли 2014) (ҳаз. сомонӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
| Ғалладонагиҳо | тонна | 38970,7 | 467496,5 | 44382,5 | 68270,1 | 83195,8 | 78229,6 |
| Сабзавот | тонна | 25365 | 26749,1 | 35432,8 | 64288,9 | 68692,1 | 89806,3 |
| Полезӣ | тонна | 11197,2 | 12919,5 | 19341,3 | 22170,4 | 27111,6 | 38293,0 |
| Картошка | тонна | 5859 | 7898,0 | 4324,1 | 16291,1 | 23818,7 | 11849,6 |
| Мевагӣ | тонна | 1338 | 1347,2 | 1482,2 | 8161,8 | 8197,3 | 11121,3 |
| Ангур | тонна | 1156 | 1157,0 | 1157,0 | 9236,4 | 9246,0 | 9252,0 |
| Зироатҳои хӯроки чорво | тонна | 19907 | 2120,9 | 21271,8 | 119043,8 | 127000,5 | 13024,6 |
| Зироатҳои техникӣ (пахта) | тонна | 11078 | 11166 | 12810 | 33234 | 34782 | 37814,4 |

*Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар давоми солҳои 2012-2014, (с/га)*




Мушкилотҳои асосӣ дар ин самт, баланд гардидани сатҳи обҳои зеризаминӣ, норасогии оби полезӣ, гузаштан ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва даст кашидан аз банақшагирии марказонидашуда, дуруст ва саривақт нагузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ, норасогии техника, олотҳои кишоварзӣ, нуриҳои минералию органикӣ ва баланд будани нархи онҳо маҳсуб меёбад.

Ҳамзамон, қарздор будани хоҷагиҳои пахтакор дар назди муассисаҳои хоҷагии об, мақомоти андоз, баланду пастшавии арзиши пахта, ба паст гардидани дараҷаи даромаднокӣ ва ҳавасмандгардонии хоҷагиҳои кишоварзӣ оварда расонидааст.

Илова бар ин набудани марказҳои машваратӣ ва суст будани робитаи байни илм ва истеҳсолот мушкилоти соҳаро дар ин самт боз ҳам дучанд мегардонад. Бо мақсади бартараф намудани мушкилотҳои мавҷуда қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012 №586 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи пахтакорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардидаст. Тибқи қарори мазкур Барномаи ноҳиявии рушди соҳаи пахтакорӣ қабул карда шудааст.

Тибқи барномаи мазкур дар ноҳия соли 2016 сохтмони озмоишгоҳи биологии хати парвариши «трихограмма», «хабрабраком» ва «тиллочашмак» пешбинӣ шудааст. Мушкилотҳои асосие, ки садди роҳи татбиқи барномаи мазкур гардида истодааст, ин норасогии техникаи кишоварзӣ мебошад. Яке аз мушкилиҳои дигари марказии соҳа,

норасогии тухмиҳои хушсифат маҳсуб меёбад. Бо мақсади бартараф намудани мушкилоти мавҷуда Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2012 №297 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардидаст. Дар ноҳия хоҷагии махсусгардонидаи тухмипарварӣ ва озмоишгоҳи махсуси санҷиши тухмиҳои пахта вуҷуд надорад. Аммо тибқи қарори мазкур, нақшаи тайёр намудани пахтаи тухмӣ тартиб дода шуда, ҳар як ҷамоати пахтакори ноҳия ба ин кор вобаста шудааст.

*Нақшаи тайёр намудани пахтаи тухмӣ,*
*дар хоҷагиҳои пахтакори ҷамоатҳои деҳоти ноҳия барои соли 2014*

| № б/т | Номгӯи ҷамоатҳои деҳот | Майдони кишти пахта | Навъи тухмии киштшуда | Ҳосилнокӣ барои гирифтани тухмӣ. сент/га |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Қаҳрамон | 274 | «Флора» | 13 |
| 2. | Меҳнатобод | 536 | «Флора» | 11 |
| 3. | Даштигуло | 130 | «Флора» | 13 |
| 4. | Панҷруд | 234,4 | «Флора» | 11 |
| 5. | Турдиев | 241,0 | «Флора», «Ирам» | 13 |
| 6. | Чубек | 129 | «Флора», «Синзян» | 13 |
| 7 | Панҷоб | 271 | «Флора», «Синзян» | 13 |
| 8 | Шаҳраки Москва | - | - | - |

Ҷамоати деҳоти Меҳнатобод яке аз калонтарин ҷамоатҳои истеҳсолкунандаи тухмии хушсифати пахта дар ноҳия маҳсуб меёбад. Истифода намудани тухмиҳои хушсифат, бо назардошти хусусиятҳои хоси ҳар як минтақа, метавонад ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намояд.

Солҳои охир бинобар сабаби набудани бозори фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва мавриди коркард қарор нагирифтани бештари маҳсулоти истеҳсол гардида, деҳқонон ба мушкилиҳои зиёд дучор мегарданд ва дар натиҷа қисми зиёди маҳсулот талаф ёфта боиси зарари иқтисодӣ дидани хоҷагиҳои ноҳия мегардад.

Бо мақсади бартараф намудани мушкилиҳои мавҷуда, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №624 аз 3 декабри соли 2012 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатӣ оид ба афзун намудани имкониятҳои содиротии соҳаи коркарди меваю сабзавот» қабул гардидаст. Барои татбиқи қарори мазкур МИҲД-и ноҳияи Мир Саийд Алии Ҳамадонӣ нақшаи чорабиниҳо тартиб додаст, ки он бештар бо ҷалби сармояи соҳибкорони дохилию хориҷӣ татбиқ гашта истодааст. Дар доираи нақшаи чорабиниҳо амалӣ намудани тадбирҳои зарурӣ оид ба баргузории вохӯриҳо, семинар ва машваратҳои бозомӯзӣ бо роҳбарият ва кормандони корхонаи шарбатбарорӣ, соҳибкорони ватанию хориҷӣ, ҷиҳати рушди коркард ва содироти меваю сабзавот, таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, дастрасӣ ба грантҳо, ҷалби соҳибкорони ноҳия барои кушодани сехҳои нави замонавӣ дар корхонаи шарбатбарории ноҳия, ҷудо намудани маблағҳои қарзии бонкӣ барои рушди корхонаҳои коркарди меваю сабзавот ва мусоидат намудан ҷиҳати ба фурӯш баровардани маҳсулоти истеҳсолшуда ва содироти онҳо ба хориҷи кишвар, пешбинӣ шудааст.

**Таъминоти оби полезӣ.** Обёрӣ намудани замин ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративи заминҳо яке аз афзалиятҳои асосии соҳаи кишоварзӣ ба шумор меравад. Бо ин мақсад соли 2014 дар ноҳия Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрӣ таъсис дода шуд, ки дар он айни замон 53 нафар (аз ҷумла 12 зан) кору фаъолият менамоянд.

Бо мақсади беҳтар намудани дастрасии истифодабарандагон ба об дар ноҳия 8 Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об (АИО) ташкил карда шудаст. Мушкилии асосии фаъолияти Ассотсиатсияҳои мазкур, сари вақт аз ҳоҷагиҳо ҷамъ карда натавонистани маблағи оби истифодашуда мебошад.

Ба ҳолати 1 агусти соли 2015 маблағи қарздории АИО дар назди Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳия 721 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки дар қиёс бо

соли 2012 ба 2,9 миллион сомонӣ кам мебошад. Сабаби дар соли 2015 кам шудани қарзи мазкур он аст, ки маблағи қарзи ҳаққи хизмати обрасонии хоҷагиҳо тибқи қарори ҲҶТ ба 1 январи соли 2015 пурра бахшида шуд.

Мутобиқи бақайдгирии кадастри замин, майдони заминҳое, ки дар ҳолати хуби мелиоративӣ қарор дорад 10495 га, майдони заминҳои дар ҳолати қаноатбахш қарор дошта 4710 га ва дар ҳолати ғайриқаноатбахш буда 1251 га-ро ташкил медиҳад.

Дар ҳудуди ноҳия 123 км заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагӣ (аз он 58 км дар ҳолати ғайриқаноатбахш) ва 225,6 км заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ (аз он 213 км дар ҳолати ғайриқаноатбахш) мавҷуд мебошад. Айни замон беш аз 78,9 фоизи заҳбуру заҳкашҳо ба тозакунӣ ва таъмиру тармим ниёз доранд. Дар натиҷаи сари вақт тоза нагардидани заҳбуру заҳкашҳои зикргардида, эҳтимолияти бад гардидани ҳолати мелиоративии 5036 га замин вуҷуд дорад. Ҳамзамон, дар ноҳия иншоотҳои гидротехникии байнихоҷагӣ 98 ададро ташкил медиҳад ва қисми бештари онҳо солҳои 1956-1964 сохта шуда, ҳоло 57,1 фоизи он (56 адад) фарсуда гардида ба таъмиру тармим эҳтиёҷ доранд.

Барои обёрӣ намудани заминҳои кишоварзӣ дар ноҳия 52 адад каналҳои байнихоҷагӣ мавҷуд аст, ки дарозии умумии онҳо 127 км-ро ташкил медиҳад. Сарчашмаи асосии обёрии заминҳои ноҳия дарёи Панҷ маҳсуб меёбад. Ҳар сол дар мавсими обёрӣ каналҳо аз қум пур шуда, дар баъзе мавридҳо як қисми каналҳо ду маротиба тоза карда мешавад ва боиси масрафи маблағҳои иловагӣ мегардад.

*Маълумот оид ба иншоотҳои таъминоти*
*оби полезӣ дар ноҳияи Ҳамадонӣ*

| № | Номгӯи каналҳо | Шумораи объектҳои обтаъминкунӣ | Дарозии каналҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | | | Умумӣ, км | Аз ин тоза карда шудаст (км) |
| 1 | Р-1 | 5 | 7.4 | 6,6 |
| 2 | Р-4 | 6 | 3.4 | 2,2 |
| 3 | Р-5-1 | 1 | 4.7 | 1,5 |
| 4 | Р-5 | 6 | 9.0 | 2,5 |
| 5 | Р-3 | 3 | 2.5 | 2,1 |
| 6 | БУЗ -3 | 1 | 5.8 | 0,7 |
| 7 | БУЗ-5 | 3 | 2.0 | 2 |
| 8 | Р-7 | 3 | 4.4 | 0,6 |
| 9 | Шохаи рост | 6 | 9.6 | 5 |
| 10 | Р-7-1 | 1 | 5.6 | 1,5 |
| 11 | Р-8-1 | 5 | 3.2 | 1,2 |
| 12 | ПР-5 | 4 | 5.3 | 3,4 |
| 13 | Р-10 | 2 | 4.5 | 0,8 |
| 14 | ПР-9 | 3 | 4.6 | 1,0 |
| 15 | ЛР-1-4 | 5 | 2.6 | 0,7 |
| 16 | ЛР-1-3 | 1 | 3.5 | 1,8 |
| 17 | ЛР-1 | 5 | 5.0 | 3 |
| 18 | ЛР-1-2 | 1 | 1.9 | 1,6 |
| 19 | ЛР-5 | 2 | 1.0 | Тоза карда нашудааст |
| 20 | ЛР-х | 3 | 1.9 | 1,9 |
| 21 | ЛР-х-1 | 1 | 2.5 | 1,2 |
| 22 | Р-12 | 3 | 3.2 | Тоза карда нашудааст |
| 23 | ПР-10-3 | 6 | 4.4 | 3,2 |
| 24 | ПР-9-2 | 5 | 1.9 | 1,8 |
| 25 | А/Т | 6 | 7.3 | 2,8 |
| 26 | Р-9 | 7 | 3.5 | 1,4 |
| 27 | Р-8-2 | 4 | 2.8 | 1,1 |
| | Ҷамъ: | 98 | 113,5 | 27,5 |

Солҳои охир бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо дар ноҳия, аз сабаби сари вақт тоза нагардидани заҳбуру заҳкашҳо ва каналҳои дохилихоҷагӣ, таъмир нагардидани иншоотҳои дохилихоҷагӣ, норасогии техникаҳои замонавӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, воситаҳои молиявӣ ва сол то сол зиёд гаштани қарзи АИО дар назди Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрӣ мушоҳида мешавад.

Яке аз сабабҳои асосии сари вақт тоза нагардидани каналҳо, кӯҳнаю фарсуда гардидани воситаҳои техникии мавҷуда, норасогии воситаҳои молиявӣ, маводҳои сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва ба ҳисоб меравад. Барои бартараф намудани мушкилотҳои мавҷудаи соҳа дар се соли охир аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ зиёда аз 1 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст, аммо ин маблағ басанда нест.

*Ҳолати мелиоративии заминҳои обӣ*
*бо назардошти сатҳи обҳои зеризаминӣ дар ноҳия,*
*(аз ҷумла, заминҳое, ки аҳолӣ истифода мебарад)*

| Сатҳи обҳои зери заминӣ | Майдон, га |
|---|---|
| То 1,0 | 457 |
| 1 - 1,5 м | 1889 |
| 1,5 – 2,0 м | 2690 |
| 2,0 – 2,5 м | 3279 |
| 2,5 – 3,0 м | 1615 |
| 3,0 – 5,0 м | 2475 |
| Зиёда аз 5 м | 4059 |

**Чорводорӣ.** Дар ноҳияи Ҳамадонӣ шароити мусоид барои рушди соҳаи чорводорӣ ва ташкил намудани базаи хӯроки чорво мавҷуд аст, зеро 55 фоизи майдони умумии заминҳои кишоварзӣ ва 37,5 фоизи заминҳои умумии ноҳия ҳамчун чарогоҳ истифода бурда мешавад. Илова бар ин, заминҳое, ки ноҳия аз ҳисоби заминҳои ноҳияҳои Шӯрообод ва Фархор барои истифодаи дарозмӯҳлат гирифтааст 12031 га буда, 62,1 фоизашро чарогоҳ ташкил медиҳад.

Вазни қиёсии соҳаи чорводорӣ дар таркиби ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ноҳия 34 фоизро ташкил медиҳад. Дар соли 2014 аз тарафи хоҷагиҳои чорводории ноҳия дар ҳаҷми 57,2 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба соли 2012 ба маблағи 4 млн.сомонӣ ё 7,5 фоиз зиёд мебошад.

*Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар тӯли солҳои 2012 – 2014*

| Нишондиҳандаҳо | Дар шакли натуравӣ (тонна) | | | Дар шакли арзишӣ аз рӯи нархҳои ҷорӣ (соли 2014) (ҳаз. сомонӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
| Гӯшт (аз ҷумла, мурғ) | | | | | | |
| Шир | 15806 | 17148,0 | 18133,2 | 47101,8 | 50675,3 | 54311,3 |
| Тухм | 1673 | 2044,2 | 1775,1 | 13551,3 | 14698 | 1640,0 |
| Пашм | 130 | 132,3 | 130,4 | 222,3 | 223,6 | 226,3 |
| Пилла | 32,6 | 6 | 32 | 322 | 322,0 | 60,0 |

Дар ноҳия дар соли 2014 ҳамагӣ 31991 сар чорвои калони шохдор ба қайд гирифта шудааст, ки қисмати бештари он (89,4 фоиз) ба аҳолӣ таалуқ дорад.

*Саршумори чорвои калони шохдор аз рӯи шакли моликият (бо %)*




Дар соли 2014 саршумори парранда ба 3158 сар ва ё 6,6 фоиз афзоиш дода шуд.

*Саршумори чорво дар тӯли солҳои 2012-2014*

| | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Чорвои калони шохдор, аз ҷумла | сар | 30733 | 31343 | 31991 |
| 2 | Модагов | сар | 19945 | 20176 | 20210 |
| 3 | Чорвои шохдори майда (буз ва гӯсфанд) | сар | 53090 | 53777 | 53777 |
| 4 | Аспҳо | сар | 895 | 848 | 897 |
| 5 | Парранда | сар | 42851 | 44854 | 48012 |

Дар ноҳия дар қатори дигар соҳаҳо ба рушди соҳаи паррандапарварӣ аҳамияти бештар дода мешавад.

**Байторӣ.** Дар шароити имрӯза рушди соҳаи чорводорӣ ва паррандапарвариро бе пешниҳоди хизматрасонии босифати байторӣ барои сари вақт пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда тасаввур намудан ғайриимкон аст.

Дар ноҳияи Ҳамадонӣ дар байни чорво ҳолатҳои алоҳидаи касалиҳои хорӣ, зардкасал ва касалиҳои хунӣ ба мушоҳида мерасанд ва айни замон маводҳои биологии пешгирии касалиҳои сирояткунанда: сӯхтанӣ 100%, вабои сумдард 18-20%, гули гӯсфандон 20%, барои ташхиси касалии сил туберкулини ППД-30%, барои пешгирии буғумдарди чорвои калони шохдор 30% аз ҳисоби маблағҳои эпизоотикии (бемориҳои сироятии чорво) ҷумҳурӣ ҷудо карда мешавад. Ҳоло дар ноҳия як нуқтаи бордоркунии сунъии чорво дар маркази шаҳраки Москва фаъолият мекунад.

Дар ҳамаи ҷамоатҳои деҳот барои ташкил кардани клиникаҳои шахсӣ, дорухонаи байторӣ ва нуқтаи бордоркунии сунъӣ ба 9 нафар мутахассисон қитъаи замин ҷудо карда шудааст.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад, набудани таҷҳизот ва техникаҳои замонавӣ, мутахассисони баландихтисос, баланд шудани нархи доруворӣ, мушкил будани дастраснамоии доруворӣ ва ғайра мебошад. Бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи ташкилоти байналхалқии Созмони Милали Муттаҳид оид ба кишоварзӣ ва озуқа (ҒАО), ваксинаҳо ва дигар доруҳо барои пешгирии касалии буғумдарди моли майда ба мутахассисони байторӣ, тибқи шартномаҳои тарафайн дастрас карда мешавад. Ҳамзамон бо кӯмаки ин ташкилот дар ноҳия Ассотсиатсияи байторҳо ташкил карда шудааст, ки ҳоло дар он 24 нафар кадрҳои баландихтисос ба кор ҷалб карда шудаанд. Дар шароити имрӯза дар ноҳия ва ҷамоатҳои гирду атрофии он ягон нуқтаи безараргардонии чорвои фавтида вуҷуд надорад, ки ин ба самаранокии корҳои назоратии доимии байторон таъсири манфӣ мерасонад. Барои хизматрасонӣ ба мардуми ноҳия ва сари вақт дида баромадани корҳои соҳаи байторӣ, мавҷуд набудани мошини хизматӣ монеагӣ мекунад. Илова бар ин, бинои стансияи мубориза алайҳи бемориҳои ҳайвонот, ки соли 1957 дар ноҳия сохта шудааст, айни замон ба таъмири асосӣ ниёз дорад.

Барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани хизматрасонии байторӣ, роҳ надодан ба талафшавии чорво ва парранда аз ҳисоби касалиҳои гузаранда, инвазионӣ, паразитӣ ва хунӣ дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ корҳои мушахасро ба анҷом расонидан зарур аст. Аз ҷумла, ташкил намудани нуқтаҳои махсус барои забҳи чорво, ҷиҳати нест кардани хуну дигар партовҳои нолозим ва дар ин замина нигоҳ доштани тозагии муҳити атроф яке аз афзалиятҳои соҳа ба ҳисоб меравад. Зеро дар ноҳия ҷои махсус барои безараргардонии чорво вуҷуд надорад, чорвои фавтида дар партовгоҳҳо партофта мешавад ва муҳити зисти атрофро ифлос менамоянд. Бо мақсади бартараф намудани ин мушкилот ташкил намудани нуқтаҳои сӯзондани чорво ва ҷиҳозонидани он бо таҷҳизотҳои замонавӣ (дорои крематория) зарур мебошад, зеро он метавонад барои сӯзонидани маҳсулотҳои бесифати чорвою парранда ва маҳсулотҳои хӯрокворӣ, ки ҳангоми тафтишотҳои муштараки ташкилотҳои назоратӣ аз фурӯш гирифта мешаванд, мусоидат намояд.

Самти дигари афзалиятноки соҳа, беҳтар намудани корҳо ҷиҳати муайян намудани сифати маҳсулотҳои ширӣ, меваю сабзавот ва полезиҳое, ки ба бозорҳо дохил мешавад, маҳсуб мёбад, зеро аксар вақтҳо маҳсулотҳои ба бозор воридшаванда бе санҷиш мемонанд. Албата, номукаммалии мабалағгузорӣ ва маҳдуд будани имкониятҳои буҷети маҳаллӣ имконият намедиҳад, ки мушкилоти ба миён омада вобаста ба пешгирии касалиҳои сирояткунанда дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, беҳтарсозии насли чорво, ташвиқу тарғиби таҷрибаи пешқадам ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмии соҳаи байторӣ, чораҳои саривақтӣ андешида шаванд.

**Занбӯрпарварӣ.** Занбӯрпарварӣ яке аз соҳаҳои камхароҷот ва сердаромади соҳаи кишоварзӣ ба шумор меравад. Шароити иқлимии ноҳия барои рушди соҳаи занбӯрпарварӣ хеле мусоид мебошад. Иқтидорҳои мавҷудаи ноҳия имконият медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсоли асал ва шумораи оилаҳои занбӯри асал зиёд карда шуда, аз ин ҳисоб даромадҳои иловагӣ ба даст оварда шавад.

*Истеҳсоли асал дар тӯли солҳои 2012-2014 (тонна)*

| Солҳо | Шумораи оилаҳо | Дар шакли натуравӣ (тонна) | Дар шакли пулӣ аз рӯи нархҳои ҷорӣ (соли 2014) (ҳаз. сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 2012 | 1008 | 10,1 | 391 |
| 2013 | 1182 | 21,2 | 828,5 |
| 2014 | 1303 | 19,8 | 766,5 |

*Нишондиандаои дурнамои афзоиши оилаҳои занбури асал ва ҳаҷми истеҳсоли асал дар ҳама шаклҳои хоҷагидории ноҳия барои солҳои 2016 – 2020*



Дар солҳои охир соҳаи мазкур рӯ ба тараққӣ ниҳода, истеҳсоли асал ва шумораи оилаҳо давра ба давра зиёд гардида истодааст. Истеҳсоли асал дар соли 2014 – 19,8 тоннаро ташкил дода, дар қиёс ба соли 2012 – 9,7 тонна зиёд гардидааст. Шумораи оилаҳои занбӯри асал бошад, дар соли 2014 нисбат ба соли 2012 ба 295 адад зиёд шудааст.

Айни замон, мусоидат намудан ба рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ яке аз афзалиятҳои асосии рушди соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи миллӣ маҳсуб меёбад. Дар ин замина сол то сол дар сатҳи ноҳияҳо зиёд намудани шумораи оилаҳои занбӯри асал ва ҳаҷми истеҳсоли асал пешбинӣ шудааст.

**Моҳипарварӣ.** Дар ноҳия ба рушди соҳаи моҳипарварӣ аҳамияти бештар дода шуда, ҳамасола истеҳсоли моҳӣ зиёд карда мешавад. Дар соли 2014 хоҷагиҳои моҳипарварии ноҳия дар ҳаҷми 100,9 тонна моҳӣ истеҳсол намудаанд, ки дар қиёс ба нишондиҳандаҳои соли 2012 ба 93,9 тонна ва ё 14,4 баробар зиёд мебошад. Ба рушди соҳаи мазкур, қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи моҳипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мусоидат намуд.

Ҳамзамон, дар ин соҳа як қатор мушкилиҳо мавҷуданд, ки он пеш аз ҳама ба норасогии теъдоди моҳичаҳои барои парвариш омодашуда ва норасогии хӯрокии моҳӣ алоқаманд мебошад.

**2.2. Саноат**

Дар қатори дигар бахшҳои мухталифи иқтисодиёти ноҳия, рушди соҳаи саноат мавқеи намоёнро ишғол менамояд. Дар соли 2014 корхонаҳои саноатии ноҳия дар ҳаҷми 56,2 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки нисбат ба соли 2013 ба андозаи 1,4 млн. сомонӣ ва ё 2,5 фоиз зиёд мебошад.

Айни замон дар ноҳия 20 адад корхонаҳои саноатӣ фаъолият доранд, ки нисбат ба соли 2013 ба миқдори 1 адад зиёд мебошад. Аммо қаблан дар ноҳия 3 адад корхонаи саноатӣ (ҶДММ "Ориён Лтд" оид ба истеҳсоли равғани растанӣ, ҶДММ "Тоҷири Аҷам" оид ба истеҳсоли орд (суроғаи бақайдгирии давлатиаш тағйир ёфт зеро аз ноҳияи Ҳамадонӣ ба дигар ноҳия интиқол гардид) ва корхонаи шарбатбарорӣ аз фаъолият бозмонданд ва боиси коҳиши ҳаҷми пардохти андозҳои гуногун ба қисми даромади буҷети маҳаллӣ гаштанд.

*Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар тӯли солҳои 2011 - 2014 (млн. сомонӣ)*




Истеҳсолоти корхонаҳои саноатии ноҳия ба коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, аз ҷумла истеҳсоли масолеҳи инертии сохтмонӣ (қум, рег, шағал), нахи пахта, хишти хом, чигити тухмии пахта, равғани растанӣ, нӯшокиҳои ғайриспиртӣ ва истихроҷи намак

нигаронида шудааст. Дар корхонаҳои саноатии ноҳия 577 нафар коргарон кору фаъолият менамоянд, ки аз ин 71 нафарашонро занон ташкил медиҳанд.

*Ҳолати корхонаҳои асосии саноатии ноҳия*

| № | Номгӯи корхонаҳо | Шакли фаъолият ва ё маҳсулоти истеҳсолшаванда | Иқтидори лоиҳавӣ | Иқтидори ҳозира | Ҳолати техникӣ | Истифодабарандагони маҳсулот |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ҶСШК «КОБ» | сангу шағал ва коструксияҳои оҳану бетонии васлшуда | 50 ҳаз.м$^3$ | 43 ҳаз.м$^3$ | Хуб | Дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ |
| 2. | ҶСШК «Гулафшон» | маҳсулоти дӯзандагӣ | 25000 ҳ.с | 3792 ҳ.с | Хуб | Дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ |
| 3 | ҶСШК «Боҳам» | нахи пахта | 45000 тонна | 12400 тонна | Хуб | дохилӣ |
| 4 | ҶДММ “Истфилд 2” | нахи пахта, тибит, пат | 30000 тонна | 10300 тонна | Хуб | Дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ |
| 5 | ҶДММ “Инсоф” | нахи пахта | 9000 тонна | 6200 тонна | Хуб | Дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ |
| 6 | ҶДММ «Файзи Шараф» | Сангу шағал | 210 ҳаз.м$^3$ | 20,4 ҳаз.м$^3$ | Хуб | дохилӣ |
| 7 | ҶДММ “Сабури Ҳамадонӣ” | Хишти хом ва хишти пухта | 41 ҳазор дона | 41 ҳазор дона | Хуб | Дохили ҷумҳурӣ |
| 8 | ҶДММ “Мадад” | Хишти хом | 320 ҳазор дона | 320 ҳазор дона | Қаноъатбахш | Дохили ноҳия |
| 9 | ҶДММ “Мумин ва Абубукр” | Коркарди намак | 912 тонна | 900 тонна | Хуб | Дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ |
| 10 | ҶДММ “Намакдон” | Коркарди намаки техникӣ ва ошӣ | 500 тонна | 730 тонна | Хуб | Дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ |
| 11 | ҶДММ “Душанбе” | Коркарди намаки техникӣ ва ошӣ | 510 тонна | 343 тонна | Хуб | Дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ |
| 12 | ҶДММ “Алоқа” | Коркарди намаки техникӣ ва ошӣ | 475 тонна | 458 тонна | Хуб | Дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ |
| 13 | ҶДММ “Суннатуло” | Коркарди намак | 375 тонна | 374 тонна | Хуб | Дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ |
| 14 | ҶДММ “Шухрат ЛТД” | Коркарди намак | 2000 тонна | 1350 тонна | Хуб | Дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ |
| 15 | ҶДММ “Бақо” | Коркарди намак | 800 тонна | 720 тонна | Хуб | Дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ |
| 16 | Заводи НОН | Нон ва маҳсулоти нонӣ | 80 тонна | 68 тонна | Хуб | Дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ |
| 17 | ҶДММ “Ҷомӣ 2” | Нон ва маҳсулоти нонӣ | 85 тонна | 77 тонна | Хуб | Дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ |
| 18 | ҶДММ “Матин 2” | Маҳсулоти нонӣ ва маҳсулоти ширӣ | 60 тонна | 58 тонна | Хуб | Дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ |
| 19 | ҶДММ “Шайх” | Орд ва сабӯс | 30 тонна | 25 тонна | Хуб | Дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ |
| 20 | Заводи Шарбат | Маҳсулотҳои консервагӣ | 7,2 млн қуттии шартӣ | 2,5 млн қуттии шартӣ | Хуб | Дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ |

Корхонаҳои саноати бо иқтидори пурраашон фаъолият намекунанд, ки ин ба нокифоягии воситаҳои молиявӣ, набудани техника ва технологияи замонавӣ, норасогии нерӯи барқ, махсусан дар давраи зимистон, норасогии кадрҳои баландихтисос, истифодаи суст ва ғайрисамараноки низоми менеҷменту маркетинг ва набудани марказҳои машваратӣ алоқаманд аст.

*Ҳаҷми истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулот*
*дар корхонаҳои саноатӣ*

| № | Нишондиҳандаҳо | Дар шакли аслӣ | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Воҳиди ченак | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
| 1 | Нахи пахта | тонна | 2041 | 2383 | 2202 |
| 2 | Равғани растанӣ | тонна | 312 | 346 | 160 |
| 3 | Хишти сохтмонӣ | ҳазор дона | 5386 | 5949 | 5969 |
| 4 | Нон ва маҳсулоти нонӣ | тонна | 587 | 696 | 733 |
| 5 | Орд | тонна | 6120 | 6618 | 6719,7 |
| 6 | Консерваи меваю сабзавот | ҳазор қуттии шартӣ | 1460 | 1775 | 2500 |
| 7 | Сангреза | $М^3$ | 9500 | 14167 | 14663 |
| 8 | Намаки ошӣ | тонна | 5397 | 7894 | 10945 |
| 9 | Кунҷора | тонна | 2391 | 2639 | 1089,1 |
| 10 | Гӯшт | тонна | 514 | 525 | 538 |
| 11 | Маҳсулоти дӯзандагӣ | ҳазор сомонӣ | 974,6 | 1010,9 | 2386,5 |

Дар солҳои 2012-2014 бо сабаби аз фаъолият бозмондани 2 корхона коҳиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба амал омада бошад ҳам, хушбахтона дар соли 2015 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо сабаби ба истифода супоридани корхонаҳои саноатии оиди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла, хишт ва сангреза, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 9% афзоиш ёфтааст. Дар ноҳия иқтидорҳои зиёди истеҳсолии истифоданагардида мавҷуд мебошад, ки дар натиҷаи самаранок ва оқилона истифода намудани он, суръати рушди иқтисодияти ноҳияро таъмин намудан мумкин аст.

**Иқтидори саноатӣ.** Ноҳияи Ҳамадонӣ имкониятҳои васеъро барои рушди соҳаи саноат доро мебошад. Дар натиҷаи самаранок ва оқилона истифода намудани захираҳои мавҷуда ва канданиҳои фоиданоки ҳудуди ноҳия имконияти рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодии ноҳия вуҷуд дорад.

Яке аз боигариҳои табиӣ кӯҳи намаки Хоҷа Мӯъмин мебошад. Захираи намаки кӯҳи Хоҷа Мӯъмин тахминан зиёда аз 40 то 50 миллиард тонна арзёбӣ шудааст. Кӯҳи мазкур аз сатҳи бахр дар баландии 1338 метр қарор дорад. Тамоми кӯҳ аз намаксанги сафеди сабзгун ё бунафштоб иборат буда, сатҳи болои онро ҷинсҳои кӯҳии гаҷ ва гаҷмонанд пӯшонидаанд. Дар натиҷаи истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои мазкур, дар давоми садсолаҳо метавон на танҳо, ҷумҳурӣ, балки тамоми сайёраро бо намак таъмин намуд. Илова бар ин, омили мазкур метавонад ба рушди имкониятҳои содиротии на танҳо ноҳия, балки ҷумҳурӣ мусоидат намояд ва дар ин замина ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шавад. Айни замон бо мақсади ба роҳ мондани истеҳсол ва коркарди намак дар ноҳия 5 корхонаи истеҳсолӣ дар асоси иҷозатномаи мақомотҳои дахлдор фаъолият менамояд, ки дар онҳо 72 нафар бо ҷои корӣ таъмин гардидааст.

Яке аз мушкилиҳои асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, дар баробари корхонаҳои расмӣ пайдо гардидани қочоқчиёне, ки ғайрирасмӣ фаъолият менамоянд ва дар натиҷа ҳам буҷети маҳаллӣ ва ҳам истеъмолкунандагон зарар мебинанд.

### 2.3. Соҳибкории хурду миёна

***Нақши соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти маҳаллӣ*** Барои рушди ноҳияи Ҳамадонӣ соҳибкории хурд захираи азим ба ҳисоб меравад, зеро рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Ҳамадонӣ аз рушди соҳибкории хурду миёна алоқаманд мебошад. Бахши СХМ асосан тавассути савдои хурди чакана, кишоварзӣ, хӯроки умумӣ, хизматрасониҳои маишӣ, истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва ғайраҳо рушд намуда истодааст.

*Ташаккули субъектҳои СХМ дар ноҳияи Ҳамадонӣ дар солҳои 2012-2014 аз рӯи соҳаҳо*

| Соҳаҳо | Соли 2012 | | Соли 2013 | | Соли 2014 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ |
| Кишоварзӣ | 334 | 2079 | 336 | 2111 | 337 | 2441 |
| Саноат | 20 | - | 20 | 1 | 22 | 2 |
| Сохтмон | 6 | 10 | 6 | 4 | 8 | 8 |
| Нақлиёт ва алоқа | 2 | 46 | 2 | 63 | 2 | 78 |
| Савдо | 3 | 317 | 3 | 484 | 3 | 578 |
| Хизматрасонӣ | 6 | 106 | 6 | 146 | 9 | 187 |
| Хизмати молиявӣ | 10 | - | 10 | - | 12 | - |
| Дигар сохторҳо | 172 | - | 219 | - | 248 | - |
| Ҷамъ: | 553 | 2558 | 602 | 2809 | 641 | 3294 |
| Дар якҷоягӣ | 3111 | | 3411 | | 3935 | |

Тибқи натиҷаҳои таҳлил дар ноҳияи Ҳамадонӣ шумораи субъектҳои соҳибкории шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (шахсони воқеӣ) тамоюли зиёдшавӣ дошта, дар соли 2014 ҳамагӣ 3935 ададро (аз ҷумла 641 шахси ҳуқуқӣ ва 3294 адад шахси воқеъӣ) ташкил додааст. Соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ нақши муҳим дошта, айни ҳол дар субъектҳои мазкур 4860 нафар бо ҷойи корӣ таъмин гаштаанд. Дар соли 2014 дар ноҳия шумораи соҳибкорони дорои патент ба 843 нафар расидааст, ки аз он 451 нафар (ё 47,7%)-ро занҳо ташкил медиҳанд. Шумораи соҳибкорони дорои шаҳодатнома бошад ба 394 нафар расидааст. Соҳибкорони тариқи патент фаъолиятдошта асосан ба фурӯши молҳои омехта, фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, мусофиркашонӣ ва боркашонӣ машғул мебошанд. Айни замон, дар ноҳияи Ҳамадонӣ 20 ҷамъияти масъулияташон маҳдуд ба қайд гирифта шудаанд. Ҳамзамон дар ноҳия дар соли 2014 ҳамагӣ 35 субъекти соҳибкории шахси ҳуқуқӣ таъсис ёфта, ягон соҳибкори инфиродӣ фаъолияташро қатъ накардааст.

*Нақши СХМ дар шугли аҳолӣ ва воридоти андозҳо аз рӯи соҳаҳо дар соли 2014*

| Соҳа | Шумораи субъектҳои ба қайдгирифташудаи СХМ | | Шуғли аҳолӣ | | Воридоти андозҳо ба буҷет | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ (бо соҳибкорони инфиродӣ) | Шумораи ҷойҳои корӣ | %-аз шуғли умумӣ | Сомонӣ | %-аз ҳаҷми умумии андозҳои СХМ |
| Кишоварзӣ | 337 | 2441 | 12311 | 60,4% | 9830 | 34,1% |
| Саноат | 22 | 2 | 411 | 2% | 2312,2 | 8,02% |
| Сохтмон | 8 | 8 | 74 | 0,38% | 285,4 | 0,99% |
| Нақлиёт ва алоқа | 2 | 78 | 62 | 0,3% | 162,2 | 0,56% |
| Савдо | 3 | 578 | 1719 | 8,3% | 193,8 | 0,67% |
| Хизматрасонӣ | 9 | 187 | 285 | 1,4% | 419,6 | 1,45% |
| Хизмати молиявӣ | 12 | - | 79 | 0,4% | 1767,6 | 6,1% |
| Дигар соҳаҳо | 248 | - | 5689 | 26,82% | 13851,6 | 48,05% |
| Ҷамъ: | 641 | 3294 | 20630 | 100% | 28822,4 | 100% |

Қисми асосии субектҳои СХМ-и ноҳия дар соҳаи кишоварзӣ (ҷамъ 2778 субъект, 70,6%), савдо (ҷамъ 581 субъект, 14,8%), нақлиёту алоқа (ҷамъ 80 субъект, 2%), хизматрасонӣ (ҷамъ 196 субъект, 5%) ва дигар соҳаҳо (248 субъект, 7,6%) машғул мебошанд.

Дар самти воридоти мабаға ба буҷаи маҳаллӣ дар соли 2014 саҳми соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, хизматрасонии молиявӣ ва дигар соҳаҳо зиёд буда, аз ҳисоби субъектҳои СХМ ба буҷети маҳаллӣ 28822,4 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст.

*Воридот ба буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби СХМ аз рӯи соҳаҳо (ҳазор сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Ҷамъ дар солҳои 2012-2014 |
|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 7899,2 | 8949 | 9830 | 26678,2 |
| Саноат | 1892,8 | 2825,3 | 2312,2 | 7030,3 |
| Сохтмон | 286,1 | 156,8 | 285,4 | 728,3 |
| Савдо | 440,1 | 463,9 | 193,8 | 1097,8 |
| Нақлиёт ва алоқа | 59,1 | 150,2 | 162,2 | 371,5 |
| Дигар андозсупорандагон ва хизматрасонӣ | 8932,4 | 11889,7 | 16038,8 | 36860,9 |
| Ҳамагӣ: | 19509,7 | 24434,9 | 28822,4 | 72767 |

*Ҳаҷми истеҳсолот ва хизматрасониҳои СХМ*
*дар соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи Ҳамадонӣ дар соли 2014*




Ҳиссаи СХМ-и соҳаи кишоварзӣ дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот 24,4 фоиз буда, ҳаҷми умумии андозҳои ба буҷети ноҳия аз субъектҳои СХМ-и кишоварзӣ воридшуда 34,1 фоизро ташкил додааст, ки ин аз рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ шаҳодат медиҳад. Мутаасифона дар соҳаҳои иқтисодиёти ноҳияи Ҳамадонӣ таъсисёбии субъектҳои соҳибкории хурди истеҳсолӣ хеле кам ба назар мерасад. Дар се соли охир ҳамагӣ 1 субъекти соҳибкории хурди истеҳсолӣ оид ба коркард ва истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ таъсис ёфтааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонии субъектҳои соҳибкории хурду миёна сол то сол зиёд шуда бошад, ҳам лекин ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ тамоюли ноустувори рушдро дорад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар субъектҳои СХМ гарчанде дар соли 2014 бо сабаби ба кор даромадани корхонаи ҶДММ «Баракати Раҳмон» афзуда бошад ҳам, лекин ҳиссаи ин субъектҳо дар се соли охир хеле кам рушд намудааст, зеро фаъолияти ширкати мазкур бо сабабҳои объективӣ суст гаштааст. Дар соли 2014 ҳамагӣ 6,8 фоизро аз ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ташкил кардани субъектҳои СХМ нокифоя будани нақши онҳоро дар таъмини бозори дохила бо маҳсулоти саноатӣ нишон медиҳад.

Корхонаҳои саноатӣ, ки ба субъектҳои СХМ дохил мешаванд, дорои таҷҳизоти технологӣ мебошанд, аммо дар зери таъсири манфии якчанд омилҳо (норасогии воситаҳои гардон ва набудани сармояи зарурӣ, фарсуда ва кӯҳна будани таҷҳизотҳо, душвории амалиётҳои содиротӣ, ҳаҷми ками истеҳсоли маҳсулот ва хароҷотҳои зиёди нақлиётӣ) фаъолияташон коста шудааст ва ё аз фаъолият бозмондаанд.

Рушд наёфтани бисёр намудҳои соҳибкорӣ, ки ба хизматрасонӣ ва истеҳсоли маҳсулот машғуланд, ба нокифоя будани имкониятҳои молиявии соҳибкорон ва арзиши гарони содироти маҳсулот ба бозори беруна алоқаманд мебошад. Баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти ноҳия ва некӯаҳволии аҳолии он инчунин, ба ҳалли мушкилиҳои таъмини нуқтаҳои аҳолинишин бо нерӯи барқ, ба рушди энергетикаи хурду ғайрианъанавӣ, бунёди инфрасохтор, низоми боэътимоди нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ

вобаста мебошад. Беҳтар намудани ҳолати роҳҳои мошингарди ноҳия ва роҳҳои ба ноҳияҳои ҳамсоя ва маркази вилоят пайвасткунанда, барои баровардани маҳсулоти кишоварзии дар ноҳия истеҳсолшуда ба бозорҳои беруна, аҳамияти муҳими иқтисодӣ дорад.

Дар ноҳия таъсис додани корхонаҳои хурди истеҳсолӣ оид ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ барои иқтисодиёти ноҳия хеле муфид буда, рушди интенсивии соҳаи чорводорӣ ва растанипарварӣ имконият фароҳам меорад, ки аҳолӣ аз он даромади иловагӣ гирад.

Баланд бардоштани малакаю дониши соҳибкорон, дастрас гардонидани иттилооти зарурӣ оиди бозорҳои фурӯши молу маҳсулот ва тағйирёбии конюктураи он, инчунин дастрас гардонидани қарзҳои имтиёзнок ба соҳибкорон, барои рушди соҳаи СХМ такони нав мебахшад.

Соли 2014 ҳиссаи соҳибкории хурду миёна дар қисмати даромади буҷети маҳаллӣ 36,8 фоизро ташкил додааст.

Саҳми соҳибкории хурду миёна дар рушди соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, савдо ва бунёди иншоотҳои сохтмонӣ ҳамасола афзоиш ёфта, аз ин ҳисоб буҷети маҳаллӣ ғанӣ гардида истодааст.

Мавриди тазаккур аст, ки 60,4 фоизи шуғли аҳолӣ дар бахши СХМ танҳо ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд ва 39,6 фоизи кормандони субъектҳои СХМ дар соҳаҳои боқимондаи хоҷагии халқ шуғл доранд, ки ин аз рушди нокифояи соҳибкорӣ дар соҳаҳои саноату сохтмон, нақлиёту хизматрасонӣ ва савдо шаҳодат медиҳад.

Гарчанде, ки мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун субъекти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравалд, аммо дар амал дар ин соҳа соҳибкории воқеъӣ кам ба назар мерасад. Содироти маҳсулоти кишоварзӣ аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар сатҳи паст қарор дошта, таъмини бозори истеъмолии дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ номунтазам мебошад.

Бо назардошти таҳлилу гуфтаҳои боло бояд қайд кард, ки раванди васеъгардонии шумораи корхонаҳои хурд, алалхусус корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ғайриқаноатбахш мебошад. Дар ноҳия шароитҳои мӯътадил ва захираҳое мавҷуданд, ки ба афзоиши шумораи корхонаҳои хурд имконият дода, барои бо молҳои ватанӣ ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ ва ба ин восита паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намояд.

***Хизматрасониҳо барои рушди СХМ.*** Бо мақсади дастгирии бахши хусусӣ дар ҳудуди ноҳия филиали бонкҳои «Агроинвестбонк», «Амонатбонк», «Ориёнбонк», «Эсхата», «Тоҷпромбонк», инчунин намояндагиҳои ташкилотҳои хурди қарздиҳии «Ҳумо», «Оксус», «Финка» ва «Фуруз» фаъолият менамоянд.

*Маълумот оид ба пешниҳоди маблағҳои қарзӣ дар тӯли солҳои 2012-2014 (ҳаз.сомонӣ)*

| Номгӯи ташкилот | Сол | Маблағи умумии қарзҳои пешниҳодгардида | Шумораи қарз истифодабарандагон | Бахшҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Растанипарварӣ | Чорводорӣ | Зарурияти иҷтимоӣ ва занбурпарварӣ | Пахтапарварӣ | Соҳибкорӣ | Мӯҳоҷирати меҳнатӣ |
| БДА «Амонатбонк» | 2012 | 16026,5 | 275 | 2550 | 3000 | | 6039,5 | 1065 | 3372 |
| | 2013 | 14945,2 | 308 | 0 | 2500 | | 4407,6 | 2266,7 | 5770,9 |
| | 2014 | 27259 | 399 | 3300 | 5800 | | 6303,2 | 7990 | 3865,8 |
| | Ҷамъ | 58230,7 | 982 | 5850 | 11300 | | 16750,3 | 11321,7 | 13008,7 |
| ҶДММ «Агроинвестбонк» | 2012 | 7620 | 895 | 550 | 240 | 0 | 2530 | 2490 | 1810 |
| | 2013 | 9592 | 1039 | 640 | 250 | 15 | 3402 | 3582 | 1703 |
| | 2014 | 12764 | 990 | 700 | 300 | 35 | 5887 | 4522 | 1320 |
| | Ҷамъ | 29976 | 2924 | 1890 | 790 | 50 | 11819 | 10594 | 4833 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ЧДММ «Ориёнбонк» | 2012 | 12195 | 198 | 2197 | 2214 | 1085 | 1274 | 4367 | 1059 |
| | 2013 | 18652 | 221 | 2740 | 4606 | 2140 | 1502 | 5071 | 2593 |
| | 2014 | 24510 | 245 | 7266 | 4629 | 2435 | 1458 | 6463 | 2259 |
| | Ҷамъ | 55357 | 664 | 12203 | 11449 | 5660 | 4234 | 15901 | 5912 |
| ЧДММ «Тоҷпромбонк» | 2012 | 31972,9 | 325 | | | 6040,18 | 3412,49 | 20452,85 | 2066,771 |
| | 2013 | 22980,96 | 219 | | | 4646,68 | 3735,82 | 13544,77 | 1053,69 |
| | 2014 | 27187,65 | 316 | | | 7695,95 | 5096,5 | 12731,95 | 1663,25 |
| | Ҷамъ | 82141,5 | 860 | | | 18382,8 | 12244,8 | 46729,6 | 4783,71 |
| ТХҚ «Оксус» | 2012 | 10342 | 155 | 2214 | 1274 | 2500 | 1084,5 | 1059 | 2210 |
| | 2013 | 14834 | 195 | 4606 | 1502 | 1000 | 2140 | 2593 | 2993 |
| | 2014 | 16828 | 276 | 4629 | 1458 | 2600 | 2435 | 2259 | 3447 |
| | Ҷамъ | 42004 | 626 | 11449 | 4234 | 6100 | 5659,5 | 5912 | 8650 |
| ТХҚ «Ҳумо» | 2012 | 4702,7 | 1274 | 1737,1 | 1059,3 | 0 | 0 | 1884,9 | 21,4 |
| | 2013 | 6526,4 | 1502 | 1443,6 | 2593,2 | 14,3 | 258,2 | 2212,4 | 4,7 |
| | 2014 | 5479 | 1458 | 1878,3 | 2259,1 | 0 | 150,7 | 1190,9 | 0 |
| | Ҷамъ | 16708,1 | 4234 | 5059 | 5911,6 | 14,3 | 408,9 | 5288,2 | 26,1 |
| Филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» | 2012 | 17687,5 | 55 | 2500 | 1311 | 5768 | 6660 | 1587,5 | 1172 |
| | 2013 | 18113,84 | 105 | 1000 | 1471 | 9169 | 2289,92 | 4166,92 | 1488 |
| | 2014 | 20263,81 | 176 | 2600 | 1900 | 5587,7 | 5524,8 | 4922,31 | 1629 |
| | Ҷамъ | 56065,2 | 336 | 6100 | 4682 | 20524,7 | 14474,7 | 10676,7 | 4289 |
| Бонки «Эсхата» | 2012 | 11307,31 | 124 | 1320 | 1084,5 | 665,2 | 1084,5 | 5879,11 | 1274 |
| | 2013 | 17056 | 148 | 1650 | 2140 | 850 | 2140 | 8774 | 1502 |
| | 2014 | 11803,25 | 187 | 2350 | 2435 | 1350 | 2435 | 1775,25 | 1458 |
| | Ҷамъ | 40166,56 | 459 | 5320 | 5659,5 | 2865,2 | 5659,5 | 16428,36 | 4234 |
| ТХҚ «Финка» | 2012 | 10069,1 | 59 | 2758,7 | 277,4 | 4245,6 | 187,2 | 2146,9 | 453,3 |
| | 2013 | 13851,2 | 123 | 5679,9 | 1650 | 404,9 | 1087,7 | 4187,3 | 841,4 |
| | 2014 | 2593,8 | 217 | 1187,9 | 85 | 60 | 96,5 | 1031,4 | 133 |
| | Ҷамъ | 26514,1 | 399 | 9626,5 | 2012,4 | 4710,5 | 1371,4 | 7365,6 | 1427,7 |
| ТХҚ «Фуруз» | 2012 | 15292 | 269 | 1701 | 6880 | | 2210 | 2214 | 2287 |
| | 2013 | 19498 | 438 | 5018 | 4010 | | 2993 | 4606 | 2871 |
| | 2014 | 2879 | 492 | 7398 | 5345 | | 3447 | 4629 | 8060 |
| | Ҷамъ | 37669 | 1199 | 14117 | 16235 | | 8650 | 11449 | 13218 |
| Ҳамагӣ: | 2012-2014 | 444832,2 | 12683 | 71614,5 | 62273,5 | 58307,5 | 81272,1 | 141666,2 | 60382,21 |

*Тақсимоти қарзҳо аз рӯи соҳаҳои асосӣ (бо %)*




Бояд қайд намуд, ки дар давоми солҳои 2012-2014 аз тарафи бонкҳо барои шахсоне, ки дар соҳаҳои асосии хоҷагии халқ фаъолият мекунанд, 12683 адад қарзҳои кутоҳмӯҳлат пешниҳод карда шудааст. Қарзҳои пешниҳодгардида асосан барои дастгирӣ ва рушди соҳаҳои кишоварзӣ (45%), фаъолияти соҳибкорӣ (30%), зарурияти иҷтимоӣ (12%) ва муҳоҷирати меҳнатӣ (13%) равона гардидааст. Маблағи умумии

қарзҳои дар тӯли солҳои 2012–2014 пешниҳодгардида 444,8 млн сомониро ташкил додааст.

Соҳибкорон дар ноҳия нерӯи бузург ва созанда маҳсуб меёбанд ва аз дуруст ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо, рушди минбаъдаи иқтисодиёти ноҳия вобастагии калон дорад. Айни замон, дар ноҳия имкониятҳои зиёди ҳамкорӣ, иқтидорҳои калони истеҳсолӣ ва қувваи кории арзон мавҷуд мебошад ва дар ин самт соҳибкорони ватанию хориҷӣ метавонанд фаъолияти худро самараноктар ба роҳ монанд. Илова бар ин, ҳоло аксари занону духтарон дар хона бе кор мебошанд ва метавон онҳоро тавассути ташкили корхонаҳои нав, барқарор намудани корхонаи аз кор бозмонда ва ё васеъ намудани доираи фаъолияти корхонаҳо ба кор ҷалб намуд.

***Мушкилотҳои асосии СХМ.*** Сабабҳои асосии суст рушд ёфтани СХМ ба маҳдуд будани бозори дохилӣ, номукаммал будани низоми андоз ва андозбандӣ, суст будани дастгирии давлатӣ, кам будани имтиёзҳо, махсусан имтиёзҳои бонкӣ (баланд будани фоизи қарзҳо ва кӯтоҳ будани мӯҳлати баргардонии қарз) алоқаманд мебошад. Мушкилии дигар, мавҷуд набудани марказҳои машваратӣ барои соҳибкорон мебошад, ки дар натиҷаи ин манфиатҳои соҳибкорон сари вақт ҳимоя карда намешаванд ва ё сатҳи иттилоотнокӣ ва маълумотнокии соҳибкорон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ қонеъкунанда нест.

Барои таъмини бемайлони рушди соҳибкории хурду миёна, чораҳои зеринро андешидан лозим аст: тавассути фондҳои карздиҳии хурд пешниҳод намудани қарзҳои хурди имтиёзноки барои рушди СХМ нигаронидашуда, муҳаё намудани шароит барои фаъолияти фондҳои қарздиҳии хурди дар ҳудуди ноҳия фаъолияткунанда, беҳтар намудани дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои имтиёзнок, беҳтар намудани фаъолият дар самти ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, ҷалби сармоягузорони потенсиалӣ барои ворид намудани технологияи муосир, тақвияти ҳамкорӣ бо марказҳои идораи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ташкил намудани фазои мусоиди соҳибкорӣ ва муҳайё намудани шароит барои сохтмони корхонаҳои муштарак.

# БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ

## 3.1. Соҳаи маориф

Соҳаи маориф барои рушди ҷомеа ва ноил гардидан ба як қатор ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши муҳим мебозад.

**Сатҳи умумии маълумотноки дар соҳаи маориф.** Шумораи аҳолии ноҳия аз рӯи маълумотнокӣ чунин аст: аҳолии дорои маълумоти олии касбӣ 1252 нафар (аз ҷумла, 372 нафар зан), аҳолии дорои маълумоти миёнаи касбӣ 321 нафар (аз ҷумла, 177 нафар зан) ва аҳолии дорои маълумоти миёнаи умумӣ 39470 нафар (аз ҷумла, 17651 нафар зан).

*Сатҳи маълумотнокии аҳолии ноҳия*




Дар соҳаи маорифи ноҳия 2 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, 39 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 5 мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, 4 мактаби таҳсилоти умумии ибтидоӣ, 1 гимназия ва литсейи №1 фаъолият мекунанд. Аз шумораи умумии мактабҳо танҳо дар 2 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳсил бо забонҳои тоҷикию ӯзбекӣ ба роҳ монда шудааст. Илова бар ин, феълан дар ноҳия Коллеҷи омӯзгорӣ (гурӯҳҳои таълимии колеҷи омӯзгории шаҳри Кӯлоб), Коллеҷи тиббӣ (филиали Коллеҷи тиббии ноҳияи Данғара), Литсеи техникии №17, Иттифоқи автомобилчиён, мактаби варзишӣ-техникии Ташкилоти ҷамъияти мададгори мудофиавӣ (ТҶММ) ва Маркази таҳсилоти иловагӣ фаъолият доранд.

***Маълумоти томактабӣ.*** Дар ноҳия ду муассисаи томактабӣ фаъолият дорад, ки он барои фарогирии 240 нафар кӯдакон пешбинӣ шудааст, аммо айни ҳол шумораи кӯдакони ба тарбия фаро гирифташуда ба 250 нафар мерасад, ки ин ба сифати тарбия таъсири манфӣ мерасонад. Дар муассисаи мазкур 55 нафар кормандон (аз ҷумла 51 нафар (ё 92%) занон) фаъолият мекунанд. Аз шумораи умумии кормандон 8 нафар мураббиёни дорои маълумоти олӣ, 12 нафар дорои маълумоти миёнаи педагогӣ ва 39 нафар бо маълумоти миёнаи умумӣ машғули омӯзишу тарбияи кӯдакон буда, 4 нафар кормандони техникӣ мебошанд.

Мушкилоти асосии дастрасӣ ба маълумоти томактабӣ дар ноҳия, норасогии ҷой барои кӯдакони синни томактабӣ ва ба таъмири асосӣ ниёз доштани боғчаи кӯдаконаи №1 мебошад. Дар фасли зимистон аз сабаби мавҷуд набудани шабакаи зарурии гармидиҳӣ биноҳо ба воситаи таҷҳизоти гармидиҳии худсохт (печкаҳо) гарм карда мешаванд.

Дар ноҳия ягон муассисаи томактабии хусусӣ вуҷуд надорад. Аз ин нуқтаи назар ташкил намудани муассисаҳои томактабии хусусӣ метавонад ба муҳити рақобати озоди фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ, таъсири мусбӣ расонад.

***Маълумоти миёна.*** Шумораи умумии хонандагони ноҳия дар солҳои хониши 2014-2015 ба 28 ҳазору 918 нафар баробар гардида, аз ин 14 ҳазору 152 нафар ва ё 49,0 фоизро духтарон ташкил медиҳанд.

*Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия*

| Соли таҳсил | 2012-2013 | | | | 2013-2014 | | | | 2014-2015 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ нафар | бачаҳо | духтарон | % духтарон | Ҳамагӣ нафар | бачаҳо | духтарон | % духтарон | Ҳамагӣ нафар | бачаҳо | духтарон | % духтарон |
| Аз синфи 1 то 4 | 11902 | 6128 | 5774 | 48,5 | 11819 | 6101 | 5718 | 48,3 | 11778 | 6095 | 5683 | 48,2 |
| Аз синфи 5 то 9 | 14305 | 7535 | 6770 | 47,3 | 13991 | 7332 | 6659 | 47,5 | 13926 | 7226 | 6700 | 48,1 |
| Аз синфи 10 то 11 | 4260 | 2461 | 1799 | 42,2 | 4195 | 2420 | 1775 | 42,3 | 4108 | 1324 | 1742 | 42.4 |
| Ҳамагӣ | 30467 | 16124 | 14343 | 47 | 30005 | 15849 | 14156 | 47,1 | 28918 | 15687 | 14125 | 47,3 |

Новобаста ба сатҳи таваллуд (дар зарфи даҳсолаҳои охир дараҷаи таваллуд рӯ ба афзоиш аст), дар солҳои ахир дар тамоми синфҳо тағйироти ночиз вобаста ба ҳисоби миёна ба 1% паст гаштани шумораи хонандагон, ба мушоҳида мерасад, ки ин пеш аз ҳама ба муҳоҷирати меҳнатии дохили кишвар алоқаманд аст. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 197 оила ба ноҳияи Турсунзода кӯчонда шудаанд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки аз сабаби норасогии синфхонаҳо хонандагони 45 мактаби ноҳия (93,7%), дар ду баст ва 3 мактаб (6,3%) дар се баст таҳсил мекунанд.

Шумораи умумии хонандагон дар солҳои хониши 2014 - 2015 ба 28 ҳазору 918 нафар баробар буда, аз ин 52,6 фоиз дар басти аввал, 47,1 фоиз дар басти дуюм ва 1,3 фоиз дар басти сеюм таҳсил менамоянд.

*Шумораи хонандагон аз рӯи бастҳо дар соли 2014 (нафар)*




Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, аз мактаб берун мондани хонандагон баъд аз хатми синфи 9-10 мебошад ва ин ҳолат асосан дар мактабҳои нуҳсола ба мушоҳида мерасанд. Тибки маълумотҳои мавчуда 82% духтарон таҳсили худро идома дода, 18%-и духтарон бошанд бо сабабҳои гуногуни объективи ва субъективи таҳсилро катъ менамоянд.

Таҳлили солҳои охир нишон дод, ки ҳангоми аз синфи 9 то 11 гузаштан 1 фоизи шумораи духтарон афзоиш ёфта истодааст. Минбаъд ҳамаҷониба ҳавасманд намудани онҳо ва фарогирии аксари онҳо ба курсҳои миёнамӯҳлати таълимӣ, махсусан курсҳои

омӯзишии компютерӣ, ҳисоби муҳосибӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ, яке аз самтҳои афзалиятноки соҳа махсуб меёбад.

*Коҳиш ёфтани шумораи хонандагон ҳангоми*
*аз синфи 9 то синфи 11 гузаштан*




Мутобиқи «Низомнома дар бораи мактабҳои маълумоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шумораи талабагони синфҳои 1-11 дар ҳар як синф бо теъдоди 25-30 талаба муқаррар гардидааст. Шумораи миёнаи хонандагон дар синфхонаҳо 24,9 нафарро ташкил медиҳад, ки ин ба стандартҳои муосири соҳаи маориф мутобиқ мебошад.

Мушкилоти дигари соҳаи маориф дар ноҳия, норасогии синфхонаҳои таълимӣ дар мактаби №26 мебошад. Гарчанде дар мактаби мазкур соли 2015 сохтмони ду синфхона аз ҳисоби сармояи хориҷӣ оғоз гардидааст, аммо ин ҳам басанда нест.

Муассисаҳои таълимии ноҳия аз норасогии озмоишгоҳҳои фаннӣ (химия, биология, физика) ва воситаҳои таълимӣ (мизу курсӣ, тахта ва ғайра) танқисӣ мекашанд.

**Дастгирии кӯдакон аз оилаҳои камбизоат.** Бо мақсади бо таълиму тарбия фаро гирифтани хонандагони оилаҳои камбизоат мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №244 аз 2 майи соли 2010 «Дар бораи пардохти кӯмакпулӣ ба оилаҳои камбизоат, ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд" ҳар нимсола ба 15 фоизи онҳо 20 сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт карда мешавад. Дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар соли таҳсили 2014-2015 барои баланд бардоштани дараҷаи ба мактаб фарогирии кӯдакони оилаҳои камбизоат (аз яке аз волидонашон маҳруманд, кӯдакони ятиммонда, яке аз волидонашон маъюбанд, волидонашон бо кор таъмин нестанд, аз оилаҳои камбизоатанд ва аз оилаҳои серфарзанданд (беш аз 5 кӯдак)) аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба 3539 нафар хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ба маблағи умумии 141,6 ҳазор сомонӣ ё ба ҳар як хонанда 40 сомонӣ ҷубронпулӣ дода шудааст.

**Таъминот бо омӯзгорон**. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия дар соли 2014 беш аз 1 ҳазору 574 нафар омӯзгорон кору фаъолият намудаанд, ки аз ин 618 нафар ва ё 39,3 фоизро занҳо ташкил медиҳанд.

Набудани шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ боиси аз муассисаҳои таълимӣ рафтани омӯзгорони соҳибтаҷриба мегардад ва дар се соли охир 18 нафар омӯзгорон корро тарк намуда, ба дигар корҳои ғайриомӯзгории музднок ё муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд. Муассисаҳои таълимии ноҳия дар соли таҳсили 2014-2015 пурра бо омӯзгорони соҳибихтисос таъмин гаштаанд.

Дар курсҳои такмили ихтисос ва бозомузии омӯзгорон дар солҳои 2013-2014 мутобиқи нақшаи пешбинишуда 13% омузгорон ва ё зиёда аз 204 нафар таҷрибаю малакаи худро боз ҳам беҳтар намуданд.

*Шумораи умумии омӯзгорон (нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2014 нисбат ба соли 2012 бо фоиз |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумии омӯзгорон | 1462 | 1558 | 1574 | 107,6% |
| аз ҷумла, занон | 554 | 562 | 618 | 111,5% |
| Дорои маълумоти олӣ | 1171 | 1218 | 1252 | 106,9% |
| аз ҷумла, занон | 367 | 372 | 380 | 103,5% |
| Дорои маълумоти олии нопурра ва миёнаи касбӣ | 280 | 321 | 246 | 87,8% |
| аз ҷумла, занон | 177 | 177 | 146 | 82,4% |
| Дорои маълумоти миёнаи умумӣ (ғоибхонҳо) | 11 | 19 | 10 | 90,9% |
| аз ҷумла, занон | 10 | 13 | 9 | 90% |
| Муаллимони аз коррафта | 3 | 2 | 5 | 166,6% |
| аз ҷумла занҳо | 1 | 1 | 3 | 3 маротиба |
| Норасогии кадрҳо | 13 | 5 | - | - |

**Маълумоти фарогир.** Дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба ҳолати 1 январи соли 2015 - 125 нафар кӯдакони маъюб (аз ҷумла 52 нафар духтарон) ба қайд гирифта шудаанд. Айни замон аз ин шумора 17 нафар, аз ҷумла 12 нафар духтарон, ба таълими инфиродӣ фаро гирифта шуда, дигар маъюбон дар муассисаҳои таълимӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

**Барқарорсозии инфрасохтори мактабӣ.** Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №436 аз 27 августи соли 2008 «Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008–2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд» як қатор корҳо ба иҷро расонида шуд. Новобаста аз ин, баъзе масъалаҳои ҳалталаб, ба монанди сохтмони мактабҳо дар маҳаллаҳои навбунёди ноҳия боқӣ мондааст. Ин мушкилот бештар дар маҳаллаҳои кӯҳистони ҷамоати деҳоти Чубек-дар деҳаҳои Чордара, Саркокул, Қиёмчашма, Бузахона ва Қарағоч ба мушоҳида мерасад.

Бо назардошти афзоиши ҳамасолаи аҳолӣ талабот ба сохтмони мактабҳои нав ва синфхонаҳои иловагӣ сол то сол зиёд мегардад. Дар ин замина зарурати сохтмони мактабҳои нави замонавӣ ва синфхонаҳои иловагӣ махсусан дар мактабҳои миёнаи №58, №21, №45-и Ҷамоати деҳоти Чубек ва мактаби миёнаи №18-и Ҷамоати деҳоти Дашти гуло ба миён омадааст.

Айни замон дар муассисаҳои таълимиии ноҳия 9 толори варзишӣ ва 50 майдончаҳои варзишӣ мавҷуд мебошад. Аммо дар 31 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия толорҳои варзишӣ намерасанд, ки ин ба пешбурди тарзи ҳаёти солим ва дар ин замина дар рӯҳияи баланд тарбия намудани насли наврас таъсири манфӣ мерасонад.

**Компютеркунонии мактабҳо.** Соли 2014 дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия 41 синфи компютерӣ ташкил карда шудааст ва дар онҳо 904 адад компютер, 280 адад принтер мавҷуд мебошад ва ба 15 хонанда 1 компютер рост меояд. Айни замон, “Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015” дар ноҳия пурра таъмин гардидааст. Барои таъмини мунтазами синфхонаҳои компютерӣ бо нерӯи барқ мактабҳои ноҳия бо 48 адад генератор таъмин гардидаанд.

**Таъминот бо оби нӯшокӣ ва гармӣ.** Айни замон дар мактабҳои деҳот бо сабаби солҳои дароз истифода гардидани қубурҳои обгузар, аз кор баромадани хатҳои таъминоти оби нӯшокӣ ба назар мерасад. Ин мушкилиро бештар дар мактабҳои №№ 53,45,23,9,7,26 дидан мумкин аст. Ба сабаби кор накардани системаҳои гармидиҳии мавҷуда аксарияти мактабҳои маркази ноҳия ва деҳот аз таъминоти гармидиҳии буғӣ маҳрум мебошанд. Ҳолати мазкур бештар дар мактабҳои №№1,7,52,17 ба назар мерасад.

Дар давраи солҳои 2011-2014 ба 50 муассисаи таълимӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар ҳаҷми 83 млн. сомонӣ маблағгузорӣ гардидааст. Аз ҷумла, дар соли 2014 дар ҳаҷми 24 млн. сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст, ки дар қиёс ба соли 2011 ба андозаи 6 млн. сомонӣ ё 75,0 фоиз зиёд мебошад.

*Маблағгузории соҳаи маориф дар давоми солҳои 2011-2014 (млн. сомонӣ)*




Мутобиқи нишондиҳандаҳои дурнамо дар соли 2016 барои маблағгузории соҳа аз ҳисоби буҷети давлати ҷудо намудани 26,5 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст.

**Маълумоти олӣ ва миёнаи махсус.** Ба ҳисоби миёна дар се соли охир 1904 нафар, ё худ 30,3 фоизи хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ноҳия (аз ҷумлаи онҳо 437 нафар ё 23,0% духтарон) ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ, барои азхуд кардани ихтисосҳои гуногуни хоҷагии халқ, дохил шуданд. Илова бар ин, дар тӯли солҳои 2012 - 2014 аз ҳисоби хатмкардагони мактабҳои ноҳия 97 нафар дар муассисаҳои таълимии олии хориҷи кишвар (Федератсияи Россия) таҳсил менамоянд.

*Шумораи умумии хонандагон аз рӯи квотаи Президентӣ (нафар)*




Мутобиқи нақша, ҳар сол аз рӯи квотаи президентӣ хонандагони болаёқат ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ дохил мешаванд. Дар давраи солҳои 2012-2014 тибқи квотаи президентӣ ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ 64 нафар дохил шуданд, ки аз он 31 нафар писар ва 33 нафарашон духтарон мебошанд.

Тибқи нақшаи дурнамои соли 2016 аз ҳисоби квотаи президентӣ қабули 28 нафар хонандагон ба мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси кишвар дар назар дошта шудааст, ки аз ин 11 нафарашон духтарон мебошанд.

*Шумораи хатмкунандагони тибқи квотаи президентӣ*

| Нишондод | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Тибқи квотаи президентӣ дохил шудаанд. Аз ҷумла духтарон. | 16/9 | 19/11 | 21/12 | 20/10 |

Бештар аз 60% хатмкунандагон берун аз даргоҳи муассисаҳои таълимӣ мемонанд, бахши зиёди онҳо муҳоҷирати меҳнатиро ихтиёр мекунанд, ба шавҳар мебароянд ва ё барои кор дар хоҷагиҳои деҳқонӣ мемонанд.

*Иштироки хонандагон*
*дар олимпиадаҳои сатҳи гуногун, байни солҳои 2012 – 2014*

| Нишондиҳандаҳо | СОЛҲО | | |
|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 |
| Шумораи умумии иштироккунандагон (аз ҷумла духтарон) | 15/2 | 20/3 | 508/211 |
| Аз ҷумла ба ҷойҳои 1 – 3 комёб шудагон/духтарҳо | 15/1 | 9/3 | 27/ |
| Аз ҷумла сатҳи олимпиада ва ҷойҳои ҷоизадор: | | | |
| Олимпиадаҳои вилоятӣ | 13 | 17 | 21 |
| Олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ | 2 | 3 | 3 |
| Олимпиадаҳои байналмилалӣ | 0 | 0 | 3 |

**Филиали коллеҷи омӯзгорӣ.** Дар асоси фармони Вазири Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи августи соли 2011 дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ гурӯҳҳои таълимии Коллеҷи омӯзгории шаҳри Кӯлоб кушода шуд.

Шумораи омӯзгорон дар гурӯҳҳои таълимӣ 4 нафар буда, аз ин 1 нафараш зан мебошад. Ҳамаи омӯзгорон дорои маълумоти олии омӯзгорӣ мебошанд.

Дар соли 2014 шумораи умумии донишҷӯён 75 нафарро ташкил додааст, ки аз ин 60 нафар духтарон мебошанд. Дар ин давра муассисаи мазкурро 75 нафар (аз ҷумла 70 нафар духтарон) хатм намудаанд.

**Литсейи касбӣ-техникӣ.** Муассисаи таълимии давлатии омузишгоҳи касбӣ–техникии №17-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо қарори Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон №248 аз 26 августи соли 1957 ҳамчун омузишгоҳи механиконии хоҷагии қишлоқи ноҳияи Москва (№6) бо мақсади тайёр кардани кадрҳои механизаторӣ таъсис ёфтааст. Муассисаи давлатии таълимии мазкур аз 1 ноябри соли 2013 ба Литсейи касбӣ-техникӣ гузаронида шудааст. Дар литсейи касби техникӣ 23 нафар омӯзгорон ва устоҳои ботаҷрибаи дорои маълумоти миёнаи касбӣ кор мекунанд ва аз ин шумора 9 нафарашон зан мебошад.

*Шумораи умумии хонандагони Литсейи касбӣ-техникӣ*
*дар тӯли солҳои 2011– 2014 (нафар)*

| Солҳо | Умумӣ | Писар | Духтар |
|---|---|---|---|
| 2011 | 280 | 220 | 60 |
| 2012 | 230 | 88 | 42 |
| 2013 | 245 | 180 | 65 |
| 2014 | 376 | 301 | 75 |

Дар се соли охир Литсейи касбӣ-техникии мазкурро беш аз 322 нафар бо ихтисосҳои тракторчии истеҳсолоти кишоварзӣ, ронандаи дараҷаи «С», дӯзанда, устои барқ ва кафшергари барқӣ хатм намуданд.

**Гуруҳи мақсадноки назди Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб.** Гурӯҳи мазкур аз соли 2013 дар назди сохтори госпиталии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳамчун «Филлиали коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» амал мекунад. Дар муассисаи таълимии мазкур 12 нафар омӯзгорони ботаҷриба ба таълиму тарбия машғул мебошанд. Дар соли

2014 шумораи умумии донишҷуён 46 нафарро ташкил дод, ки аз ин теъдод 35 нафар духтарон мебошанд.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ба таъмир ниёз доштани синфхонаҳои таълимӣ, норасогии таҷҳизоти компютерӣ (5 адад), мизу курсӣ (28 маҷмӯъ) ва китобҳои фаннӣ (280 нусха) мебошад.

### 3.2. Тандурустӣ

Ҳифзи солимии аҳолӣ вазифаи муҳими бахши иҷтимоӣ буда, масъалаҳои вазъи саломатии аҳолӣ, таъмини дастрасии табақаи ниёзманди аҳолӣ, аз ҷумла занону кӯдакон, ба хизматрасониҳои босифати тиббӣ, ба он дохил мегардад.

**Солимии модару кӯдак.** Тибқи маълумоти расмӣ соли 2014 шумораи занони қобили таваллуд, дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 32463 нафар, ё худ 25%-и шумораи умумии занони дар ноҳия зиндагӣ доштаро ташкил додааст.

*Таваллуди кӯдакон дар муассисаҳои тиббӣ ва хона, дараҷаи фавти модарон*

| Нишондод | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|
| Шумораи умумии таваллуд | 2479 | 3356 | 3922 |
| Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 2145 | 2836 | 3312 |
| Бо % | 87% | 85% | 84% |
| Таваллуд дар хона | 334 | 520 | 610 |
| Бо % | 13% | 15% | 16% |
| Фавти модарон (ба 100 ҳаз. нафар занони ноҳия) | 1 | 2 | 1 |
| Занони қобили таваллуд (15 до 49 сол) | 30087 | 31711 | 32463 |

Омори расмии се соли охир нишон медиҳад, ки дар ноҳия 1-2 ҳодисаи фавти модарон ба қайд гирифта шудааст, ки сабаби он маҳдудияти дастрасии занон ба хизматрасонии хушсифати муассисаҳои КАТС, камбизоатии оилаҳо ва паст будани маърифатнокии онҳо оид ба пешгирии бемориҳои иҷтимоан муҳимми занон мебошад. Занон сари вақт ба муассисаҳои тиббӣ муроҷиат намекунанд, аз тарафи дигар муассисаҳои КАТС дар пешниҳод кардани хизматрасониҳои патронажӣ, духтурони тибби оилавӣ, норасоии доруворӣ ва таҷҳизот танқисӣ мекашанд. Яке аз мушкилотҳои дигари соҳа, афзоиши ҳолатҳои таваллуд дар шароити хона ба шумор меравад. Тибқи маълумотҳои мавҷуда, ҳолатҳои таваллуд дар шароити хона асосан дар деҳаҳои дурдасти ноҳия ба қайд гирифта шудааст. Дар ноҳия 98 ҳолати таваллуд дар шароити хона бо иштироки кормандони тиб ба қайд гирифта шудааст.

Дар солҳои охир дар байни занон афзоиш ёфтани бемориҳои экстрагениталӣ, гурда, камхунӣ ва ҷоғар бештар ба назар мерасад, ки он дар вақти таваллуд эҳтимолиятӣ ҳолатҳои вазнинро меафзояд. Бо сабаби маҳдудияти маблағгузории соҳаи тандурустӣ, чорабиниҳо доир ба масъалаҳои пешгирии бемориҳои зикршуда, ғизои солим, солимии репродуктивӣ ва ғайраҳо ба таври кофӣ ба роҳ монда нашудааст. Бад будани солимии модарон сабаби ҳолатҳои номусоид дар давраи инкишофи ҷанин, таваллуд кардан ва дар маҷмӯъ бад гардидани солимии кӯдакон шуда истодааст. Новобаста аз мушкилотҳои соҳаи тиб, таъминоти занон бо воситаҳои пешгирии ҳомиладорӣ тавассути барномаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои кӯмакрасон афзудааст.

*Камхунӣ (анемия) ва норасогии йод дар организми занон дар марҳилаи пас аз таваллуди навзод*

| Нишондод | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Шумораи занони таваллудкарда | 2479 | 3356 | 3922 |
| Камхунӣ | 878 | 1050 | 1417 |
| Бо % | 29% | 31% | 36% |
| Беморuи ҷоғар | 232 | 459 | 482 |
| Бо % | 8% | 14% | 12% |

Сабабҳои асосии болоравии сатҳи бемориҳо ба шароити номусоиди табиӣ (сатҳи баланди шӯрнокии заминҳо, обу ҳаво) дар ноҳия, меҳнати вазнини ҷисмонии занон ва инчунин ба паст будани сатҳи ташхиси бемориҳои занона вобаста мебошад. Таҳлил нишон медиҳад, ки аз сабаби вуҷуд надоштани озмоишгоҳи муосир ва набудани ташхисгарони озмоишгоҳ, занони гирифтори камхунӣ аз ташхиси пурра намегузаранд. Маҳдуд будани имконияти истеъмоли хӯрокаҳои дар таркибаш йоддошта, паст будани маърифатнокии занон оид ба пешгирии бемориҳо ва норасогии мутахассисони дахлдор низ мушкилиҳои ҳалталаб маҳсуб меёбанд.

*Нишондиҳандаҳои таваллуд ва фавти кӯдакон дар солҳои 2012-2014*

| Нишондодҳо | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Шумораи таваллуд | 2479 | 3356 | 3922 |
| Фавт кӯдакони то 1 сола | 58 | 62 | 73 |
| Ба 1000 з/т | 23.3 | 18.4 | 18.6 |
| Фавти кӯдакони то 5 сола | 36 | 25 | 21 |
| Ба 1000 з/т | 14.5 | 7.4 | 5.3 |

Сабабҳои асосии фавти кӯдакони навзод бемориҳои исҳоли шадид ва бемориҳои рӯда мебошанд. Бештари ҳолатҳои фавти навзодон бо сабаби сари вақт муроҷиат накардани модарон ба муассисаҳои тиббӣ пас аз таваллуд, саривақт аз эмкунӣ нагузаштани кӯдакон, бемориҳои шадиди роҳи нафас, бемориҳои рӯда ва гипотрафия ба амал меоянд. Маърифатнокии модарон доир ба масъалаҳои ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона, ғизои солим ва синамаконӣ низ, дар сатҳи паст қарор дорад. Фаъолияти муассисаҳои КАТС низ дар ин самт ба таври кофӣ ба роҳ монда нашудааст.

*Дараҷаи паҳншавии бемориҳо дар байни кӯдакон*

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Шумораи кӯдакони то синни 1 сола | 3111 | 3470 | 4147 |
| Бемориҳои исҳоли шадид (ОРИ) | 6821 | 4927 | 3027 |
| Диарея (дарунравӣ) | 4055 | 3677 | 1933 |
| Исҳоли хунин | 15 | 15 | 12 |
| Гипотрофия (камвазнӣ ва лоғарӣ) | 218 | 246 | 237 |
| Шумораи кӯдакони то синни 5 сола | 13543 | 14437 | 16 113 |
| Бемориҳои исҳоли шадид – ОРИ | 13509 | 10292 | 7052 |
| Диарея (дарунравӣ) | 7639 | 7734 | 5200 |
| Исҳоли хунин | 69 | 34 | 42 |

Таҳлилҳо собит месозанд, ки дар солҳои охир маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона дар самти ҳифзи солимии кӯдакон як қатор барномаҳоро тавассутӣ дастгирии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ташкилоти байналмилалии ЮНИСЕФ ва дигар ташкилотҳои кӯмакрасон амалӣ намудааст, ки он боиси беҳдошти солимии кӯдакони ноҳия гаштааст.

Аз сабаби норасогии мутахассисон, бақайдгирии бемориҳо саривақт гузаронида намешавад. Дар баъзе аз муассисаҳои тиббӣ коршиносони соҳавӣ, хусусан табибони бемориҳои атфол, занон (гинекологҳо) ва амрози даруна (терапевтҳо) вуҷуд надоранд.

Бо дастгирии ташкилоти ЮНИСЕФ солҳои охир корҳои бақайдгирии кӯдакони гипотрофиядошта (камвазну лоғар), дар ноҳия ба як тартибу низоми муайян дароварда шудааст.

**Бемориҳои сироятӣ.** Дар се соли охир дар ноҳия афзоиши бемориҳои вогири гелминтоз (кирми рӯда) ба назар мерасад.

Бо дастгирии Фонди Глобалӣ дар ноҳия барномаи ДОТС (Барномаи мубориза бо бемории сил) татбиқ гашта истодааст. Вазифаҳои асосии ин барнома иборат аз бунёди озмоишгоҳҳо (лабораторияҳо) ва омӯзондани мутахассисони соҳа мебошад. Ба

шарофати ин барнома корҳои саривақт муайян сохтани бемории сил ба роҳ монда шудааст. Барои ташхис ва табобати бемории мазкур, дар доираи барнома, таъминот бо доруҳо ва таҷҳизоти тиббӣ пешбинӣ гардидааст. Ба ин нигоҳ накарда бемории мазкур ҳануз яке аз проблемаҳои мубрами соҳаи тандурустӣ ба шумор меравад.

*Паҳншавии бемориҳои сироятӣ барои солҳои 2012-2014*

| Нишондод | Соли 2012 | Соли 2012 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Шумораи воқеаҳои бемории сил | 144 | 159 | 142 |
| Ба ҳар 100 ҳазор аҳолӣ | 1,14 | 1,25 | 1,10 |
| Гелминтоз (кирми рӯда) | 1015 | 1314 | 1176 |
| Ба ҳар 100 ҳазор аҳолӣ | 80,5 | 103,4 | 91,8 |
| Шумораи воқеаҳои бемории ВИЧ/СПИД, ки ба қайд гирифта шудаанд | 4 | 5 | 7 |
| Ба ҳар 100 ҳазор аҳолӣ | 0,31 | 0,39 | 0,54 |
| Исҳоли хунин | 9 | 4 | 7 |
| Ба ҳар 100 ҳазор аҳолӣ | 0,71 | 0,31 | 0,53 |
| Гепатит А | 17 | 22 | 64 |
| Ба ҳар 100 ҳазор аҳолӣ | 5.5 | 1,7 | 4,8 |
| Домана | 7 | 8 | 8 |
| Ба ҳар 100 ҳазор аҳолӣ | 5.5 | 6.2 | 6.07 |
| Шумораи умумии аҳолӣ | 126300 | 128900 | 134700 |

Дар солҳои 2012-2014 дар ноҳия 16 ҳодисаи ВИЧ/СПИД ба қайд гирифта шудааст. Бо мақсади ошкор сохтани бемории мазкур, барои ташхиси гурӯҳи муайяни одамон, асосан ҷавонон ва муҳоҷирон, мутахассисони масъул таъин гардида пурсамар фаъолият менамоянд.

Мувофиқи маълумотҳои расмӣ дар ноҳия бемории гепатити А ва домана тамоюли афзоиш дорад, ки сабаби асосии он, бад будани сифати оби нӯшокӣ, махсусан дар деҳот ва паст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба масъалаҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ ба шумор меравад.

*Бемориҳои ғайрисироятӣ*

| Нишондод | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Фишорбаландӣ | 140 | 146 | 152 |
| Хастагии асаб | 36 | 44 | 54 |
| Сактаи дил | 23 | 26 | 29 |

Дар ноҳия солҳои охир бемориҳои фишорбаландӣ, хастагии асаб ва сактаи дил яке аз мушкилиҳои ҳаллашон афзалиятноки соҳаи тандурастӣ ба шумор рафта, сабаби асосии он омилҳои иҷтимоӣ мебошад.

***Инфрасохтори тандурустӣ.*** Гарчанде ҳаҷми маблағгузориҳои буҷавӣ ҳамасола зиёд шуда бошад, ҳам, вале дар соҳаи тандурустии ноҳия, масъалаи барқарорсозии нуқтаҳои ёрии ибтидоии тиббӣ – санитарӣ ва хизматрасонии доимӣ, ҳоло ҳам пурра ҳалли худро наёфтаанд.

Ба аҳолии ноҳия аз тариқи муассисаҳои тиббии зерин хизматрасонӣ сурат мегирад: беморхонаи марказии ноҳиявӣ - дорои 390 кат, 4 беморхонаи минтақавии деҳот - дорои 175 кат, маркази тиббии ноҳиявӣ, 17 маркази тандурустии деҳот, 25 хонаҳои беҳдоштӣ, ҳамчунон маркази бемориҳои вогир ва маркази мубориза бо бемории сил.

Муассисаҳои тиббӣ асосан аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд. Хизматрасонии тиббӣ аз тарафи 52 нафар табибони коршинос ва 78 нафар кормандони аввалияи тиббӣ расонида мешавад.

*Сатҳи тахассусии кормандони соҳаи тиб*

| МТП (муассисаи табобативу профилактикӣ) | Шумораи кормандон | Маълумоти миёнаи касбӣ | Маълумоти олӣ |
|---|---|---|---|
| Муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббиву санитарӣ | 407 | 285 | 78 |
| ба ҳисоби % | 100% | 70% | 19% |
| Хизматрасонӣ ба беморони бистарӣ | 541 | 283 | 45 |
| ба ҳисоби % | 100% | 52 % | 8% |

Дар доираи барномаи давлатии дастгирии тибби оилавӣ, 16 нафар духтурон ва кормандони гурӯҳи аввалияи тиббӣ, дар маркази клиникии тибби оилавӣ аз омӯзиш гузаштаанд.

Мушкилиҳои асосии ин бахш ба талабот ҷавобгӯ набудану дар ҳолати садамавӣ қарор доштани нуқтаҳои инфрасохтори тандурустӣ ва аз марказ дур ҷойгир будани муассисаҳои тиббӣ мебошад.

### 3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

Соҳаи мазкур аз суғуртаи давлатӣ, таъминоти нафақа, шуғли аҳолӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои оила ва кӯдакон, расонидани ёрии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоати аҳолӣ иборат аст.

**Бекорӣ.** Барои ҳалли масъалаи бекорӣ ва ҷиҳати таъсиси ҷойҳои корӣ, ҳар сол дар ноҳия тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Дар давоми солҳои 2012-2014 аз рӯи ихтисосҳои гуногун 5980 нафар ба кор таъмин гардиданд, ки ин бечунучаро ба пастшавии сатҳи бекорӣ дар ноҳия таъсири мусбат мерасонад.

*Нишондодҳои асосии бекорӣ (дар солҳои 2012 – 2014)*

| Нишондодҳо | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 |
| Аҳолии қобили меҳнат | 33967 | 34200 | 34300 |
| Шумораи бекорони расман ба қайд гирифта шуда. | 470 | 716 | 507 |
| Сатҳи бекорӣ (%) | 1,4 | 2,1 | 1,5 |

Дар ноҳия дар якҷоягӣ бо ҳама ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли моликияташон, дар мавриди ташкили ҷойҳои иловагии корӣ, мунтазам тадбирҳо андешида ва амалӣ карда мешаванд. Бо мақсади дастгирии бекорони расман ба қайд гирифташуда, ҳар сол барои ташкили фаъолият ва машғул шудан ба соҳибкории хурду миёна, маблағҳои муаяйн ҷудо мегардад, аммо на ҳама бекорон дар бораи ҷудо намудани чунин қарзҳои имтиёзнок иттилоъи кофӣ доранд ва бинобар ин танҳо 17%-и онҳо аз ин намуди хизматрасонӣ истифода кардаанд.

*Пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок барои бекорон*

| Нишондодҳо | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Шумораи бекороне, ки қарзҳои бе фоиз гирифтаанд/аз ҷумла занҳо | 54/16 | 26/13 | 43/10 |
| Ҳаҷми умумии қарзҳо (бо сомонӣ) | 92724 | 76300 | 120423 |

Дар ноҳия ҳамчунин Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ амал мекунад. Дар доираи ин барнома 1017 нафар ба корҳои доимӣ ва муваққатӣ таъмин гардидаанд.

| Номгӯи чорабиниҳо | Нақшаи соли 2012 | Иҷро | Нақшаи соли 2013 | Иҷро | Нақшаи соли 2014 | Иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Таъмини аҳолӣ ба ҷойҳои кории доимӣ ва муваққатӣ. | 324 | 330 | 329 | 351 | 312 | 336 |
| Корҳои ҷамъиятии музднок | 78 | 78 | 172 | 172 | 73 | 73 |
| Омӯзиши бекорон | 130 | 130 | 150 | 150 | 123 | 123 |
| Ташкили ҷойҳои нави корӣ | 847 | 847 | 3603 | 3603 | 1500 | 1530 |

Илова бар он, дар доираи барномаи мазкур як қатор чорабиниҳо амалӣ карда шуда, омӯзишҳои кӯтоҳмуддат оид ба тайёр кардани мутахассисон барои соҳаҳои гуногун баргузор гардидаанд. Тибқи барномаи номбурда дар зарфи се сол беш аз 400 нафар мутахассисон омода гардидаанд. Аммо бо сабаби сатҳи пасти музди меҳнат ва ё набудани ҷойҳои холии корӣ, на ҳама ашхоси ин курсҳоро хатм намуда, бо кор таъмин мегарданд.

Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва хадамоти муҳоҷирати ноҳия пайваста мониторинги бозори меҳнатро дар сатҳи ноҳия мегузаронад ва натиҷаи таҳлили он дар раванди ба ҷои кор таъмин намудани аҳолӣ истифода бурда мешавад. Тибқи муқаррароти муайянгардида, ташкилоти мазкур ҷамъоварии саривақтии маълумоти омориро оид ба ҳолати бозори меҳнат, таъмин менамояд. Ҳамасола дар мавриди ҳолати бозори меҳнат варақаҳои иттилоотӣ интишор карда, маълумотҳои даркориро ба идораҳо ва ташкилотҳои дахлдор пешниҳод менамояд. Дар натиҷа ба ҳисоби миёна ҳар сол беш аз 2000 нафар бо корҳои доимӣ ва муваққатӣ таъмин мегарданд.

**Музди меҳнат**. Дар давоми солҳои 2011-2014 афзоиши воқеии тамоми даромадҳои пулии аҳолӣ, аз ҷумла музди меҳнат ва нафақа ба назар мерасад. Музди миёнаи меҳнат дар ноҳия дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 ба андозаи 87,8 фоиз афзудааст.

*Музди миёнаи меҳнат аз рӯи соҳаҳо дар солҳои 2011 -2014*

| Соҳаҳо | Солҳо | | | | Соли 2014 дар муқоиса бо соли 2011 бо% |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Саноат | 406,4 | 406,6 | 381,6 | 447,5 | 110,1 |
| Кишоварзӣ | 232,4 | 210,2 | 163,1 | 226,3 | 97,3 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ (ХМК) | 202,2 | 300,3 | 396,1 | 486,61 | 240,6 |
| Нақлиёт | 162,0 | 148,5 | 290,5 | 410,0 | 253,1 |
| Алоқа | 275,9 | 358,3 | 316,9 | 378,3 | 137,1 |
| Ташкилотҳои буҷавӣ | 248,8 | 308,5 | 425,5 | 587,7 | 236,2 |
| Маориф | 251,9 | 295,3 | 409,8 | 598,3 | 237,5 |
| Тандурустӣ | 234,3 | 326,2 | 428,1 | 557,6 | 237,9 |
| Фарҳанг | 197,1 | 238,6 | 348,8 | 479,4 | 243,2 |
| Бонкҳо | 523,9 | 698,8 | 938,3 | 1187,5 | 226,6 |
| Сохтмон | 256,8 | 260,1 | 320,5 | 455,5 | 177,3 |
| Ҳамагӣ дар ноҳия (ба ҳисоби миёна) | 231,8 | 272,0 | 294,7 | 428,1 | 184,6 |

**Гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ.** Ба гурӯҳҳои асосии осебпазири аҳолии ноҳия нафақахӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат дохил мешаванд.

*Шумораи нафақахӯрон дар солҳои 2012 – 2014*

| Номгӯи гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 |
| Нафақахӯрон | 10303 | 10655 | 11133 |
| Маъюбон | 1354 | 1485 | 1526 |
| Кӯдакони маъюб | 1107 | 1198 | 1296 |
| Оилаҳои бе сарпараст монда. | 1157 | 1134 | 1172 |
| Оилаҳои камбизоат, ки барои пардохти хизматрасонии коммуналӣ ҷубронпулӣ мегиранд. | 56 | 176 | 385 |

Дар соли 2014 шумораи умумии нафақахӯрон 11133 нафарро ташкил додааст. Дар соли 2014 музди миёнаи нафақа бошад ба ҳисоби миёна 219,8 сомониро ташкил додааст, ки дар қиёс ба соли 2012 (85,46 сомонӣ), 34,4 сомонӣ, ё 26% бештар аст.

*Шумораи нафақахӯрон аз рӯи категорияҳо дар соли 2014 (нафар)*

| № | Нишондодҳо | Шумора |
|---|---|---|
| 1 | Маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ | 34 |
| 2 | Маъюбони дараҷаҳои 1,2,3 | 1526 |
| 3 | Маъюбони садамаи Чернобил | 20 |
| | Ҳамагӣ: | 1580 |
| | Аз рӯи ҷинсият: | |
| 1 | Занҳо | 951 |
| 2 | Мардҳо | 629 |

*Мушкилиҳои асосии соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.* Дар ин соҳа мушкилоти зиёд ҷой доранд, аз ҷумла эҳтиёҷи маъюбон ба курсӣ – аробачаҳои маъюбӣ, асобағал, узвҳои сунъӣ, асбобҳои шунавоӣ ва дигар маводи ёрирасони ба зиндагии онҳо сабукӣ бахшанда.

Набудани техника ва технологияи муосир, мавҷуд набудани хадамоти хизматрасонии иҷтимоӣ ба нафақахӯрон ва нотавонон дар хона ва ғайра.

**Муҳоҷирати дохилӣ.** Ба роҳ мондани муҳоҷирати экологии дохилӣ (ихтиёрӣ) тавассути аз ҷойҳои хавфнок ба ҷойҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ яке аз афзалиятҳои рушди ноҳия ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ҳалли ин мушкилот қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №332 аз 1 июли соли 2011 “Дар бораи тасдиқи нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ” ба тасвиб расидааст, ки дар доираи он аз ноҳия ва гирду атроф кучонидани 78 оила пешбинӣ шудааст ва давра ба давра ба анҷом расонида мешавад. Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №75 аз 31 январи соли 2012 аз ноҳия ва атрофи он 197 оила ба ноҳияи Турсунзода ва 22 оила ба ноҳияи Носири Хусрав муҳоҷират кардаанд.

**Муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ.** Дар раванди баланд намудани сатҳи некӯаҳволии аҳолии ноҳия, муҳоҷирати меҳнатӣ мавқеъи хосса дошта, масъалаи таъмини аҳолиро бо ҷойҳои корӣ ҳал менамояд ва ба паст намудани сатҳи бекорӣ мусоидат менамояд. Тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2014 теъдоди 5188 нафар дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштанд, ки ин шумора дар қиёс ба соли 2011- 633 нафар зиёд гардидааст.

Сол аз сол маблағҳое, ки аз тарафи муҳоҷирон интиқол дода мешаванд афзоиш меёбанд ва барои бисёре аз оилаҳо сарчашмаи асосии даромад ба ҳисоб меравнад.

Соли 2014 ба воситаи бонкҳо аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ 38,8 млн. доллари ИМА, 1289,1 млн. рубли русӣ ва 31,4 ҳазор евро ворид гаштааст, ки нисбати соли 2011 9,5 млн. долари ИМА, 711,4 млн. рубли русӣ ва 16,6 ҳазор евро зиёд мебошад. Аслан муҳоҷирони меҳнатӣ ба Федератсияи Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Украина сафар менамоянд.

### 3.4. Фарҳанг ва варзиш

**Фарҳанг.** Дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бисёр ходимон ва арбобони санъат ба дунё омада ба воя расидаанд ва 34 нафар бо унвонҳои олии “Ҳунарманди мардумӣ”, “Ҳофизи халқии Тоҷикистон”, “Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон” қадр карда шудаанд.

Дар ноҳия 34 муассисаи фарҳангӣ ба меҳнаткашони ноҳия хизмат мерасонад, аз ҷумла 19 китобхонаи оммавӣ, 10 клуб, осорхона, мактаби мусиқии бачагона, боғи фарҳанг, филармонияи халқӣ ва хонаҳои фарҳангӣ.

Дар бахши фарҳанг ҳамагӣ 104 нафар кор мекунанд, ки аз ин шумора 57 нафарашон кормандони эҷодӣ ва 47 нафарашон кормандони техникӣ мебошанд. Занҳо

23 нафарро, ё 22,1%-и кормандони умумиро ташкил менамоянд. Аз рӯи сатҳи маълумотнокӣ, кормандони эҷодӣ 27 нафар (40%) дорои маълумоти олӣ, 24 нафар (36%) дорои маълумоти миёнаи махсус ва 16 нафар (24%) дорои маълумоти миёна мебошанд.

Аксари хонаҳои фарҳангу клубҳои деҳот таъмирталаб буда, бисёрии онҳо ҷои нишаст ва асбобҳои мусиқӣ надоранд ва феълан дар ноҳия барои 1000 ҷои нишаст, 10 адад баландгӯяк ва асбобҳои мусиқӣ талабот вуҷуд дорад. Ин камбудиҳо сабаби паст гаштани сатҳи хизматрасониҳои фарҳангӣ барои меҳнаткашони ноҳия мегардад.

**Китобхонаҳои оммавии ноҳия.** Дар ноҳия 19 китобхона бо теъдоди умумии 112878 адад адабиёт ба мардум хизмат мерасонанд. Аммо 70%-и китобҳои мавҷуда бо забони русӣ буда, боиси он мегардад, ки аксарияти хонандагон, бо сабаби надонистани забони русӣ, наметавонанд пурра аз ин адабиётҳо самаранок истифода баранд.

Соли 2014 аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ аксари китобхонаҳо таъмири ҷорӣ гаштанд. Яке аз мушкилиҳои бахши фарҳанг он аст, ки китобхонаҳои деҳаи Таги намаки ҷамоати «Меҳнатобод», деҳаи Гулистони ҷамоати «Қаҳрамон» ва деҳаи Сафар Гадоеви ҷамоати «Калинин» аз надоштани бино дар биноҳои мактабҳои №15,19,5 ҷойгир шудаанд. Қариб тамоми китобхонаҳои ноҳия ба мизу курсӣ эҳтиёҷ доранд. Ғайр аз ин дар китобхонаҳои ноҳия 50 адад рафҳои китобгузорӣ намерасад.

Барои баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ дар китобхонаҳо 25 адад компютерҳои ҳозиразамон намерасад ва ҳамчунон китобхонаи марказӣ ба шабакаи интернет пайваст карда нашудааст.

**Мактаби санъати бачагонаи ноҳия** ягона муассисаи таълимӣ мебошад, ки ба ҷавонон таълими мусиқӣ медиҳад. Дар мактаб ҳамагӣ 9 нафар омӯзгорони пуртаҷриба кор ва фаъолият мекунанд, ки аз онҳо 4 нафар дорои маълумоти олӣ ва 5 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус мебошанд. Хонандагони мактаби мазкур дар озмунҳои гуногун иштирок мекунанд.

*Иштироки хонандагони мактаби мусиқии*
*ноҳияи Ҳамадонӣ дар озмунҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ*

| Нишондодҳо | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 |
| Ҳамагӣ иштироккунандагон (аз ҷумла духтарон) | 4/0 | 3/0 | 4/0 |
| Озмуни вилоятӣ | 4 | 3 | 2 |
| Озмуни ҷумҳуриявӣ | 4 | 1 | 2 |

Ҳар сол хатмкунандагони ин мактаби мусиқӣ ба донишкадаҳои бахши санъат дохил шуда, таҳсил намуда истодаанд.

| Нишондодҳо | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|
| Ба муассисаҳои таълимии гуногуни соҳаи фарҳанг дохил шудаанд./аз ҷумла духтарон. | 4/0 | 4/0 | 4/0 | 4/1 |

Дар ноҳия мактаби рассомии бачагона вуҷуд дорад, ки солҳои пеш бо иқтидори пуррааш фаъолият менамуд, вале чанд соли охир ин мактаб аз фаъолият тамоман бозмондааст. Барқарор намудани мактаби рассомии бачагона дар ноҳия яке аз афзалиятҳои соҳа ба ҳисоб меравад.

**Варзиш.** Дар ноҳия «Барномаи инкишофи ҳамаҷонибаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» қабул гардидааст. Дар асоси барномаи мазкур нақшаи чорабиниҳои рушди соҳа тартиб дода шудааст. Ҳоло дар ноҳия 175 нуқтаи варзишӣ мавҷуд мебошад, аз ҷумла 3 стадион, 145 майдончаҳои варзишӣ, 19 толори варзишӣ ва 14 майдончаҳои гимнастикӣ. Дар иншоотҳои варзишӣ 4100 нафар ба варзиш машғуланд. Дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши ноҳия бо назардошти мактаби бачагонаи варзишии ноҳия

30 нафар муррабиёни омӯзгор фаъолият доранд, аз ҷумла 14 нафар дорои маълумоти олӣ ва 16 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус мебошанд. Шумораи хонандагон 615 нафар мебошад, аз ҷумла 109 нафар ё 17,7%-и онро духтарон ташкил медиҳанд. Варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳои варзишии гуногун, ҳамчунин дар мусобиқоти байналмилалӣ иштирок мекунанд ва сазовори ҷоизаҳо мегарданд.

*Шумораи ашхоси ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш шуғл дошта ва теъдоди иншоотҳои варзишии мавҷуда*

| № | Чорабиниҳо | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Шумораи ҷавонони ба варзиш шуғл дошта/ аз ҷумла духтарон | 615/109 | 665/119 | 715/129 | 765/139 |
| 2 | Шумораи ашхоси дар бахшҳои варзишӣ ва гурӯҳҳои саломатӣ машғул буда. | 310 | 320 | 330 | 340 |
| 3 | Шумораи кӯдакон ва ҷавонони ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш машғул. | 4100 | 4200 | 4300 | 4400 |
| 4 | Ҷойҳои нишаст дар иншооти варзишӣ. | 4000 | 4200 | 4300 | 4400 |
| 5 | Шумораи майдончаҳои варзишӣ. | 145 | 150 | 152 | 154 |
| 6 | Шумораи ҳавзҳои шиноварӣ. | 0 | 0 | 1 | 1 |

*Иштироки варзишгарони ноҳия дар мусобиқоти гуногун*

| №. | Солҳо | Мусобиқҳои ноҳиявӣ | Вилоятӣ | Ҷумҳуриявӣ | Байналмилалӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2012 | 38 | 9 | 8 | 1 | 56 |
| 2 | 2013 | 39 | 4 | 16 | 1 | 60 |
| 3 | 2014 | 42 | 5 | 19 | 1 | 67 |

*Ҷоизаҳои ба даст овардаи варзишгарони ноҳия*

| №. | Солҳо | Медали тилло. | Медали нуқра | Медали биринҷӣ. | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2012 | 7 | 12 | 13 | 32 |
| 2 | 2013 | 6 | 12 | 17 | 35 |
| 3 | 2014 | 9 | 13 | 19 | 41 |

Иншоотҳои варзишии ноҳия дар бисёри маврид ба талаботи ҳозиразамон ҷавобгӯ намебошанд ва ба таъмир ниёз дошта, ҳамчунон дар онҳо кормандони сатҳи миёнаи тиббӣ намерасанд. Дар ҳама ҷамоатҳои деҳоти ноҳия (ба ғайр аз ҷамоати шаҳраки «Москва») толорҳои варзишӣ мавҷуд нест, майдончаҳои варзишӣ ва майдонҳои футболбозӣ бошад, соддаву оддӣ буда дар ҳолати ногувор қарор доранд. Солҳои қаблӣ толорҳои варзишӣ вуҷуд доштанд, аммо айни замон онҳо шахсӣ гардонида шуда, мақсаднок истифода намешаванд. Бахши зиёди роҳбарони сатҳи миёнаи идорӣ масъалаи густариши варзишро дуввумдараҷа пиндошта, ба он аҳамияти зарурӣ намедиҳанд ва дар натиҷа ин ҳама ба солимии аҳолӣ ва пешбурди тарзи ҳаёти солим таъсири манфӣ мерасонад.

Баъзе ҷамоатҳои ноҳия аз маркази ноҳия дар масофаи то 20 км дур воқеъ мебошанд ва дар ҳудуди онҳо ягон майдонча ё толори варзишӣ мавҷуд нест. Бинобар сабаби дурии роҳ кӯдакони ин ҷамоатҳои деҳот аз иштирок дар чорабиниҳои варзишӣ маҳрум мебошанд. Дар ноҳия ҳамчунин ашёҳои варзишӣ, таҷҳизоти машққунӣ намерасад, иншоотҳои варзишӣ бошад ба таъмир эҳтиёҷ доранд.

# БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР

## 4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ

Дастрасии аҳолии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба оби нӯшокӣ, ба таври умумӣ 42% - ро ташкил дода, 58% аҳолӣ аз норасоии об танқисӣ мекашанд.

*Дастрасии аҳолии ноҳия ба оби нӯшокӣ*




Норасоии оби нӯшокӣ дар ноҳия бештар дар моҳҳои июн, июл ва август эҳсос карда мешавад.

*Сатҳи обрасонӣ ба аҳолии шаҳрак ва ҷамоатҳои деҳот*

| № | Қитъаи обрасонӣ | Шумораи аҳолӣ аз рӯи ҷамоатҳо | Аҳолии ба оби тозаи нӯшокӣ дастрасӣ дошта | Аҳолие, ки бо оби нӯшокӣ дастрасӣ надоранд. | % таъминот (дастрасӣ) ба оби нӯшокӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ш. Москва | 22123 | 19700 | 2423 | 89% |
| 2 | Турдиев | 10435 | 2150 | 8285 | 20,6% |
| 3 | Панҷоб | 10418 | 6000 | 4418 | 57,6% |
| 4 | Панҷруд | 13368 | 4500 | 8868 | 33,6% |
| 5 | Дашти гуло | 18887 | 2900 | 15987 | 15,3% |
| 6 | Меҳнатобод | 21816 | 8316 | 13500 | 38,1% |
| 7 | Қаҳрамон | 18294 | 7300 | 10994 | 39,9% |
| 8 | Чубек | 19179 | 5600 | 13579 | 29,2% |
| | Ҷамъ: | 134520 | 56466 | 78054 | 42% |

Мушкилоти асосии таъминот бо оби нӯшокӣ бештар дар ҷамоатҳои деҳоти Турдиев (79,4%), Дашти гуло (84,7%), Чубек (70,8%), Қаҳрамон (60,1%) ва Панҷруд (66,4%) эҳсос карда мешавад.

Илова бар ин дар ноҳия деҳаҳое мавҷуданд, ки аҳолии онҳо умуман ба оби нӯшокӣ дастрасӣ надоранд. Ин мушкилиро дар ҷамоати деҳоти Дашти гуло (1670 хоҷагиҳои аҳолӣ), маҳаллаҳои навбунёди деҳаҳои Метантуғай, Советобод, Сайёд, Бешкапа (ҷамоати Турдиев), деҳаҳои Зафаробод, Токистон, Чорбоғ, Сайроб (ҷамоати Панҷоб), деҳаҳои Сафедоб, Кодараи 1, Кодараи2, Сафар Гадо (ҷамоати Калинин), деҳаҳои Файзобод, Тагноб, Пахтаобод, деҳаҳои Арпатугулдӣ, Олимтой, Навобод, деҳаҳои Дараи Калот, Марғоб, Пахтакор, Пушкин, Гулистон, Таги намак, Қаҳрамон (ҷамоати Қаҳрамон), деҳаҳои Чойлобкамар, Саркокул, Қарағоч, Бузахона, Қиёмчашма, Чордара, Ғараб, Маслуқ, Нуғай (ҷамоати Чубек) мушоҳида намудан мумкин аст.

Барои таъмин, нигоҳубин ва танзими обрасонӣ ба аҳолӣ, дар ноҳия Корхонаи фаръии давлатии "Обтаъминкунӣ ва канализатсия" фаъолият дорад. Дар корхонаи номбурда 27 нафар кормандон, аз ҷумла 6 нафар зан, кор мекунанд ва музди миёнаи онҳо 727 сомонӣ мебошад. Дар тавозуни корхона ду обанбор қарор дорад ва аз он ба воситаи 7 насос об ба шабакаи обрасонӣ интиқол мегардад. Қобили қайд аст, ки корхонаи мазкур ба ҷуз аз маркази шаҳраки Москва ба дигар ҷамоатҳо хизмат намерасонад. Сарчашмаи асосии обрасонӣ 7 адад чоҳи амудӣ мебошанд, ки дар онҳо обро аз чуқурии 100 – 110 метр мекашанд. Дар корхона 3 адад техникаи ёрирасон мавҷуд аст. Дар тавозуни корхонаи зикргардида инчунин 58 км қубурҳои обрасонӣ мавҷуд мебошад, ки аз ин 25 км қубурҳои магистралӣ ва 33 км қубурҳои обрасонӣ буда, аксари онҳо кӯҳнаву фарсуда шудаанд ва боиси талафоти зиёди об мегарданд. Дар соли 2014 маблағи талафоти оби нӯшокӣ 181,3 ҳазор сомониро ташкил додааст.

*Ҳолати мавҷудаи низоми обтаъминкунӣ дар ноҳия*

| № | Қитъаи обрасонӣ | Насосҳои обкашӣ | | Манораҳои обкашӣ (Водонапорная башня) | | Хати обрасонӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Теъдод (адад) | Аз ҷумла корношоям | Теъдод (адад) | Аз ҷумла корношоям | Дарозӣ (км) | Аз ҷумла корношоям(км) |
| 1 | ш. Москва | 7 | - | 4 | - | 37 | - |
| 2 | Турдиев | 4 | 4 | 4 | 1 | 44 | 12 |
| 3 | Панҷоб | 6 | 1 | 6 | 1 | 79 | 37 |
| 4 | Панҷрӯд | 6 | 6 | 6 | 6 | 32 | 15 |
| 5 | Дашти гуло | 9 | 5 | 5 | 5 | 62 | 21 |
| 6 | Меҳнатобод | 2 | 2 | 2 | 2 | 61 | 28 |
| 7 | Қаҳрамон | 4 | 4 | 4 | - | 69 | 31 |
| 8 | Чубек | 12 | 12 | 12 | 2 | 61 | 22 |
| | Ҷамъ: | 50 | 34 | 43 | 17 | 445 | 166 |

Ҳамагӣ дар ноҳия дар ихтиёри корхонаю хоҷагиҳо ва истифодабарандагон 50 адад (68% - ашон корношоям) насосҳои обкашӣ, 43 адад (39,5% - ашон корношоям) манораҳои обкашӣ ва 164,7 км хатҳои обрасонӣ мавҷуд мебошад.

*Сатҳи хизматрасонии соҳа дар тӯли солҳои 2012 -2014*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2012 | 2013 | 2014 |
| 1 | Шумораи умумии муштариён, аз ҷумла: | | 3917 | 3917 | 3917 |
| | аҳолӣ | нафар | 3841 | 3841 | 3841 |
| | -ташкилотҳои буҷавӣ | адад | 28 | 28 | 28 |
| | -ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | адад | 48 | 48 | 48 |
| 2 | Пардохти ҳаққи истифодаи об, аз ҷумла: | | 395 | 395 | 537 |
| | -аҳолӣ | ҳазор сомонӣ | 312 | 312 | 436 |
| | -ташкилотҳои буҷавӣ | ҳазор сомонӣ | 48 | 48 | 77 |
| | -ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | ҳазор сомонӣ | 35 | 35 | 24 |
| 3 | Қарзи муштариён дар назди корхона: | | 9 | 9 | 9 |
| | -аҳолӣ | ҳазор сомонӣ | - | - | - |
| | ташкилотҳои буҷавӣ | ҳазор сомонӣ | 9 | 9 | 9 |
| | -ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | ҳазор сомонӣ | - | - | - |
| 4 | Нархи об (1 $м^3$) | | 1,23 | 1,23 | 1,50 |
| | -аҳолӣ | сомонӣ | 0,70 | 0,70 | 0,70 |
| | -ташкилотҳои буҷавӣ | сомонӣ | 1 | 1 | 1,4 |
| | -ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | сомонӣ | 2 | 2 | 2,4 |
| 5 | Истеҳсоли шабонарӯзии об | ҳазор $м^3$ | 605 | 605 | 774 |
| 6 | Талафоти умумӣ | ҳазор м3 | 99 | 99 | 124 |

Яке аз мушкилоти маркази соҳа, айни ҳол дар ноҳия мавҷуд набудани ҳисобкунакҳои масрафи об ва масъалаи дар солҳои минбаъда насб кардани онҳо

мебошад. Дастрасии аҳолӣ ба сарчашмаҳои асосии обгирӣ, паҳн гардидани касалиҳои сироятӣ аз ҳисоби истифодаи обҳои ифлос ва ғайриқаноатбахш, бе нигоҳубин ва бе назорат мондани обанборҳои ҷамоатҳои деҳот, аз кор баромадани чоҳҳои артезианӣ ва насосҳои обкашӣ, набудани хатти обтаъминкунӣ дар маҳаллаҳои навбунёд ва ё аз кор баромадани шабакаҳои мавҷудаи обтаъминкунӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи мушоҳида ва таҳлилҳои мутахассисони соҳа, бинобар сабаби дастрасӣ надоштан ба сарчашмаҳои асосии обгирӣ, истифодаи обҳои ифлос ва сифати ғайриқаноатбахши об, дар байни аҳолии маҳаллаҳои Қарағоч, Чагам, Бузахона, Қиёмчашма ва Саркокул паҳншавии касалиҳои сироятӣ мушоҳида мешавад.

**4.2. Хоҷагии манзилию коммуналӣ**

Корхонаи фаръии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" (ХМК) -и ноҳияи Ҳамадонӣ соли 1957 таъсис ёфта, дар ҳайати он коргоҳҳои обрасонӣ ва кабудизоркунии маркази ноҳия ва ҳамчунин таъмири роҳу пиёдаравҳои шаҳрак шомил аст. Дар корхонаи ХМК 54 нафар коргарон фаъолият мекунанд, ки асосан ба таъмини тозагии санитарии кӯча ва кашондани партовҳои сахти маишии шаҳраки Москва машғул мебошанд. Корхона ба 21115 нафар аҳолӣ хизмат мерасонад.

Дар КФД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ"-и ноҳия 1 трактори тамғаи Т-28 (бо ядакаш), 1 трактори тамғаи Т–40 (бо ядакаш), 1 автомашинаи ГАЗ–53 (барои кашондани партовҳои сахт), 1 автомашинаи ГАЗ–53 (баро кашондани партовҳои моеъ махсусгардонидашуда), 1 автомашинаи ЗИЛ–130 (обпошак) ва 1 автомашинаи ГАЗ-52 (гидрорукав барои иҷрои кор дар баландӣ – масалан иваз кардани лампаҳо ва ғ.) мавҷуд аст. Техникаҳои мавҷуда дар ҳолати корӣ қарор доранд, аммо аз ҷиҳати техникӣ хеле фарсуда гардидаанд.

Маблағи ҷамъоваришудаи пардохти ҳаққи истифодаи хизматрасонӣ дар соли 2014 – 30,1 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2012 - 3,3 маротиба зиёд мебошад. Қарзи муштариён дар назди корхонаи мазкур дар соли 2014 – 26,2 ҳазор сомониро ташкил дод, ки назар ба соли 2012 - 46% кам мебошад. Маблағи хизматрасонӣ барои ҳар як аъзои оила дар соли 2014 – 3,05 сомониро ташкил додааст.

Дар ноҳияи Ҳамадонӣ ҳаҷми миёнаи партовҳои маишӣ ба сари ҳар як истиқоматкунандаи шаҳрак 4,17 м$^3$ - ро ташкил медиҳад. Меъёри ҷамъшавии партовҳо аз ҳар оила ба 23 м$^3$ рост меояд.

*Ҳаҷми партовҳои баровардашуда ба сари*
*ҳар як нафар аҳолии шаҳрак (хазор м$^3$)*




Корхона ба ҷуз аз истиқоматкунандагони шаҳрак боз бо 40 адад корхонаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ шартномаи ҳамкорӣ дорад. Ҳаҷми партовҳои аз корхонаҳои мазкур баровардашаванда 32%-и ҳаҷми умумии партовҳои сахти маиширо ташкил менамояд.

*Ҳаҷми умумии партовҳои сахти маишии баровардашуда*




*Мушкилиҳои асосии соҳаи ХМК* набудани техника, бахусус васоити техникии коммуналии муосир, набудани қуттиҳои партовпартоӣ, паст будани сатҳи музди меҳнати коргарон ва баланд будани нархи сӯзишворӣ мебошад, ки ин ҳама боиси баланд гаштани нархи хизматрасониҳои коммуналӣ гаштааст.

Илова бар ин дар ноҳия хатти ташноб умуман вуҷуд надорад. Барои ташкил намудани шабакаи ташноб ва пасобтозакунӣ маблағҳои зиёд лозим аст. Айни замон, аз тарафи корхона лоиҳаи сохтмони шабакаи обу ташноби шаҳраки Москва бо мақсади ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ тарҳрезӣ гардидааст.

*Кабудизоркунӣ.* Самти дигари фаъолияти КФД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” барои кабудизоркунии гулгашту хиёбонҳои дохил ва атрофи ноҳия равона карда шудааст. Масоҳати умумии кабудизоркунӣ 14,8 га-ро ташкил медиҳад.

Дар соли 2014 барои фаъолияти КФД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” аз ҳисоби буҷети ноҳия 295,6 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуд, ки дар муқоиса ба соли 2012 ба 1,7 маротиба ва ё 126,6 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Аз маблағҳои умумие, ки дар соли 2014 ба ХМК аз ҳисоби буҷети ноҳия ҷудо карда шудааст, 91,1 фоизи он барои кабудизокунӣ равона карда шудааст, ки он 1,9 фоизи қисмати хароҷотии буҷети ноҳияро ташкил медиҳад.

*Ҳаҷми маблаггузорӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ*
*ба КФД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" дар давоми солҳои 2012 -2014*




Маблағхое, ки аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои кабудизоркунӣ ҷудо карда мешавад ҳиссаи асосии он барои харидорӣ ва парвариши ниҳолҳои ороишӣ масраф

мегардад. Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин норасогии воситаҳои техникӣ (мошинҳои обпошак), норасогии кадрҳои баландихтисос, низоми сусти мониторинг ва истифодаи усулҳои пешқадами парвариш ва нигоҳубини ниҳолҳо ва дигар гулҳои ороишӣ мебошад.

*Равшаннамоии шаҳрак.* Корхонаи КФД "ХМК" асосан дар самти равшаннамоӣ ба ду кӯчаи марказӣ (кӯчаи И. Сомонӣ ва Б. Ғафуров) хизмат мерасонад. Кӯчаҳои мазкур бо лампаҳои лозима сари вақт таъмин карда мешаванд. Бо ин мақсад дар соли 2014 аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 3 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки нисбат ба соли 2012 -2 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Мушкилоти асосӣ дар он зоҳир мегардад, ки ба сабаби маҳдудияти имкониятҳои буҷети маҳаллӣ ва норасогии маблағҳо аз ҳисоби дигар сарчашмаҳои маблағгузорӣ, ҳамаи кӯчаҳои ноҳия ба равшаннамоӣ фаро гирифта нашудаанд.

*Кӯчаву пиёдаравҳои шаҳрак.* Дарозии кӯчаву роҳҳои шаҳрак, ки нигоҳубини онҳо ба зимаи КФД "ХМК" вогузор шудааст 31,5 км буда, дарозии умумии пиёдаравҳо 21,3 км–ро ташкил медиҳанд. Дар соли 2014 барои таъмири кӯчаҳо аз ҳисоби буҷети ноҳия 60 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст. Дар айни замон бошад, бештар аз 60%-и кӯчаву пиёдаравҳо таъмирталаб мебошанд. Барои ба анҷом расонидани корҳои таъмирии роҳҳову пиёдаравҳо дар корхона умуман васоити техникӣ мавҷуд нест.

**4.3. Баркрасонӣ**

Шабакаҳои барқии ноҳияи Ҳамадонӣ соли 1966 ташкил шуда, дар тавозуни худ 3 адад зеристгоҳҳои барқии шиддати 35/10 кВа ("Ҳамадонӣ", "Гулзор", "Тагноб") ва 159 адад трансформаторҳои хурд дорад. Аз он ҷумла: трансформатори 40 кВа – 2 адад, трансформатори 63 кВа – 2 адад, трансформатори 100 кВа – 25 адад, трансформатори 160 кВа – 48 адад, трансформатори 250 кВа – 38 адад, трансформатори 400 кВа 33 адад ва трансформатори 630 кВа 11 адад. Дарозии хатҳои барқи шиддатнокиаш 10кВ 280 км ва дарозии хатҳои барқи шиддатнокиашон 0,4 кВ 580 км мебошад.

Шумораи умумии коргарон ва кормандони муҳандисӣ - техникии муассиса аз 83 нафар иборат мебошад.

Дар ноҳия нерӯгоҳҳои обию барқӣ (НОБ) вуҷуд надорад. Сарчашмаҳои дигари таъмини нерӯи барқ дар ноҳия, ба монанди батареяҳои офтобӣ, қариб, ки истифода намегарданд.

*Таъминоти аҳолӣ бо нерӯи барқ дар сатҳи ноҳия*

| Ҷамоатҳо | Шумораи умумии оилаҳо | Оилаҳое, ки бо нерӯи барқ таъминанд | Оилаҳое, ки дастрасӣ ба нерӯи барқ надоранд | % таъминот | Сарчашмаҳои таъмини барқ | Мушкилиҳои асосии таъминоти барқ | Вазъият дар таъмини мунтазами барқ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамоати шаҳраки Москва | 3044 | 2637 | 407 | 86,6 | Зеристгоҳи 35/10кв. Ҳамадонӣ | Нарасидани мавод (симчӯб, сим, калидҳои барқӣ) | Маҳдудияти баркрасонӣ дар мавсими зимистон |
| Ҷамоати деҳоти Турдиев | 1138 | 898 | 240 | 78,9 | Зеристгоҳи 35/10кв. Гулзор | Нарасидани симчӯбҳо | Маҳдудияти барқ дар мавсими зимистон |
| Ҷамоати деҳоти Калинин | 1553 | 1273 | 280 | 82,0 | Зеристоҳи 35/10кв. Гулзор | Нарасидани трансформатор, автомат | Маҳдудияти барқ дар зимистон |
| Ҷамоати деҳоти Дашти гуло | 2043 | 1870 | 173 | 91,5 | Зеристгоҳи 35/10кв.Такоб | Нарасидани калидҳои барқӣ | Маҳдудияти барқ дар зимистон |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамоати деҳоти Панҷоб | 1202 | 1054 | 148 | 87,7 | Зеристгоҳи 35/10кв.Гулзор | Нарасидани калидҳои барқӣ | Маҳдудияти барқ дар фасли зимистон |
| Ҷамоати деҳоти Чӯбек | 2278 | 1827 | 451 | 80,2 | Зеристгоҳи 35/10кв. Ҳамадонӣ | Норасогии автомат ва калидҳои барқӣ | Маҳдудияти барқ дар фасли зимистон |
| Ҷамоати деҳоти Қахрамон | 1913 | 1442 | 471 | 75,4 | Зеристгоҳи 35/10кв. Ҳамадонӣ | Норасогии автомат ва калидҳои барқӣ | Маҳдудияти барқ дар фасли зимистон |
| Ҷамоати деҳоти Меҳнатобод | 2277 | 1890 | 387 | 83,0 | Зеристгоҳи 35/10кв. Ҳамадонӣ | Нарасидани мавод, калидҳои барқӣ | Маҳдудияти барқ дарзимистон |
| Ҳамагӣ: | 15448 | 12891 | 2557 | 83,4 | | | |

Мушкилоти асосӣ дар он зоҳир мегардад, ки аксарияти маҳаллаҳои навбунёд дастрасӣ ба нерӯи барқ надоранд. Чунин мушкилот дар маҳаллаҳои навбунёди Ҷамоати шаҳраки Москва (маҳаллаҳои Ваҳдат (54 оила), Навобод (86 оила), Боғи буз (162 оила), Сотим Улуғзода (81 оила), кӯчаи Исмоили Сомонӣ (24 оила), ҷамоати Панҷоб (деҳаи Сайроб (76 оила), деҳаи Чорбоғ (30 оила), Хоҷагии ниҳолпарварӣ (42 оила), ҷамоати Калинин (деҳаҳои Сафар Гадоӣ (212 оила), Сафедоб (68 оила), Ҷамоати Дашти гуло (деҳаҳои Тагноб (68 оила), Файзобод (51 оила), Энгелс (54 оила), Ҷамоати Меҳнатобод (деҳаҳои Гулобод (43 оила), Навобод (65 оила), Меҳнатобод (72 оила), Арпатуғулдӣ (62 оила), Гулистон (74 оила), Дӯстӣ (71 оила), Ҷамоати Қаҳрамон (деҳаҳои Дараи калот (63 оила), Пушкин (54 оила), Дихо (72 оила), Гулистон (46 оила), Таги намак (68 оила), Марғоб (52 оила), Чапаев (41 оила), Садбарго (34 оила), Пахтакор (41 оила), Ҷамоати Чубек (Деҳаҳои Оқмазор (84 оила), Тудабоён (52 оила), Ҳаёти нав (61 оила), Чубек (58 оила), Янгиюл (32 оила), Чойлобкамар (36 оила), Камар (24 оила), Қиёмчашма 26 (оила), Сари кокул (30 оила), Қарағоч (20 оила), Бузахона (28 оила), Ҷамоати Турдиев (деҳаҳои Сайёд (34 оила), Сафедоб (62 оила), Советобод (62 оила), Метантуғай (73 оила) вуҷуд дорад. Сабаби асосӣ дар он аст, ки механизми идоракунии сохтмони инфрасохтори зарурӣ дар сатҳи маҳал ба зиммаи кадом сохтор гузошта шудааст маълум нест. Зеро маблағҳое, ки ба Шабакаҳои барқи ноҳия аз тарафи Ширкати саҳомии холдингии кушодаи “Барқи Тоҷик” ҷудо карда мешавад, танҳо барои таъмир, таҷдид ва нигоҳдории системаи мавҷуда равона карда мешавад.

Хатҳои барқи ноҳия соли 1966 бунёд гардида, бинобар сабаби истифодаи тӯлонӣ, афзудани талаботи аҳолӣ ва муасссисаҳои дахлдор ба нерӯи барқ, феълан дар ҳолати ногувор қарор дошта, ба тармиму азнавсозӣ ниёз доранд. Бахусус дар фасли зимистон хатҳои барқӣ ба хунукиҳои сармо тоб наоварда, тез-тез ба садама дучор мегарданд. Илова бар ин, аксарияти симчӯбҳои ҳудуди ноҳия фарсуда шуда, таъмирталаб мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки асосан зеристгоҳҳо ва трансформаторҳо танҳо барои таъминот бо рушноӣ пешбинӣ гардида буданд, вале айни замон бинобар сабаби маҳдудияти дастрасӣ бо газ ва ангишт (баланд будани нарх) қувваи барқ барои таъминоти гармӣ низ васеъ истифода бурда мешавад. Аз ин лиҳоз, зарурияти иваз намудани зеристгоҳҳо ва трансформаторҳои тавоноияшон паст ба трансформаторҳои тавоноияшон баланд ба миён омадааст. Инчунин, аз сабаби норасогии маводу қисмҳои эҳтиётӣ (аз ҷумла симчӯб, сим, калидҳои барқӣ) хатҳои барқии шиддатнокиашон 10/0,4 кВ саривақт аз таъмир бароварда намешаванд. Бинобар сабаби вазнин будани шароити иҷтимоии аҳолӣ, паст будани сатҳи музди меҳнат ва баланд гардидани нархи хизматрасонии барқ, ҷамъовариву пардохти маблағҳо бо мушкилӣ сурат мегирад. Маблағи умумии пардохти ҳаққи истифодаи нерӯи барқ аз ҳисоби ҳамаи муштариён дар соли 2014 – 3975,0 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки дар қиёс ба соли 2012 ба 2,2 маротиба ва ё ба маблағи 2209,2 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соли 2014– 75,1%-и ҳаҷми умумии қарзҳои истифодаи нерӯи барқ ба аҳолӣ, 17,1% ба насосҳои обёрии мошинӣ, 7,1% ба ташкилоту муассисаҳо ва 0,7% ба корхонаҳои хусусӣ рост омадааст.

*Пардохти ҳақи истифодаи нерӯи барқ (ҳазор сомонӣ)*




Афзоиши ҳаҷми қарзи муштариён, махсусан аҳолӣ аз як тараф ба бад гардидани қобилияти харидорӣ алоқаманд бошад, аз тарафи дигар сабабгори сол то сол баланд шудани нархи нерӯи барқ гардидааст. Масалан, дар соли 2014 нархи як кВт нерӯи барқ барои аҳолӣ 9 дирамро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2012 ба 1,9 маротиба афзоиш ёфтааст.

*Қарзи муштариён аз ҳисоби истифодаи нерӯи барқ (соли 2014)*




**4.4. Соҳаи нақлиёт ва роҳсозӣ**

Дар ноҳияи Ҳамадонӣ оид ба масъалаҳои таъмиру азнавсозӣ ва нигоҳдории роҳҳои ҳудуди ноҳия Муассисаи давлатии нигаҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Ҳамадонӣ фаъолият менамояд. Муассисаи мазкур соли 1964 таъсис ёфта, дар он 41 нафар коргар (аз ҷумла 6 нафар зан) кору фаъолият доранд ва 8 нафари он ҳайати муҳандисию техникӣ мебошад.

Муассиса дар тавозуни худ 209,8 километр роҳҳои автомобилгард дорад. Аз он ҷумла 13 км роҳҳои аҳамияти байналмилалидошта, 13,1 км роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявидошта ва 183,7 км роҳҳои аҳамияти маҳаллидошта мебошанд.

Аз рӯйи намуди рӯйпӯши роҳҳо дар ноҳия дарозии роҳҳои асфалту бетонпӯш -31,7 км, роҳҳои мумпӯш -118,8 км ва роҳҳои сангфарш 59,8 км-ро ташкил медиҳанд.

Дар маҷмӯъ роҳҳои автомобилгарди гуногуни ноҳия 209,8 км–ро ташкил медиҳанд, ки 150 км онҳо таъмирталаб мебошанд. Аз он ҷумла, 10 км роҳҳои асфалту бетонпӯш, 102 км роҳҳои битумпӯш ва 38 км роҳҳои сангфарш ба таъмири асосӣ ниёз доранд.

Ҳамчунин дар тавозуни корхона 52 адад пулҳо ба дарозии 933 метр ва 250 адад қубурҳои мошингузар ба дарозии 2671 метр қарор дорад. Дар ноҳия корхонаи истеҳсоли асфалт вуҷуд дорад вале бинобар сабаби камбудию нуқсонҳои техникӣ аз фаъолият бозмондааст. Иқтидори техникии муассисаи мазкур аз 8 адад техникаи роҳсозӣ, аз ҷумла 4 адад механизмҳои нигаҳдории роҳҳо, иборат мебошад.

*Намуди роҳҳои ноҳияи Ҳамадонӣ*




Дар соли 2014 тавассути ҳамаи намудҳои нақлиёти автомобилӣ, якҷоя бо соҳибкорони хусусӣ, ки машғули боркашонии тиҷоратӣ мебошанд, дар ноҳия дар ҳаҷми 734,2 ҳазор тонна бор кашонда шудааст.

Дар соли 2014 тавассути тамоми намудҳои нақлиёти автомобилӣ ҳамагӣ 2949,0 ҳазор нафар мусофир кашонида шудааст.

Айни замон 1 адад пул, дар ҷамоати деҳоти Меҳнатобод таъмирталаб мебошад ва ба маблағи 15 ҳазор сомонӣ таъмиру азнавсозии он пешбинӣ гаштааст.

Дар ҷамоати деҳоти Турдиев бошад, роҳи автомобилгарди "Шаҳраки Москва-хоҷагии Турдиев - сарҳади ноҳияи Фархор", дар натиҷаи обхезӣ шуста ва корношоям шуда буд, дар 1,4 км он корҳои азнавбарқароркунӣ идома доранд.

**4.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ**

Дар ноҳия дар соҳаи алоқа филиали ҶСК "Тоҷиктелеком" дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ амал менамояд, ки дар он 22 нафар кормандон ва муҳандисони соҳаи алоқа фаъолият мекунанд. Дар корхона 3 адад нуқтаҳои гуфтугӯи байнишаҳрӣ ба аҳолӣ хизмат мерасонанд. Шумораи дастгоҳҳои телефонии ноҳия иборат аз 1466 адад мебошад. Аҳолии ҷамоати шаҳраки Москва ва деҳоти ноҳия аз шабакаҳои алоқаи мобилии "Вавилон", "Мегафон", "ТСеел", "ТК - Мобайл", "Билайн" истифода мебаранд. Дар ҳудуди ноҳияи Ҳамадонӣ 98,2% аҳолӣ ба барномаҳои телевизионии "Шабакаи аввал", "Сафина", "Баҳористон", "Ҷаҳоннамо", "ТВ-Хатлон" ва "РТР-Планета" дастрасӣ доранд. Дар ноҳия барномаҳои радиои "Тоҷикистон", мавҷи "Озодӣ" ва "Имрӯз" пахш мегарданд.

Дар ноҳия рӯзномаи ноҳиявии "Зафар", бо теъдоди 1500 нусха пайваста нашр мешавад.

*Дастрасӣ ба шабакаи интернет.* Дар ноҳия умуман маркази хизматрасонии интернетӣ вуҷуд надорад. Айни замон идораю корхонаҳо ва аҳолӣ аз тариқи хизматрасонии филиали ҶСК "Тоҷиктелеком" бо шабакаи интернетӣ пайваст мебошад. Сатҳ ва сифати хизматрасонӣ ба идораю корхонаҳо бо шабакаи интернет, нисбат ба хизматрасониҳои ба аҳолӣ пешниҳодшаванда тафовут дорад. Тафовути асосӣ дар он аст, ки шабакаи интернет ба идораю корхонаҳо бо суръат ва нархномаи баланд ва ба аҳолӣ бо суръат ва нархномаи пасттар таъмин карда мешавад. Аслан ба аҳолӣ интернет аз рӯи вақти истифодаи муштарӣ (1 дақиқа 3 дирам) таъмин карда мешавад. Илова бар ин, қисми аҳолӣ бо истифода аз алоқаи мобилӣ интернетро истифода бурда истодааст.

*Мушкилии асосии соҳаи алоқа* набудани таксофонҳо барои хизматрасонии босифати аҳолӣ, норасогии кабел ва ноқилҳои хатти нурию нахӣ, таҷҳизоти муосир ва симчӯбҳо мебошад.

# БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА

## 5.1. Ҳифзи муҳити зист

Вазъи муҳити зист дар ҳамаи бахшҳои Барномаи мазкур таҳлил гардида, чораҳои нигоҳ доштани устувории он баён шудаанд. Мушкилиҳои асосии соҳа зиёданд, аз ҷумла, бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо, дарахтзорҳо ва ҷангалзорҳо, зиёд шудани теъдоди ҳодисаҳои буридани дарахтон, бо партовҳои сахти маишӣ ифлос гаштани муҳити зист, хавфи ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулодда, бад шудани ҳолати чарогоҳҳо, азхудкунии ғайриқонунии канданиҳои фоиданоки табиӣ, аз ҷумла хок, қуму санг, шағал ва ғайраҳо.

Таъсири иқтидорҳои саноатии ноҳия ба муҳити зист он қадар зиёд нест. Дар ноҳияи Ҳамадонӣ ҳамагӣ 16 корхонаҳои саноатӣ вуҷуд дорад. Таъсири соҳаи саноати ноҳия ба ҳифзи муҳити зист ҳоло пурра омӯхта нашудааст. Дар баробари ин айни замон дар ноҳия танҳо як корхонаи саноатӣ шаҳодатномаи экологӣ дораду халос, таҷҳизотҳои муосири чангҷамъкунӣ ва низоми баҳисобгирии доимӣ ва гузаронидани мушоҳидаҳо барои барориши партовҳои зараррасон ба муҳити зист вуҷуд надорад. Корхонаҳои хурди коркарди пахта, ки дар ҳамаи ҷамоатҳои деҳоти ноҳия вуҷуд доранд, таҷҳизоти ҳавотозакунӣ надоранд, ки ин ба муҳит таъсири манфӣ ва ба саломатии аҳолӣ зарар мерасонад.

Ҳавои атмосфера дар ҳудуди ноҳияи Ҳамадонӣ асосан аз ихроҷоти нақлиёти автомобилӣ, ки миқдораш 2673 адад мебошад, ифлос мешавад.

**Мушкилиҳои асосии экологии ноҳия**, ки аз онҳо сатҳи некуаҳволӣ (камбизоатӣ)-и аҳолӣ вобаста аст, ба самтҳои зерин дахл дорад:

- норасогии техникаи махсуси партовбарорӣ дар ноҳия,
- норасоии оби обёрӣ ва вазъи мелиоративии заминҳои обӣ,
- ҳолати чарогоҳҳо дар мавзеи кӯҳи Хоҷа Муъмин,
- ҳифз ва истифодаи самараноки мавзеъҳои ҷангал.

## 5.2. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда, пешгирӣ ва кам кардани ҳолати хатари онҳо

Дар давраи солҳои 2012-2014 дар ноҳия 5 маротиба (сел, обхезӣ ва жола) ҳолатҳои фавқуллода ба қайд гирифта шудааст. Хисороти бештарро обхезӣ расонидааст ва дар давраи солҳои 2012-2014 рӯй додааст.

Хисороти асосӣ дар ноҳия ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд. Дар шароити кунунӣ соҳаи марбута манбаи асосии даромади ноҳия ба ҳисоб рафта, қисмати асосии иқтисодиёти онро ташкил медиҳад ва бештари аҳолии ноҳия ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғул мебошад. Аз ин лиҳоз, зиёни аз офатҳои табиӣ ба соҳаи кишоварзӣ овардашуда, бевосита иқтисодиёти ноҳияро коста гардонида, дар навбати худ ба сатҳу сифати зидагии аҳолӣ таъсири худро мерасонад.

Хисороти асосиро ба соҳаи кишоварзӣ селҳо, боронгариҳо, сармо ва хушксолӣ мерасонад. Бинобар ин бо мақсади нигоҳ доштани маҳсулот диққати асосиро барои татбиқи тадбирҳои дахлдор оид ба пешгирии талафот равон намудан зарур аст.

*Таносуби буҷети ноҳия ва хисорот аз ҳолатҳои фавқулодда, ҳазор сомонӣ*

| | с. 2012 | с. 2013 | с. 2014 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| Буҷет (иҷроиш, сомонӣ) | 25406,1 | 34234,7 | 39497,7 | 99138,5 |
| Хисорот аз ҲФ (сомонӣ) | 1072 | 3366 | 1264 | 5702 |
| Хисорот аз ҲФ (%) | 4,2 % | 9,8 % | 3,2% | 5,7 % |

Дар тӯли се сол дар натиҷаи офатҳои табиӣ 5 млн. 702 ҳазор сомонӣ зарар расонида шудааст, ки ин 5,7 фоизи қисмати хароҷоти буҷети ноҳияро ташкил медиҳад.

Дар ин давра бештари хисорот яъне 3 млн. 366 ҳазор сомонӣ бо сабаби дар соли 2013 аз деҳаи Ғараби ҷамоати деҳоти Чубек фаромадани сел ба амал омадааст, ки 9,8 фоизи қисмати хароҷоти буҷети ноҳияро ташкил медиҳад. Дар натиҷаи фаромадани сел дар деҳаи Чойлобкамари ҷамоати деҳоти Чубек 8 хонаи истиқоматӣ қисман ва 1 бунгоҳӣ тиббӣ пурра зарар диданд.

Аз 8 ҷамоати мавҷудаи ноҳия 4 ҷамоат дар мавзеъҳои хавфноке, ки ба онҳо равандҳо табиии хатарнок таҳдид менамоянд, воқеъ мебошанд. Аз 57 деҳа 13 деҳааш зери таҳдиди хавфи табиӣ қарор доранд, ки 23 дарсади нуқтаҳои аҳолинишинро ташкил медиҳад. ро ташкил медиҳад. Шумораи хоҷагиҳои хонаводагие, ки дар минтақаи хавфнок ҷойгиранд 1544 ададро ташкил медиҳанд ва ё 13337 нафар аҳолӣ, ки ба 10% ҳамаи хоҷагиҳои хонавода баробар аст. Ҳамагӣ дар минтақаҳои хавфнок 14742 нафар умр ба сар мебарад, ки ба 10,9 % шумораи умумии аҳолӣ баробар аст.

Дар ҷадвал таносуби шумораи умумии деҳаҳо, хоҷагиҳои хонаводагӣ ва аҳолии онҳо, ки дар минтақаи хафнок ҷойгиранд, нишон дода шудааст.

*Маълумот оиди деҳаҳо, хоҷагиҳо ва аҳолие,*
*ки ба онҳо хатари офати табии таҳдид менамояд*

| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи деҳаҳо дар ҷамоат | Шумораи деҳаҳои дар минтақаи хафнок ҷойгиршуда | Шумораи деҳаҳои дар минтақаи хафнок ҷойгиршуда (%) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Шаҳрак | 1 | 0 | 0 |
| 2 | Панҷоб | 5 | 1 | 20 |
| 3 | Чубек | 21 | 9 | 43 |
| 4 | Калинин | 5 | 0 | 0 |
| 5 | Турдиев | 5 | 1 | 20 |
| 6 | Даштигуло | 4 | 0 | 0 |
| 7 | Меҳнатобод | 7 | 2 | 29 |
| 8 | Қаҳрамон | 9 | 0 | 0 |
| | Ҳамагӣ | 57 | 13 | 23 |
| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи хоҷагиҳои хонавода, ҳамагӣ | Шумораи хоҷагиҳои хонаводагие, ки дар минтақаи хафнок ҷойгиршуда | Шумораи хоҷагиҳои хонаводае, ки дар минтақаи хафнок ҷойгиршуда ( %) |
| 1 | Шаҳрак | 3000 | 0 | 0 |
| 2 | Панҷоб | 1003 | 35 | 3 |
| 3 | Чубек | 2280 | 722 | 32 |
| 4 | Калинин | 1572 | 0 | 0 |
| 5 | Турдиев | 1138 | 492 | 43 |
| 6 | Даштигуло | 2054 | 0 | 0 |
| 7 | Меҳнатобод | 2226 | 295 | 13 |
| 8 | Қаҳрамон | 1913 | 0 | 0 |
| | Ҳамагӣ | 15186 | 1544 | 10 |
| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи аҳолӣ, ҳамагӣ: | Шумораи аҳолии дар минтақаи хавфнок ҷойгиршуда | Шумораи аҳолии дар минтақаи хавфнок ҷойгиршуда (%) |
| 1 | Шаҳрак | 21600 | 0 | 0 |
| 2 | Панҷоб | 9156 | 302 | 3 |
| 3 | Чубек | 17160 | 6393 | 37 |
| 4 | Калинин | 12525 | 0 | 0 |
| 5 | Турдиев | 9390 | 4149 | 44 |
| 6 | Даштигуло | 17779 | 0 | 0 |
| 7 | Меҳнатобод | 20183 | 2533 | 13 |
| 8 | Қаҳрамон | 16797 | 0 | 0 |
| | Ҳамагӣ | 124590 | 13377 | 11 |

Дар ҷадвали поён номгӯи равандҳои табиии ба деҳаҳо таҳдидкунанда пешниҳод шудааст.

| Ҷамоат | Қишлоқ | Шакли ҷараёни таҳдидкунанда | Ҷамоат | Қишлоқ | Шакли ҷараёни таҳдидкунанда |
|---|---|---|---|---|---|
| Чубек | Саркокул | сел, обхезӣ, ярч, эрозия | Чубек | Даҳана | ярч, сел |
| | Қарағоч | ярч, сел, обхезӣ | | Маргоб | ярч, сел |
| | Оқмазор | ярч | Панҷоб | Панҷоб | сел, обхезӣ |
| | Чубек | сел, обхезӣ | Турдиев | Метентугай | сел, обхезӣ |
| | Гараб | сел, обхезӣ, тарма | Меҳнатоод | Навобод | эрозия, сел |
| | Кучай | ярч, сел | | Арчатигулди | сел |
| | Киёмчашма | ярч, сел | | | |

Дар айни замон, дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 10 хадамоте мавҷуд аст, ки онҳо бевосита ба огоҳсозии офатҳои табиӣ ҷалб гардидаанд. Дар ҷадвали зерин рӯйхати муассисаҳои мазкур бо нишон додани нерӯю воситаҳои мавҷуда, захираҳо ва эҳтиёҷоти онҳо оварда шудааст:

| Хадамоти огоҳисозӣ ва алоқа (ҶСШК «Тоҷиктелеком») | | |
|---|---|---|
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Трактор Т-28 – 1 адад | Сим П-274 – 4км<br>ТРП – 1500м | Кабел ТПП 10*2<br>20*2<br>30*2<br>50*2<br>Симчуб барои барқ – 50 адад<br>Пояи бетонӣ – 100 адад<br>Катанка – 6мм – 300кг<br>Автомошинаи хизматӣ |
| Хадамоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартибот (ШКД) | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Нива Шевроле – 1 адад<br>ВАЗ 2107 – 1 адад<br>ВАЗ 2105 – 1 адад<br>Газел – 1 адад | Мавҷуд нест | Микроавтобус – 1 адад<br>Компютер – 1 адад<br>Таҷҳизоти нусхабардорӣ – 1 адад<br>Принтер – 1 шт |
| Хадамоти сӯхторхомӯшкунӣ | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайат 15 нафар<br>Автомашинаи оташнишонӣ ЗИЛ 130 – 1 адад<br>Автомашинаи оташнишонӣ АЦ-40 – 1 адад<br>Автомобилӣ сабукрав – 1 адад | Рӯдаи оташнинишонӣ – 600 м<br>Зинапояи ба ду тараф кӯшодашаванда– 1 адад<br>Колонкаи сӯхторхомӯшкунӣ – 3 адад | Мотопомпа – 1 адад<br>Электроҳаракатдиҳанда – 1 адад<br>Компютер – 1 адад<br>Таҷҳизоти нусхабардорӣ – 1 адад<br>Принтер – 1 адад<br>Видеокамера – 1 адад<br>Суратгирак – 1 адад<br>Хайма – 1 адад |
| Хадамоти нақлиёт ва роҳ | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Автогрейдер GR – 135 – 1 адад<br>Автомобили борбардор LW – 321 – 1 адад<br>Автосамосвал МАЗ-5549 – 1 адад<br>Трактор Т-28 – 1 адад<br>Булдозер С-100 – 1 адад<br>Автомобили Тойота – 1 адад<br>Автомобил ВАЗ-2106 – 1 адад | Омехтаи қум ва намак – 216$м^3$<br>Либосҳои кори гарм – 5 ҷуфт<br>Сӯзишвории дизелӣ – 400л | Экскаватори худгард<br>Автобмашинаи боркаш<br>Булдозер |
| Хадамоти коммуналӣ | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| ГАЗ-53 – 2 адад<br>Газ-52 – 1 адад (манораи телевизионӣ)<br>ЗИЛ-130 – 1 адад (обпошак)<br>Т-40 – 1 адад<br>Т-28 – 1 адад | Қум<br>Намак<br>Ҳезум<br>Ангишт | Техникаи муосири роҳсозӣ (МАЗ, КАМАЗ)<br>Қуттиҳои ахлотпартоӣ |

| Хадамоти санитарӣ ва назорати эпидемиологӣ | | |
|---|---|---|
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Нива 21-31 – 1 адад | Хлор – 450кг<br>Таҷҳизоти озмоишгоҳи бактериологӣ | Камераи дезинфексионӣ<br>Радиомер – 2 адад<br>Компютер – 1 адад<br>Таҷҳизоти нусхабардорӣ – 1 адад<br>Принтер – 1 адад |
| Хадамоти муҳофизати ҳайвонот ва наботот | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Маълумот нест | Маълумот нест | Маълумот нест |
| Хадамоти энергетикӣ | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Автомобили КИНКИ – 1 адад<br>Автомобили ГАЗ-52 – 1 адад<br>Автомобили ВАЗ -2106 –1 адад | Кабел<br>Изолятор ШФ-10<br>Изолятор ШФ-20<br>Олоти қатъу васл кардани барқ<br>Муҳофизаткунандаи трансформатор 0, 4кВ<br>Асбоби танзимкунандаи баландшавии барқ<br>Изолятори гузаранда<br>Автоматҳои гуногун | Кран<br>Ноқил<br>Симчубҳои барои барқ<br>Ҷудокунанда 10кВ<br>Ҷудокунанда 0,4кВ<br>Трансформатор<br>КТП<br>Ноқил АПВ<br>Равғани трансформатор |
| Хадамоти тиббӣ | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Автомобили РАФ – 1 адад<br>Автомобили Чинӣ – 1 адад<br>Автомобили Нива – 2 адад<br>Автомобили ВАЗ – 2 адад<br>Трактор Т-28 – 1 адад | Ҳезум – 90 $м^3$<br>Ангишт – 30 тонна<br>Доруворӣ: аналгетик, антибиотикҳо, ғайриихтиёрӣ (спазмалитикҳо), қалбӣ, зиддивирусӣ. | Таъмири бинои беморхона<br>Таъмири бинои дорухона<br>Таъмири таҷҳизот |
| Хадамоти савдо ва хӯрока | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Мавҷуд нест | Орд – 7 тонна<br>Пиёз – 30 тонна<br>Картошка – 40 тонна | Автомобили борбардор – 2 адад<br>Яхдони калон – 2 адад<br>Таҷҳизоти муосир |

**Мушкилиҳои асосӣ ҷиҳати кам кардани офатҳои табиӣ дар ноҳия:**

- пешбинӣ нагардидани маблағ дар буҷети ноҳия барои чорабиниҳои огоҳсозии/эътино аз офатҳои табиӣ ва таъсиси системаи огоҳкунии пешакӣ, инчунин, гузаронидани чорабиниҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ дар мавзеи ниҳоят осебпазир;
- самаранок набудани фаъолияти хадамотҳои ноҳиявӣ оид ба мудофиаи шаҳрвандӣ;
- мавҷуд набудани харитаи мавзеъҳои хавфноки ноҳия.

# БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ

## 6.1. Захираҳои ташкилӣ ва инсонии ноҳия

Мақоми олии намояндагии ноҳия маҷлиси вакилони халқи ноҳия мебошад, ки аз 40 нафар (аз ҷумла 11 нафар занон) иборат мебошад. Маҷлиси вакилони халқи ноҳия на кам аз 4 маротиба дар як сол даъват мешавад ва ҳамчунон дар ҳолати зарурият, маҷлиси ғайринавбатӣ даъват карда мешавад. Мақомоти намояндагӣ аз ҳисоби вакилон комиссияҳои доимоамалкунанда созмон медиҳад ва он тибқи нақшаи корӣ фаъолият мекунад. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия аз 2 раёсат, 2 шӯъба, 8 бахш ва 42 воҳиди корӣ иборат мебошад. Дастгоҳи раиси ноҳия аз 20 воҳиди корӣ (аз ҷумла 3 нафар занон) иборат мебошад.

Ноҳияи Ҳамадонӣ агросаноатӣ мебошад ва дар ноҳия норасогии коршиносони соҳаҳои иқтисодиёт (кишоварзӣ, саноат), инфрасохтор (энергетика, транспорт, телекоммуникатсия) ба назар мерасад. Шӯъбаи иқтисодӣ назар ба ҷадвали бастҳо, ба шакли бахш пешниҳод гардидааст ва 2 нафар корманд дорад. Бахши мазкурро муовини аввали раис, ки асосан сарпарасти соҳаи кишоварзӣ мебошад, роҳбарӣ мекунад. Иртиботи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бо хоҷагиҳои деҳқонӣ тавассути қабули ҳисоботи ҳармоҳаи хоҷагиҳои деҳқонӣ оид ба корҳои иҷрогардида ва истифодаи дурусти захираи замин ба роҳ монда шудааст. Норасогии коршиносони варзида, набудани адабиёт ва дастурҳои методии муосири соҳаи кишоварзӣ, ба идоракунии самараноки соҳаҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Дар ноҳия захираи маълумотҳои омории электронии ягона созмон дода шудааст, ки кори мутахассисонро оид ба таҳияи маводи аналитикӣ, таҳлили ҳолатҳои иҷтимоӣ – иқтисодии ноҳия осон намуда, дар навбати худ барои қабули қарорҳои аз арзёбиву санҷиш гузаронидашуда, мусоидат менамояд. Мутаасифона дар ноҳия на ҳама вақт маълумоти омории расмӣ бо маълумоти аз бахшҳо пешниҳод гардида мутобиқат мекунанд, ки ин сабаби масраф гардидани вақти зиёд шуда, дар таҳлили дурусти бахшҳои хоҷагии халқ мушкилиҳо ворид месозад. Тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои ҷамъиятӣ», дар ҳудуди ноҳия 46 кумитаҳои маҳаллӣ амал мекунанд, ки роҳбаронашон дар асоси корҳои ҷамъиятӣ фаъолият менамоянд. Кумитаҳои маҳаллаҳо асосан ба танзиму тартиб даровардани расму оинҳои милливу динӣ ва гузаронидани чорабиниҳо оид ба ободонии деҳот машғул мебошанд.

## 6.2 Таъминоти молиявӣ – буҷетӣ

*Даромад ва хароҷоти буҷети ноҳияи Ҳамадонӣ*
*дар давоми солҳои 2012-2014, (ҳазор сомонӣ)*




Ноҳияи Ҳамадонӣ ноҳияи субвенсионӣ мебошад. Воситаҳои молиявии ноҳия асосан аз ҳисоби даромадҳои буҷети маҳаллӣ ва субвенсия аз сатҳҳои гуногуни буҷет (48%) ташаккул меёбад.

Механизми асосии таъминоти воситаҳои молиявӣ, нақшаи ягонаи даромадҳо ва хароҷоти ноҳия мебошад.

Дар соли 2014 буҷети ноҳия (бар замми субвенсия) аз рӯи даромаду хароҷотҳо, ба маблағи 15,5 млн сомонӣ тасдиқ шудааст. Ба таври умумӣ қисми даромади буҷа дар соли 2014 дар муқоиса бо соли 2012 ба 4,7 млн. сомонӣ ва ё ба 43,8% афзудааст.

*Сохтори қисми даромади буҷети ноҳияи Ҳамадонӣ дар солҳои 2012-2014*




| | Андоз аз даромади шахсони вокеъӣ | Андоз аз фоидаи шахсони хукукӣ | Андоз аз амволи ғайриманқул | Андози ягона | Андоз аз арзиши иловашуда | Аксизхо | Андоз аз ҳисоби воситаҳои нақлиёт | Андоз аз ҳисоби истифодабарандагони боиғарихои зеризаминӣ(роялтӣ) | Бочӣ давлатӣ | Дигар пардохтҳои ғайриандозӣ | Субвенсия аз буҷети ҷумҳуриявӣ | Маблағҳо аз буҷети давлатӣ барои хисоббаробарсозии молиявӣ. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Соли 2012 | 3356316 | 172971 | 402125 | 1834872 | 1720434 | | 444471 | 44055 | 557686 | 352805 | 11960299 | 2241670 |
| Соли 2012 | 3471415 | 173009 | 402501 | 1900783 | 1773553 | 5050 | 502076 | 66317 | 513585 | 376283 | 11425962 | 2741670 |
| Соли 2013 | 4684698 | 588750 | 898067 | 3718772 | 1456435 | | 761384 | 102958 | 781212 | 367709 | 18211675 | 1783790 |
| Соли 2013 | 4758464 | 588874 | 898171 | 3835910 | 1457257 | 10316 | 761564 | 146471 | 936985 | 379968 | 18015733 | 1782790 |
| Соли 2014 | 5664965 | 758676 | 1541848 | 3800175 | 1436447 | | 836131 | 118250 | 552769 | 488523 | 23136580 | 75080 |
| Соли 2014 | 6005955 | 808010 | 1563994 | 3830069 | 1498851 | 4432 | 847201 | 126215 | 606983 | 498187 | 23067308 | 75080 |

Даромади ноҳия аз ҳисоби 10 намуди андоз сурат мегирад. Аз ҳама андози афзалиятноки ноҳия ин андоз аз шахсони воқеӣ мебошад, ки ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии даромадҳои худӣ, дар соли 2014 беш аз 38,1%-ро (тақрибан 6006 ҳазор сомонӣ) ташкил додаст.

*Сохтори ташаккулёбии даромадҳои асосии буҷети ноҳияи Ҳамадонӣ (бо %)*



Дар соли 2014 ҳиссаи андоз аз даромади шахсони воқеъӣ аз 16,9% то 38,1% ва ҳиссаи андоз аз ҳисоби воситаҳои нақлиёт бошад аз 4,5 % то ба 5,4 % афзудааст. Ин афзоиш ба ҷамъоварии бомавриди андоз, афзудани даромади аҳолӣ аз ҳисоби рушди соҳибкории хурду миёна иртибот дорад.

Дар соли 2014 қисми даромади буҷет 102% барзиёд иҷро шудааст.

Қисми хароҷотии буҷети ноҳия асосан барои ҳалли масъалаҳои бахши иҷтимоӣ, пеш аз ҳама ба соҳаҳои маориф 64% ва тандурустӣ 20% равона гардидааст.

*Нақша ва иҷроиши қисми даромади буҷети ноҳияи Ҳамадонӣ дар соли 2014*




*Таркиби қисми хароҷотии буҷети ноҳия дар солҳои 2012-2014 ба ҳисоби %*



| | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Идоракунии давлатӣ | 6,3% | 4,7% | 5,1% |
| Маориф | 59,6% | 62,7% | 63,4% |
| Тандурустӣ | 23,9% | 23,3% | 23,1% |
| Ҳифзи иҷтимоӣ | 1,1% | 0,8% | 0,9% |
| ХМК | 2,9% | 2,3% | 1,9% |
| Фарҳанг ва варзиш | 2,0% | 2,3% | 2,7% |
| Кишоварзӣ | 1,5% | 1,7% | 2,2% |
| Дигар хароҷотҳо | 0,9% | 1,0% | 0,7% |

Новобаста аз он ки дар соли 2014 қисми даромаднокии буҷет барзиёд иҷро гардида бошад ҳам, қисми хароҷотии буҷет ба таври умумӣ 2,2% иҷро нашудааст.

**Кӯмакҳои хориҷӣ.** Дар рушди иқтисодиёти ноҳия инчунин сармояи ташкилотҳои байналмилалӣ ҷалб мегардад. Дар доираи татбиқи лоиҳаи «LITACA» ва Барномаи Рушди СММ дар соҳаи иҷтимоӣ, тақвияти иқтидор ва имкониятҳои мутахассисони маҳаллӣ, инчунин иҷрои як қатор чорабиниҳои зарурӣ пешбинӣ гардидаанд.

# БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Низоми мониторинг ва арзёбӣ унсури муҳим дар татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия ба ҳисоб рафта, мушоҳидаи ҷараёни корҳо, мушкилотҳои ҷойдошта ва натиҷаҳои бадастомадаро ошкор месозад. Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва бонизом дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии Барнома таъмин гардида, омилҳои зерин ошкор карда шаванд:

– то кадом андоза ба ҳадафҳои Барнома муваффақ мешавем;
– татбиқи лоиҳаҳои дар Барнома воридгардида ва натиҷаи онҳо.

Низоми мониторинги Барномаи рушди ноҳия аз рӯи ду унсур (мониторинги натиҷавӣ ва мониторинги татбиқи лоиҳаҳо) гузаронида мешавад.

*Мониторинги натиҷавӣ* аз рӯи индикаторҳо (нишондиҳандаҳо) гузаронида шуда, тавассути он то кадом андоза ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда муайян карда мешавад (як маротиба дар охири сол гузаронида мешавад).

*Мониторинги татбиқи лоиҳаҳо* аз рӯи ҷойгиршавӣ, мӯҳлат, сарчашмаи маблағгузорӣ ва масъулин гузаронида мешавад. Барои гузаронидани он ҷадвали электронӣ бо формати «Excel» тартиб дода шуда, ҳар семоҳа ба таври синхронӣ бо ҳисоботи лоиҳаҳо аз нав тасҳеҳ карда мешаванд.

Дар охири сол ҳангоми зарурият арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои Барнома бо назардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон), ки ҳолати бахши мазкурро хуб медонанд, гузаронида мешавад.

## Занҷири мантиқии блоки иқтисодӣ

| | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Масъулин | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Индикатори натиҷаи пешбинишуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Кишоварзӣ** | | | | | | | | | | | |
| | Бехтар намудани холати инфрасохтори соҳаи кишоварзи | Бехтар намудани холати мелиоративии заминхо, баланд бардоштани маҳсулнокии чорводорӣ ва беҳтар намудани дастраси хоҷагиҳои кишоварзӣ бо тухмиҳои хушсифат | 1.1. Таҷдид ва барқарорсозии пойгоҳи обкашии Совети Олӣ дар Ҷамоати деҳоти Дашти гуло (насб намудани 4 агрегат бо тамоми таҷҳизотҳояш) | 1100 | | 200 | 200 | 400 | 300 | МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ | Сармояи хориҷӣ | То соли 2020 зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба соли 2014 ба 30-35 фоиз. |
| | | | 1.2. Барқарорсозии обравҳои навагӣ ба масофаи 1 км дар Ҷамоати Дашти гуло (Аз деҳаи Энглес то деҳаи Сурхоб) | 400 | | 120 | 120 | 160 | | МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ | Маблагҳои худӣ | |
| | | | 1.3. Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 400 гектар заминҳо дар ҳудуди деҳаи Тагноб | 250 | | 50 | 100 | 100 | | МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | | 1.4. Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 300 гектар заминҳо дар мавзеи дарёи Сурхоб дар ҳудуди ҷамоати деҳот и Дашти гуло | 550 | 130 | 140 | 150 | 130 | | МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ | Маблагҳои худӣ | |
| | | | 1.5.Тоза намудани 4 км заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагӣ ва 3 км байнихочагӣ дар ҳудуди деҳаи Тагноб | 160 | | 60 | 50 | 50 | | МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | | 1.6. Бехтар намудани таъминоти оби полезии 180 га замин дар мавзеи Гулободи Ҷамоати деҳоти Меҳнатобод тавассути васл намудани 2 км қубурҳои обгузар | 800 | 100 | 200 | 200 | 200 | 100 | ИДБЗО-и ноҳия | Сармояи хориҷӣ | |
| | | | 1.7. Тоза намудани захбуру захкашхои байнихоҷагӣ ба масофаи 6 км аз Ҷамоати деҳоти Дашти гуло то Ҷамоати деҳоти Меҳнатобод | 240 | | 140 | 100 | | | ИДБЗО-и ноҳия | Номуайян | |
| | | | 1.8. Тоза намудани 10 км заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ ва байнихоҷагӣ дар Ҷамоати деҳоти Қаҳрамон | 400 | 100 | 100 | 100 | 100 | | ИДБЗО-и ноҳия | Номуайян | |
| | | | 1.9. Тоза кардани захбуру захкашҳои байнихоҷагӣ ва дохилихоҷагӣ дар Ҷамоатҳои деҳоти Дашти гуло ва Панҷруд | 320 | | | 100 | 100 | 120 | МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ | Буҷети вилоятӣ | |

| | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Масъулин | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Индикатори натиҷаи пешбинишуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *1.10. Тоза намудани 5 км заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ ва байнихоҷагӣ дар Ҷамоати деҳоти Турдиев* | *700* | | | *200* | *200* | *300* | *МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | |
| | | | *1.11.Тоза намудани 27 км каналҳои ЭР 1, ЭР 3, ЭР 4, Эр5, ЛР 6, ЛР 3, ПР 10, Р7 дар ҳудуди ҷамоатҳоиЧубек, Қаҳрамон , Панҷруд, Дашти гуло ва Меҳнатобод* | *220* | | | *110* | *110* | | *МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ* | *Сармояи хориҷӣ* | |
| | | | *1.12. Дастрас намудани техникаҳои пуриқтидори замонавӣ барои ИДБЗО ҷиҳати тоза намудани заҳбуру заҳкашҳо ва каналҳо* | *1520* | | *150* | *180* | *190* | *1000* | *МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ* | *Номуайян* | |
| | | | *1.13.Ташкили 2 нуқтаи хизматрасонии бойторӣ дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳот* | *80* | | *40* | *40* | | | *МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ* | *Соҳибкорон* | |
| | | | *1.14.Ташкили нуқтаи таъминоти СРМ, тухмиҳо, нуриҳои минералӣ ва қисмҳои эҳтиётии техникаи кишоварзӣ дар ноҳияи Ҳамадонӣ* | *1200* | *200* | *500* | *500* | | | *МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ* | *Соҳибкорон* | |
| | | | *1.15. Ташкил намудани фермаи чорвопарварӣ барои 100 сар чорво* | *1000* | | *100* | *300* | *600* | | *МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ* | *Соҳибкорон* | |
| | | | *1.16. Дастрас намудани техникаҳои кишоварзӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ташкили маркази хизматрасонии техникӣ* | *800* | | *200* | *300* | *100* | *200* | *МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ* | *Сармояи хориҷӣ* | |
| | | | *1.17. Сохтмон ва таҷҳизонидани лабораторияи ташхиси байторӣ дар маркази ноҳия* | *1100* | | | *500* | *600* | | *МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | |
| | | | *1.18. Тоза намудани 6 км захбур дар деҳаи Файзободи Ҷамоати деҳоти Дашти гуло* | *300* | | *100* | *100* | *100* | | *ИДБЗО ноҳия* | *Номуайян* | |
| | | | *Маблаги умумии соҳаи кишоварзӣ* | *11140,0* | *530,0* | *2100,0* | *3350,0* | *3140,0* | *2020,0* | | | |
| | | | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *2210,0* | | *110,0* | *850,0* | *950,0* | *300,0* | | | |
| | | | *Буҷети вилоятӣ* | *320,0* | | | *100* | *100* | *120* | | | |
| | | | *Маблагҳои худӣ* | *950,0* | *130,0* | *260,0* | *270,0* | *290,0* | | | | |
| | | | *Сармояи хориҷӣ* | *2920,0* | *100,0* | *600,0* | *810,0* | *810,0* | *600,0* | | | |
| | | | *Соҳибкорон* | *2280,0* | *200,0* | *640,0* | *840,0* | *600,0* | | | | |
| | | | *Номуайян* | *2460,0* | *100,0* | *490,0* | *480,0* | *390,0* | *1000,0* | | | |

| | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Масъулин | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Индикатори натиҷаи пешбинишуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Соҳибкории хурду миёна ва саноат** | | | | | | | | | | | | |
| | *Мусоидат намудан ба рушди соҳибкории хурду миёна* | *Ҷалб намудани бештари соҳибкорон ба рушди иқтисодиёти ноҳия* | *2.1. Сохтмони коргоҳи дӯзандагӣ дар шаҳраки Москва барои 30 ҷои корӣ* | *400* | *100* | *200* | *100* | | | *МИҲД* | *Соҳибкорон* | *Зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар бахши соҳибкории хурду миёна ва саноат то соли 2020 то 37 %.* |
| | | | *2.2. Бунёди коргохи коркарди сангу шагал дар Ҷамоати деҳоти Қаҳрамон бо 15 ҷои корӣ* | *500* | *50* | *250* | *200* | | | *МИҲД* | *Соҳибкорон* | |
| | | | *2.3. Сохтмони коргоҳи хурди коркарди мева ва сабзавот дар шаҳраки Москва* | *600* | | *200* | *200* | *200,0* | | *МИҲД* | *Соҳибкорон* | |
| | | | *2.4. Азнавсозии технологии коргоҳи коркарди пахта ва истеҳсоли равгани растанӣ дар шаҳраки Москва* | *900* | | | *400* | *500,0* | | *МИҲД* | *Сармояи хориҷӣ* | |
| | | | *2.5. Ташкили коргоҳи хурд оид ба коркарди гӯшт ва шир дар Ҷамоати деҳоти Дашти гуло* | *350* | | *350* | | | | *МИҲД* | *Соҳибкорон* | |
| | | | *2.6. Азнавсозии фермаи бӯрдоқипарварӣ дар Ҷамоати деҳоти Меҳнатобод, деҳаи Гулистон* | *600* | | *400* | *200* | | | *МИҲД* | *Сармояи хориҷӣ* | |
| | | | *2.7. Ворид намудани хати технологии нави истеҳсоли консерваи меваю сабзавод дар ҷамоати деҳоти Қаҳрамон* | *200* | *100* | *100* | | | | *МИҲД* | *Соҳибкорон* | |
| | | | *2.8. Бунёди корхонаи хурди коркарди чубу тахта ва истеҳсоли дару тирезаҳои пластикию альюминӣ дар шаҳраки Москва* | *400* | | *200* | *200* | | | *МИҲД* | *Соҳибкорон* | |
| | | | *2.9. Сохтмони нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ва гази моеъ дар ҷ/д Меҳнатобод* | *300* | | *100* | *200* | | | *МИҲД* | *Соҳибкорон* | |
| | | | *2.10. Сохтмони нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ва гази моеъ дар марказӣ ноҳия* | *900* | | *200* | *300* | *300,0* | *100* | *МИҲД* | *Соҳибкорон* | |
| | | | *2.11. Азнавсозии коргоҳи истеҳсоли хишт дар ҳудуди Ҷамоати деҳоти Чубек деҳаи Мехрвар* | *1800* | *200* | *400* | *400* | *800,0* | | *МИҲД* | *Сармояи хориҷӣ* | |
| | | | *2.12. Ташкили коргоҳи хурди коркард ва истеҳсоли масолехи бинокори дар ҷамоатхои деҳот и Дашти гуло, Турдиев, Қаҳрамон* | *900* | | *300* | *300* | *300,0* | | *МИҲД* | *Соҳибкорон* | |

| | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Масъулин | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Индикатори натиҷаи пешбинишуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *Маблаги умумии СХМ ва саноат* | *7850* | *450* | *2700* | *2500* | *2100,0* | *100* | | | |
| | | | *Сармояи хориҷӣ* | *3300* | *200* | *800* | *1000* | *1300,0* | | | | |
| | | | *Маблагҳои соҳибкорон* | *4550* | *250* | *1900* | *1500* | *800,0* | *100* | | | |
| **Сохтмон** | | | | | | | | | | | | |
| | *Ба талаботи шаҳрсозӣ мутобиқ намудани марказӣ ноҳия ва марказҳои ҷамоатҳои деҳоти ноҳия* | *Беҳтар намудани шароити кории сохторҳои мақомоти маҳаллӣ* | *3.1. Таҳияи нақшаи генералии марказӣ ноҳияи Ҳамадонӣ - шаҳраки Москва* | *300* | *300* | | | | | *МИХД-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ* | *Буҷети маҳаллӣ* | *То соли 2020 ба кор даровардани фондҳои асосӣ ба маблаи 22 млн сомонӣ.* |
| | | | *3.2. Сохтмони биноӣ маъмурии шӯъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Ҳамадонӣ* | *1300* | | | *800* | *500* | | *МИХД-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ* | *Маблагҳои худӣ* | |
| | | | *3.3. Сохтмони хонаи истиқоматии 12 ҳуҷрадор дар шаҳраки Москва* | *3000* | *280* | *620* | *2000* | *100* | | *МИХД-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ* | *Соҳибкорон* | |
